
РАҲИМЗОДА
МАҲМАД ЗАБИР
СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ
СОҲИБКОРӢ: НАЗАРИЯ ВА
ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ

**Раҳимзода Маҳмад Забир**

# СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ: НАЗАРИЯ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ

**Душанбе - 2023**

**Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинов**

**Шуъбаи ҳуқуқи хусусӣ**

**РАҲИМЗОДА МАҲМАД ЗАБИР**

# СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ: НАЗАРИЯ ВА ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ

## МОНОГРАФИЯ

Душанбе – 2023

**ТКБ 67.91(5)**
**Р-42**

Бо қарори Шурои олимони Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия карда шудааст

**Раҳимзода М. З.** узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон.- Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ: назария ва танзими ҳуқуқӣ. Монография. -Душанбе, 2023. 206. саҳ.

**Муқарризон:**
**Маҳмудзода М. А.**-академик, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, пофессор
**Сангинзод Д. Ш.** -доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, пофессор

Китоби мазкур ба проблемаҳои мубрами танзими ҳуқуқии фаъолияти субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус соҳибкорони инфиродӣ, корпоратсияҳо, корхонаҳои воҳиди давлатӣ бахшида шудааст. Дар он мафҳум, намудҳо ва шаклҳои ташкили ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо дарназардошти омӯзиш андешаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ, инчунин, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон , мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Китоби мазкур барои бакалаврҳо, магистрҳо, унвонҷуён, омӯзгорони факултаҳои ҳуқуқшиносӣ ва иқтисодӣ, кормандони амалия ва доираи васеъӣ хонандагон тавсия карда мешавад.

Заминаи меъёрӣ ба ҳолати то 1 июли соли 2023 оварда шудааст.

**ISBN 978-99985-0-422-6**

Душанбе - 2023

# МУНДАРИҶА

Муқаддима................................................................ 5
Боби 1. Ҳолати ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ................................................................ 7
§1.Асосҳои конститутсионии ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ................................................ 7
§2.Мафҳум ва намудҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ................................................................ 12
§3.Қобилияти соҳибҳуқуқии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва мазмуни он ............................................ 21
§4.Молумулки субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ.......... 28
Боби 2. Вазъи ҳуқуқии соҳибкори инфиродӣ ................. 40
§1.Мафҳум, намудҳо ва шакли соҳибкори инфиродӣ..... 40
§2.Ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун унсурӣ қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд ......... 52
Боби 3. Корпоратсияҳо ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ................................................................ 63
§1.Мафҳум ва намудҳои корпоратсия ........................... 63
§2.Таъсиси ташкилотҳои корпоративӣ.......................... 71
§3.Бақайдгирии давлатии ташкилотҳои корпоративӣ.... 76
Боби 4. Шаклҳои ташкили ҳуқуқии ташкилотҳои корпоративии тиҷоратӣ................................................... 83
§1.Ширкат ва ҷамъиятҳои корпоративӣ: умумият ва фарқият................................................................ 83
§2.Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ ....... 94
§3.Ҷамъияти саҳомӣ ва намудҳои он ............................ 100
§4.Идоракунии ҷамъиятҳои корпоративии хоҷагӣ......... 116
§5.Гурӯҳои корпоративӣ, ҷамъиятҳои фаръӣ ва вобаста. Шахсони бонуфуз............................................ 130
§6.Иттиҳодияҳои корпоративии тиҷоратӣ .................... 140
§7. Кооперативҳои тиҷоратӣ........................................... 147
Боби 5.Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ...................................................... 161
§1.Мафҳум ва намудҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ.. 161
§2.Ташкилотҳои корпоративии ғайритиҷоратӣ ва

фаъолияти соҳибкорие, ки онҳо амалӣ менамоянд......... 163
Боби 6. Хусусиятҳои ҳолати ҳуқуқии баъзе корпоратсияҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ.............. 172
§1.Ҳолати ҳуқуқии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ. 172
§2.Вазъӣ ҳуқуқии ташкилотҳои суғуртавӣ...................... 186
Боби 7. Ҳолати ҳуқуқии корхонаҳои воҳиди давлатӣ ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ........................... 194

# МУҚАДДИМА

Китоби мазкур ба масъалаҳои ҳолати ҳуқуқии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Вай бо дарназардошти андешаҳои олимон дар бораи соҳибкор ва субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин, қонунгузории амалкунандаи тоҷикистон, бахусус Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар таҳририи нав 24 декабри соли 2022[1] қабул карда шуд, омода карда шудааст. Бояд қайд намоям, ки ҷабҳаҳои гуногуни субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ҳануз хело барвақт дар асарҳо ва мақолаҳои илмии банда мавриди омӯзиш қарор дода шуда буд. Омӯзиш нишон дод, ки масъалаи мазкур зарурият ба таҳқиқи ҷиддиро дорад. Зеро дар кишвари мо то ба ҳол ягон монографияи илмии мукаммал ба масъалаи субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус корпоратсияҳо бахшида нашудааст, агарчанде ҷабҳаҳои алоҳидаи он дар асарҳои олимони ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошад ҳам. Ҳамзамон, олимони ҳуқуқи маданӣ дар таҳқиқотҳои худ аз истифодаи ин мафҳум бо сабабҳои ба ҳама маълум худро дар канор мегиранд. Онҳо одатан дар асарҳои худ категорияҳои «субъектҳои ҳуқуқи маданӣ», «шаҳрвандон» ва «шахсони ҳуқуқи»-ро истифода мебаранд.

Қайд бояд намоем, ки гузариш ба иқтисодӣ бозорӣ ва дар сатҳи Конститутсияи ҶТ мустаҳкам кардани гуногуншаклии моликият ва озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ барои рушди мустақилияти субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ шароит фароҳам овард. Дар натиҷа ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ дар қатори дигар ҳуқуқ ва озодиҳои инсон заминаи ҳуқуқиро на танҳо дар Конститутсия, балки дар қонунгузории Тоҷикистон, бахусус Кодекси маданӣ (м.19) пайдо кард. Чунин ҳолат ҳавасмандии субъектҳои фаъолияти соҳибкориро, ки соли 2022 ба 339

[1] Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон //Садои мардум, №1-9, аз 2 январи соли 2023

ҳазор[2] расидааст барои ноил шудан ба натиҷаи ниҳои он гирифтани фоида, баланд бардошта, боиси зиёд шудани доираи онҳо гардид. Ба фаъолияти соҳибкорӣ на танҳо шаҳрвандон, балки шаклҳои ташкили ҳуқуқии гуногуни субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонанд. Нақши корпоратсия ва дигар ташкилотҳои корпоративӣ дар амали гардонидани фаъолияти соҳибкориро афзуд. Ин дар навбати худ зарурияти муайян намудани мавқеӣ онҳоро дар қатори дигар субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ тақозо менамояд. Аз тарафи дигар ҳолати ҳуқуқии баъзе ташкилотҳои тиҷоратӣ, ба монанди ташкилотҳои қарзӣ ва суғуртавӣ бо дарназардошти рушди қонунгузории Тоҷикистон ба таври бояду шояд дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудааст. Ҳамаи ин моро водор менамояд, ки ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, онро дар монографияи мазкур мавриди таҳқиқ қарор диҳем.

[2] Ниг.: Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»//Ваҳдат, №24 (440), декабри соли 2022,

# БОБИ1. ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ СУБЪЕКТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

## §1.Асосҳои конститутсионии ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ

Конститутсияҳои ҳозиразамони бисёр давлатҳо дорои меъёрҳои зиёде мебошанд, ки муносибатҳоро дар соҳаи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ ба танзим медароранд. Ин боиси дар илми ҳуқуқшиносӣ ба вуҷуд омадани мафҳуми «иқтисодиёти конститутсионӣ» гардидааст. Иқтисодиёти конститутсионӣ гуфта маҷмӯи муқаррароти ягонаи конститутсионии ба ҳам алоқаманди муносибатҳои иқтисодиро бо проблемаҳои рушди он мефаҳманд. Дар Конститутсияи кишвари мо албатта ҳеҷ гуна муқаррарот дар бораи низоми иқтисодӣ вуҷуд надорад. Инчунин, боби алоҳида ба танзими иқтисодёт бахшида нашудааст. Вале муқаррароти конститутсионӣ оид ба иқтисодиёт дар бораи гуногуншаклии моликият, озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқии шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ ва ҳифзи онҳо, инчунин кафолати онҳо мавҷуд мебошад (м. 12 Конститутсия). Ин принсипҳо қисми умумии «иқтисодиёти конститутсиони»-ро ташкил медиҳанд. Меҳвари онро меъёрҳои Коститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ, соҳибкорӣ ташкил медиҳад. Аз он ҷумла, ҳуқуқ ба озодии фаъолияти соҳибкорӣ (м.12), ҳуқуқ ба моликият (м. 32), ҳуқуқ ба товони зарари маънавӣ ва моддие, ки ба шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида расонида шудааст (м. 32), ҳуқуқ ба интихоби касбу кор (м. 35).

Ба таркиби меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, инчунин, меъёрҳои Конститутсияи ҶТ, ки тартиботи оммавии иқтисодиро муқаррар менамоянд дохил мешавад. Аз он ҷумла, меъёрҳо оид ба маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодии инсон, бо мақсади таъмини

ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон (м.14), оид ба доира дахолати давлат ба иқтисодиёт. Аз ҷумла, ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молумулки шахсро барои эъҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад (м. 32), дар бораи ҳатмӣ будани супоридани андоз ва дигар пардохтҳо (м.45), оид ба тасдиқи барномаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ (м.57), дар бораи салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба муайян намудани низоми пулӣ (м.69), оид ба сиёсати доду гирифти қарзӣ давлатӣ ва буҷетӣ давлатӣ (м. 59, 60, 75).

Бояд қайд намоем, ки новобаста аз муҳимияти муқарраротҳои дар боло зикркардашуда оид ба иқтисодиёт ва соҳибкорӣ дар конститутсия онҳо наметавонанд асос ва мазмуни дигар муқаррароти Қонуни асосиро муайян намоянд. Чунин нақшро умуман меъёрҳо дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд ва инсон, бо дарназардошти муқаррароти ҳуқуқ ба моликияти хусусӣ, озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ, ҳуқуқ ба муттаҳидшавӣ ва интихоби касб иҷро менамоянд. Зимнан, агар давлат ба шахс озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкориро эътироф намояд, вай инчунин, уҳдадор аст, ки дар ҳудуди худ ба ӯ фазои ягонаи иқтисодиро кафолат диҳад. Ба ин муқаррароти муҳими конститутсионӣ уҳдадории давлат оид ба таъмин намудани чунин заминаҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ба монанди низоми ягонаи пулӣ, низоми ягонаи бонкҳо, ҳаракати озодонаи мол ва хизмат, ҳифзи сармоя дар ҳудуди он ва ҳифзи рақобат мутобиқат менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки асосҳои иқтисодии сохти конститутсионӣ, ки дар боби 1 дарҷ гардидааст ба ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодие, ки дар боби 2 Конститутсияи ҶТ ифода ёфтааст алоқаи мутақобила доранд. Аввало, меъёрҳои боби 2, ки ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодии инсон ва шаҳрвандро муқаррар менамояд аз меъёрҳои моддаи 12 боби 1 ба миён

меояд. Баъдан, меъёрҳои боби 2 воситаи муҳими кафолати амалинамоии навиштаҷотӣ м. 12 боби 1 мебошад[3].

Бояд қайд намоем, ки дар низоми ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, аз он ҷумла ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодӣ, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ, ҷои мустақилро ишғол менамояд. Машғул шудан ба он ифодаи озодии фаъолияти соҳибкорӣ буда, ва ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва озодиҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд мебошад. Агарчанде, ки ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун яке аз намуди ҳуқуқҳои иқтисодӣ дар м. 12 Конститутсияи ҶТ бевосита мустаҳакам карда нашуда бошад ҳам, вале вай аз моҳияти қисми 2 моддаи мазкур ба миён меояд, ки тибқи он давлат озодии фаъолияти иқтисодӣ, соҳибкориро кафолат медиҳад. Дар ин ҷо қайд менамоем, ки сухан на дар бораи ҳуқуқ, балки дар бораи озодии фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун қисми таркибии озодии фаъолияти иқтисодӣ, инчунин, унсури асоси сохти конститутсионӣ ва принсипҳо меравад. Аз инҷо ризо шудан ба ақидаи баъзе олимони ватанӣ, ки ба мазмуни «озодии фаъолияти соҳибкорӣ» ҳамагуна фаъолияти ба соҳаи иқтисодӣ тааллуқ дошта дохил мешавад ва ё ба ҳам омехта кардани онҳо, қобили қабул намебошад[4]. Зеро фаъолияти соҳибкорӣ чи тавре, ки қайд кардем қисми таркибии фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Аз тарафи дигар бояд қайд намоем, ки категорияи «озодии фаъолияти соҳибкорӣ» ҳамчун принсип ифодагари ҳуқуқи субъективӣ низ мебошад. Пас, озодии фаъолияти соҳибкорӣ мазмуни гуногун дорад. Ҳангоме, ки ба озодии фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун таҷассумгарӣ «ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ» баҳо медиҳем, мо салоҳияти шахс ва иттиҳодияҳои онҳоро барои амали намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар назар дорем. Вале

[3] Ниг.: Рахимов М. З. Избранные труды по гражданскому и предпринимательскому праву.- Душанбе “Ирфон”, 2014.-С.599.

[4] Ниг.; Диноршоев А. М. Ганиев Р. Г., Салохидинова С. М.Конститутсионная экономика. -Душанбе, 2018.-С.54.

машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун ҳуқуқ чи тавре, ки қайд карда будем дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таври мушаххас ифода наёфтааст[5]. Аз инҷо зарурияти танзими он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён меояд[6]. Хушбахтона, ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ дар м. 19 Кодекси мадании дар таҳририӣ нав қабулкардашуда ба ҳайси қисми таркибии мазмуни қобилияти ҳуқуқдории шаҳрвандон муқаррар карда шуд.

Баъзе олимон озодии фаъолияти соҳибкориро ҳамчун ҳуқуқи субъективӣ барраси намуда, қайд менамоянд, ки ҳуқуқи субъективӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ мураккаб, ҷамбасткардашуда ва дуюминдараҷа мебошад[7]. Ба он ризо шудан мумкин нест, ки ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ, ҳуқуқӣ дуюминдараҷа мебошад. Аввало, ҳамаи ҳуқуқҳои субъективӣ дар як лаҳза бавуҷуд омада, бо ҳам алоқаманданд ва амалӣ намудани онҳо бо дараҷаи заруриятащон вобаста мебошад[8]. Сониян, ҳуқуқи субъективӣ унсури мазмуни муносибатҳои ҳуқуқӣ буда, дар маънии субъективӣ салоҳияти субъекти ҳуқуқ мебошад.Ҳамчун ҳуқуқи субъективии конститутсионӣ ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ чораи имкони рафтори шахс мебошад, ки бо санади меъёрии ҳуқуқӣ таъмин буда, барои ноил шудан ба мақсади дарназардошта равона карда шудааст.

---

[5] Ниг.: Рахимов М. З. Конститутционные основы прав и свобод на занятие предпринимательской деятельностью/Конституциионное развитие Таджикистанаи США.- Душанбе-Ура-Тюбе, 20-24июня 1995г, 1996.-С. Рахимов М. З. Проблемы свободы предпринимательской деятельности в законодательстве Республики Таджикистан/Таджикистан на пути правовому государству.- Душанбе, 1996.-С.83-84.

[6] Ниг.; Диноршоев А. М. Ганиев Р. Г., Салохидинова С. М.Конститутсионная экономика.-С.61- 62.

[7] Ниг.: Гаджиев Г. А. Защита основных экономических прав и свобод препринимателей за рубежом и в Российском Федерации: Опыт сравнительного исследования.-М., 1995. –С.169-170.

[8] Ниг.: Рахимов М. З. Исполнение хозяйственных обязательств: Встречное исполнение -Душанбе, 1990.-С.25-26.

Масъалаи тааллуқ доштани ҳуқуқи субъективии машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳуқуқи оммавӣ ё ин ки хусусӣ низ аз тарафи баъзе олимони ҳуқуқшинос, аз ҷумла В. Ф. Попондупулло мавриди шубҳа қарор дода шудааст[9]. Ба ақидаи мо ба кадом соҳаи ҳуқуқ тааллуқ доштани ҳуқуқи мазкур бояд бо дарназардошти шароити мушаххас ҳал карда шавад. Дар ҳолатҳое, ки дар байни субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ муносибатҳои амудӣ (молумулки) бавуҷуд меоянд, ин муносибатҳо предмети танзими ҳуқуқи маданӣ мебошанд. Ва агар муносибатҳои зикршуда, аз рӯи мазмуни худ хислати идоракунӣ дошта бошанд, он гоҳ онҳо бо меъёрҳои ҳуқуқи оммавӣ ба танзим дароварда мешаванд. Муносибатҳои мазкур бо ҳам дар алоқамандии зич қарор доранд. Аз ин ҷо чунин алоқамандӣ ба мо имконият медиҳад, ки оид ба ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳамчун соҳаи комплексӣ ибрози ақида намоем.

Ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ хислати ягонагӣ дошта, ба салоҳиятҳои иборат аз амалҳои алоҳида намегузарад. Мазмуни ин ҳуқукро танҳо ҳангоми таҳлилӣ маҷмӯи салоҳиятҳои дар қонунгузорӣ мустаҳакам кардашуда, муайян намудан мумкин аст.

Мазмуни ҳуқуқи субъективии соҳибкорро маҷмӯи салоҳиятҳои зерин ташкил медиҳад:

1) ҳуқуқи аз ҷониби худ содир намудани амал;

2) ҳуқуқи аз дигар кас талаб кардани иҷрои уҳдадорӣ ба манфиати соҳибкор;

3) имконияти аз ҷониби соҳибкор ҳимоя кардани манфиатҳои худ.

---

[9] Ниг.: Государство и право. 1996,- №6- С.157.

## §2.Мафҳум ва намудҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ

Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расман мафҳуми ҳуқуқии «соҳибкор» дода нашудааст. Аз ин ҷо шахсияти соҳибкор диққати иқтисодчиён, ҳуқуқшиносон, сотсиологҳо ва намояндагони илмҳои гуногунро ба худ ҷалб намудааст[10]. Дар адабиёти иқтисодӣ соҳибкор ҳамчун шахсе муаррифӣ карда мешавад, ки фаъолияти худро барои пайдо кардани маблағ равона намуда, имконияташро барои ташкил ва идораи корхона истифода бурда, таваккали соҳибкориро ба зимма мегирад[11]. Истилоҳи "соҳибкор" дар Фарҳанги забони тоҷикӣ" ба маънои сардори кор, корфармо; сардор, роҳбар омадааст[12].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ соҳибкор шахсеро меноманд, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамояд, яъне субъекти фаъолияти соҳибкорӣ мебошад[13]. Ба ақидаи мо соҳибкор

---

[10] Эзоҳ.;Истилоҳи "соҳибкор" аз тарафи иқтисодчии франсавӣ Р. Кантилон дар истифода қарор дода шуд. Ба ақидаи вай соҳибкор инсоне мебошад, ки қобилияти иҷро кардани функсияи фарққунанда аз соҳибмулкро дошта, дар шароити таваккал амал менамояд (Ниг.: Автономов В. С. Предпринимательская функция в экономической системе.- М., 1990; Предприеимательское право Российской Федерации\ отв. Ред. Ею П. Губин, П. Г. Лахно. -М., 2005.- с.25.). Ба ақидаи иқтисодчии дигари Франсуз Ж. Б. Сей соҳибкор шахсе мебошад, ки омилҳои истеҳсолиро бо мақсади ноил шудан ба самараи баланди иқтисодию иҷтимоӣ муттаҳид менамояд. Муҳимтарини онҳо мунтазам ба даст даровардани фоида мебошад (Ниг.: Сей Ж. –Б. Трактат политической экономии. М., 1896. – С. 17, 24.). Кӯшиши фаҳмиши соҳибкорӣ ҳамчун омили асосии инкишофи иқтисодиёт аз тарафи Й. Шумпетер карда шудааст. Вай соҳибкорро на танҳо ҳамчун таваккалкунанда, балки ҳамчун навовар баҳо медиҳад ([10] Ниг.: Шумпетер Й. Теория экономического развития.- М., 1982. -С. 159.).

[11] Энциклопедический словарь бизнесмена. Менеджмент, маркетинг, информатика.- К., С.554.

[12] Ниг.: Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.2. М., " Советская энциклопедия" , 1969.-С. 266.

[13] Предпринимательское право Российской Федерации\Отв. ред. Е. П.Губин, П. Г Лахно.- М..: Юристь, 2005-С.19;Коммерческое

бояд шахсе дониста шавад, ки мустақилан, мунтазам, дар асоси таваккали худ ба фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади ба даст даровардани фоида бо тартиби муқарраркардаи қонунгузорӣ машғул шуда, ва ба ҳамин сифат ба қайд гирифта шуда бошад.

Дар қонунгузории амалкунанда меъёрҳо ва ҳатто институтҳои зиёде мавҷуданд, ки қоидаҳои ташкил ва фаъолияти шахсонро оид ба машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ менамояд. Аз ҷумла, дар Кодекси маданӣ- ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ (м.19), фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон (м.24), муфлисшавии соҳибкори инфиродӣ (м.26), ташкилотҳои тиҷоратӣ ( м. 50), ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ (м. 69 - 117) ва ғ.. Кодекси андоз ҶТ.-субъектҳои муносибатҳои андозӣ ( м. 14), фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайрисоҳибкорӣ ( 15 ) ва ғ.

Дар муносибатҳои соҳибкорӣ субъектҳои гуногун иштирок менамоянд. Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ҳамагуна шахсе шуда метавонад, ки фаъолияти он бевосита ва бавосита барои гирифтани даромади (фоидаи) соҳибкорӣ равона карда шудааст.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ бисёре аз муҳаққиқон (новобаста аз мавҷуд будани дигар мавқеъ),[14] оид ба фарқ намудани мафҳуми «субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ» ва «субъекти фаъолияти соҳибкорӣ» ибрози ақида менамоянд. Чунин фаҳмиш қобили қабул аст. Зеро, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ фаъолияти соҳибкориро бевосита анҷом намедиҳанд, балки танзими онро амалӣ менамоянд. Аз ин ҷо онҳо агарчанде ки субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ бошанд ҳам, вале субъекти фаъолияти соҳибкорӣ шуда наметавонанд[15].

---

(предпринимательское) право. Учебник.4-е издание. Т. 1./Под ред. В. Ф. Попондопуло.- М.: Проспект, 2009.-С. 104.

[14] Ниг.: Жилинский С.Э.Правовая основа предпринимательской деятельности (предпринимательское право). Курс лекций. -М.,1998.-С. 270; Мартемиянов В. С. Хозяйственное право. Т. 1. -М.. 1994. -С..56.

[15] Ниг.: Раҳимзода М. З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2019.- С.112 113.

Бояд қайд намоем, ки субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар амалӣ гардонидан ва танзими фаъолияти соҳибкор дорои ҳуқуқу уҳдадориҳо буда, дар муносибатҳои соҳибкорӣ мустақилона аз номи худ фаъолият менамоянд. Субъектҳои ҳуқуқӣ соҳибкориро баъзе олимон ҳамчун дорандагони ҳуқуқ ва уҳдадориҳои соҳибкорӣ баҳо дода, қайд менамоянд, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мазкур ҳам ба соҳаи бевосита амалӣ намудани фаъолияти хоҷагӣ ва ҳам танзими чунин фаъолият тааллуқ доранд.[16] Ба ақидаи дигарон субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ ҳама шахсест, ки фаъолияти он бевосита ва бавосита барои ба даст даровардани фоидаи соҳибкорӣ равона карда шуда, вазъи ҳуқуқии онро ҳуқуқи соҳибкорӣ ба танзим медарорад [17].

Чи тавре, ки дар асарҳои илмӣ ва дарсии худ қайд намудам ҳуқуқи соҳибкорӣ соҳаи комплексӣ буда, дар худ муносибатҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ ва хусусӣ ҳуқуқиро ифода менамояд[18]. Бо дарназардошти ақидаи баёнкардашуда субъект-ҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ мафҳуми комплексии байнисоҳавӣ мебошанд. Онҳо хислати соҳавӣ надошта, муносибатҳои ба ҳам муқобилро, ки дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ бавуҷуд меоянд ба танзим медароранд. Барои ба ҳайси субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ эътироф намудани онҳо се маҳакро муқаррар намудан лозим аст. Аввало,ба муносибатҳои соҳибкорӣ тааллуқ доштани онҳо. Сонияи, аз тарафи онҳо амалӣ намудани функсияи соҳибкорӣ. Баъдан, амалӣ намудани танзими фаъолияти соҳибкорӣ. Ҳамин тавр, ба субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ соҳибкорони инфиродӣ, ташкилотҳои тиҷоратӣ, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ташкилотҳои оммавӣ (давлат ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ) дохил мешаванд. Ба ғайр аз он ба

---

[16] Ниг.: Предпринимательское (хозяйственное) право: учебник (муаллифи боб – В. В. Лаптев) -М., 2006, -С.41.

[17] Предпринимательское право Российской Федерации: учебник (муааллифи боб -Д. И. Дедов), М., 2010. С. 131.

[18] Ниг.:Раҳимов М. З. Ҳуқуқи соҳибкорӣ. Китоби дарсӣ. -Душанбе, 2005: Раҳимзода М. З., Сангинзода Д. Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикисто. Китоби дарсӣ. -Душанбе 2021. С.5- 10.

субъектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ мақомоти ҳокимияти давлатие дохил мешаванд, ки функсияи роҳбари ва батанзимдарори соҳибкориро амалӣ менамоянд.

Ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ соҳибкорони инфиродӣ, ташкилотҳои (корпоратсияҳои) тиҷоратӣ, ташкилотҳои (корпоратсияҳои) ғайритиҷоратӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ, коперативҳои тиҷоратӣ, иттиҳодияҳои соҳибкорон, биржаҳои молӣ ва фондӣ, хоҷагиҳо, муассисаҳо, қисмҳои таркибии дохилихоҷагӣ ва ғ., дохил мешаванд.

Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дорои аломатҳои зерин мебошанд:

1.Дорои ҳуқуқу уҳдадориҳои муайян (ниг.: §3. боби мазкур).

2. Молумулки алоҳида доштан (ниг.: §4. боби мазкур).

3.Бақайдгирии давлатӣ (ниг.: §3. боби 3).

4.Ҷавобгарии молумулкии мустақил. Субъекти хоҷагӣ (соҳибкорӣ) дар назди шарик ва давлат бо тамоми молумулкаш ҷавоб медиҳад. Ба истисноӣ ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ва ҳуҷҷатҳои таъсисии муассиси (иштирокчии) шахси ҳуқуқӣ ё соҳиби молумулки он аз рӯи уҳдадориҳои шахси ҳуқуқӣ ҷавобгар набуда, инчунин, шахси ҳуқуқӣ аз руи уҳдадориҳои муассис (иштирокчӣ) ё соҳибмулк ҷавоб намедиҳад. Мувофиқи қ. 6 м. 134 КМ ҶТ қисмҳои ҳудудию маъмурӣ аз рӯи уҳдадориҳои дар ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ва идораи оперативӣ будаи корхонаи воҳиди давлатӣ, масъулияти иловагӣ доранд.

Субъектҳои фаъолияти соҳибкориро аз рӯйи аломатҳои гуногун тасниф намудан мумкин аст. Вобаста ба шакли моликияте, ки дар асоси он амал менамоянд, онҳоро дар асоси моликияти хусусӣ фаъолияткунанда, инчунин, дар асоси моликияти давлатӣ ва коммуналӣ фаъолияткунанда ҷудо намудан мумкин аст.Дар шароити иқтисоди бозорӣ аҳамияти муҳимро субъектҳое ишғол менамоянд, ки дар асоси моликияти хусусӣ амал менамоянд. Ба онҳо соҳибкорони инфиродӣ, ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ (ташкилотҳои корпоративӣ) ва баъзе субъектҳои хоҷагӣ

дигар дохил мешаванд. Дар заминаи моликияти давлатӣ ва коммуналӣ корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ, инчунин, корхонаи махсуси воҳиди давлатӣ ташкил карда мешаванд.

Инчунин, субъектҳои фаъолияти соҳибкориро вобаста ба шакли ташкили ҳуқуқиашон бе ташкил шахси ҳуқуқӣ, бо ташкили шахси ҳуқуқӣ, бе истифодаи меҳнати кироя ва бо истифодаи меҳнати кироя тасниф намудан мумкин аст. Бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ метавонанд шаҳрвандон, ширкатҳои оддӣ, хоҷагии деҳқонӣ ва ғ. машғул шаванд. Категорияи шахси ҳуқуқӣ барои субъектҳое, ки бевосита ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешаванд, аҳамияти муҳим дорад. Онҳоро одатан ба сифати субъектҳои хоҷагӣ номбар менамоянд. Аз инҷо дар баъзе мавридҳо мафҳуми субъекти хоҷагӣ ва шахси ҳуқуқӣ ҳаммаъно дониста мешавад. Чунин фаҳмиш қобили қабул намебошад. Зеро тибқи Қонуни ҶТ аз 18 майи соли 2017 «Дар бораи ҳимояи рақобат»[19] на танҳо шахсони ҳуқуқӣ, балки шаҳрвандоне, ки бетаъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд, метавонанд субъекти хоҷагӣ бошанд (м. 2). Инчунин, баъзе субъектҳои коллективӣ, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқоние, ки дар асоси шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ) амал менамоянд, метавонанд субъекти хоҷагӣ бошанд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ, инчунин, оид ба ҳаммаъно будан ё ин ки набудани «субъекти хоҷагӣ» ва «субъекти фаъолияти соҳибкорӣ» фикру ақидаи ягона мавҷуд намебошад. Ба ақидаи баъзе олимон онҳо мафҳумҳои бо ҳам мутобиқаткунанда намебошанд. Зеро, онҳо нисбат ба якдигар чунин муносибатеро доранд, ки фаъолияти иқтисодӣ (хоҷагӣ) ва соҳибкорӣ баҳамдигар доранд. Қайд менамоянд, субъектҳои хоҷагӣ на ҳама вақт, вазъӣ соҳибкорро ба даст медароранд. Масалан, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ҳамчун қоида ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул немешаванд, агарчанде, ки онҳо фаъолияти хоҷагиро амалӣ менамоянд. Онҳо ба м. 11 Қонуни ФР “Дар

[19] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 274.

бораи коғазҳои қимматнок” ҳавола намуда қайд менамоянд, ки Биржаҳои фондӣ дар шакли ҳамкории ғайритиҷоратӣ таъсис дода мешаванд ва мақсади онҳо гирифтани фоида намебошад. Барои ҳамин ҳам дар ин ҳолат бояд истилоҳи «фаъолияти хоҷагӣ» истифода бурда шавад, на «фаъолияти соҳибкорӣ» [20]. Ба ақидаи муаллифон дар бораи он, ки “фаъолияти хоҷагӣ” аз “фаъолияти соҳибкорӣ” фарқ карда шавад ризо нашудан мумкин нест. Вале бояд қайд намоем, ки пеш аз онки ба чунин хулоса оем, бояд талаботи қонунгузорӣ ин ё он давлат бояд ба назар гирифта шавад. Тибқи Қонуни ҶТ аз 28 июни соли 2011“Дар бораи коғазҳои қимматнок”[21] биржаҳои фондӣ дар шакли ҷамъиятҳои саҳомӣ таъсис дода мешаванд. Дар асоси Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳифзи рақобат” бошад **субъектҳои хоҷагӣ** – шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони хориҷӣ, иттиҳодияҳои онҳо, ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин, шаҳрвандоне, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд эътироф карда мешаванд, агар фаъолияти онҳо барои ба даст овардани фоида равона карда шуда бошад (м.1). Ҳамин тавр, аз таҳлилӣ қонунҳои овардашуда маълум мешавад, ки мақсади “субъектҳои хоҷагӣ”, ба монанди “субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ” ба даст овардани фоида мебошад. Пас тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «субъектҳои хоҷагӣ» ва «субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ» ҳаммаъно мебошанд.

Шахсони ҳуқуқӣ вобаста ба мақсади асосии фаъолияташон мувофиқи м. 50 КМ ҶТ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ.

Ташкилоте, ки мақсади асосии фаъолияти он ба даст овардани фоида мебошад, ташкилоти тиҷоратӣ эътироф

---

[20] Ниг.: Белых В. С. Правовое регулирование предпринимательской деятельности в России. Монография. -Москва, 2017.- С 144 -145; Российское предпринимательское право: Учебник / Отв. ред И.В.. Ершова, Г.Д. Отнюкова - М., 2006. - С. 176

[21] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011, №6, мод.456; соли 2014, №3, мод.151. соли 2015, №11, мод.976, соли 2016, №11, мод.889)

карда мешавад. Онҳо дар шакли ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ, корхонаҳои воҳиди давлатӣ ташкил карда мешаванд. Ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дорои молумулки алоҳида ва ягонагии ташкилӣ барои идоракунии ин молу мулк буда, аз рӯи уҳдадориҳои худ ба ин молу мулк масъулият доранд, аз номи худ ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро ба даст дароварда, амалӣ менамоянд ва дар суд ба сифати даъвогар ва ҷавобгар баромад менамоянд (м. 48 КМ ҶТ). Онҳо бо мақсади аз номи худ (новобаста аз муассисонашон) дар муомилоти маданӣ иштирок намудан ва ба даст овардани фоида барпо карда мешаванд. Ба ғайр аз мақсади бадаст овардани фоида, онҳо боз мақсадҳои дигар низ доранд. Таъмини алоҳидагии молумулкӣ, маҳдуд кардани таваккали молумулки иштирокчиён, ташкили идораи молумулки дахлдор ва аз номи худ дар муомилот маданӣ иштирок намудан, аз ҷумлаи чунин мақсадҳоянд. Ташкилотҳои тиҷоратӣ аз дигар намудҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин, бо нишонаҳои муайянашон фардӣ кунонида мешаванд. Ба ҳайси чунин нишонаҳо номи фирмавӣ, маҳалли ҷойгиршавии ташкилот, тамғаи молӣ (хизматрасонӣ) ва нишонаи тиҷоратӣ дохил мешаванд.

Ташкилотҳое, ки мақсади асосии фаъолияти онҳо ба даст овардани фоида (даромад) намебошад, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ эътироф карда мешаванд. Ин гуна ташкилотҳо фоидаи ба дастовардаро дар байни аъзоёнаш тақсим намекунанд. Онҳо бо фаъолияти соҳибкорӣ фақат ба мақсади иҷрои вазифаи асосиашон, ки барои он ташкил шуда ба мақсади оинномавиаш мувофиқ аст, машғул мешаванд. Вазифаи асосии онҳо амалӣ намудани фаъолиятҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ, илмӣ ва дигар фаъолиятҳои ғайрихоҷагӣ мебошад. Аз ин рӯ, онҳо субъекти фаъолияти соҳибкории ғайримуқаррарӣ мебошанд. Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар шакли кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, фондҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ ва дигар

шаклҳои ташкили-ҳуқуқии пешбини намудаи қонун амал менамоянд. Аз як ҷиҳат номгӯи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ маҳдудкарданашуда ва аз тарафи дигар ба шаклҳои дар қонун пешбининашудаи онҳо низ роҳ дода мешаванд (м. 50 КМ ҶТ). Ҳамин тавр, на танҳо доираи фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, балки шаклҳои ташкили ҳуқуқии онҳо гуногун мебошанд. Бояд зикр намоем, ки тибқи Кодекси маданӣ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҷудо намудани шахсони ҳуқуқӣ боиси бавуҷудоии ақидаҳои дигар дар адабиёти ҳуқуқи хориҷӣ гардидааст. Қайд карда мешавад, ки ҷудо намудани шахсони ҳуқуқи ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ аҳамияти амалиро надорад. Бисёр вақт ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ бе ягон маҳдудият (пурра) машғул мешаванд, агарчанде ки ба онҳо қонун танҳо ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро иҷозат дода бошад ҳам. Чунин ҳолат ҷавобгуи талаботи Кодекси маданӣ намебошад, зеро қонунгузории маданӣ барои амалӣ намудани мақсади мазкур таъсиси дигар хел шаклҳои ташкили ҳуқуқиро ба ғайр аз ташкилотҳои тиҷоратӣ, пешбинӣ наменамояд. Ин боиси аз лиҳози назариявӣ низ зери шубҳа қарор додани ҷудо намудани ташкилотҳо ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ мегардад[22]. Дар ҳақиқат, дар таҷриба ҷудо намудани мақсади асосӣ аз ғайриасосӣ на ҳама вақт имконият дорад. Барои фаъолиятро ба ҳамин ҳам Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади андозбандӣ ҳамагуна фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайрисоҳибкорӣ ҷудо менамояд ( м. 15.).

Ба гурӯҳи дигари субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ субъектҳои танзимкунанда ва назорати фаъолияти соҳибкорӣ, ба монанди мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ширкатҳои марказии гурӯҳҳои

[22] Ниг.: Андреев В. И. Роль государства в развитии малого предпринимательства.//Правовые проблемы малого предпринимательства.- М., 2001.- С. 72; Белых В. С. Прававое регулирование предпринимательской деятельности в России.- М., 2013.- С.141.

молиявию саноатӣ, мақомоти идоракунии иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ, ҳолдингҳо ва ғайра дохил мешаванд.

Ҷои махсусро дар фаъолияти соҳибкорӣ субъектҳои дохилихоҷагӣ (қисмҳои таркибии ташкилотҳои тиҷоратӣ) ишғол менамоянд. Онҳо метавонанд дар муносибатҳои хоҷагие, ки дар дохили ташкилотҳои тиҷоратӣ дар байни онҳо, инчунин, дар байни онҳо ташкилоти тиҷоратӣ ба вуҷуд меоянд, иштирок намоянд. Қисмҳои таркибии ташкилотҳои тиҷоратӣ ду намуд шуда метавонанд: дохилӣ ва алоҳида. Қисмҳои таркибии дохилии ташкилоти тиҷоратӣ метавонанд танҳо дар муносибат бо дигар қисмҳои таркибӣ ё бо ташкилот бошанд. Чунин қисмҳои таркиби сех, хоҷагӣ ва қисмҳои ба ҳаминҳо монанд мебошанд. Онҳо танҳо дар дохили ташкилоти тиҷоратӣ амал намуда, алоҳидагии молумулкӣ ва ташкилии онҳо дар дохили ташкилот хислати нисбӣ дошта, бо роҳи тасдиқи таркиби онҳо ва воситаҳои баҳисобгирии муҳосиботӣ амалӣ карда мешавад.

Қисмҳои алоҳида (филиал, намояндагӣ) на танҳо дар муносибатҳои дохилихоҷагӣ иштирок менамоянд, балки аз номи ташкилоти тиҷоратӣ бо дигар ташкилотҳо дар муносибатҳо ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Ҳолати ҳуқуқии онҳо ба таври умумӣ дар қонунгузорӣ муайян карда шуда, дар санадҳои меъёрии дохилӣ мушаххас карда мешавад. Филиал воҳиди махсуси шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, тамоми вазифа ё як қисми вазифаи намояндагиро иҷро менамояд. Намояндагӣ воҳиди махсуси шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии он қарор дошта, манфиатҳои шахси ҳуқуқиро ҳифз ва намояндагӣ менамояд ва аз номи он аҳду амалҳои дигари ҳуқуқиро анҷом медиҳад. Молумулки филиал ва намояндагиҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ дар тавозуни алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад. Онҳо аз ҷониби шахси ҳуқуқии онҳоро таъсиснамуда бо молумулк таъмин гардида, дар асоси ваколатномаи тасдиқнамудаи он амал мекунанд ( м. 56 КМ ҶТ).

Ҳамзамон, фаъолияти соҳибкорӣ дар Тоҷикистон вобаста ба даромади умумие, ки ба даст дароварда мешавад ба соҳибкории хурд, миёна ва калон ҷудо мешавад ( м. 15 КА ҶТ ва м.5 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”.

## §3.Қобилияти соҳибҳуқуқии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва мазмуни он

Барои иштирок дар муносибатҳои ҳуқуқӣ инсон бояд дорои сифатҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз ҷумла қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амалкунӣ, яъне соҳиби ҳуқуқ (соҳибҳуқуқ) бошад ва шахсони ҳуқуқии давлатӣ дорои ваколат бошанд. Ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳамаи шахсон тааллуқ дошта, қисми муҳими қобилияти ҳуқуқдории шахс мебошад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ аз тарафи давлат ба ҳамаи инсонҳо қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк эътироф карда мешавад (м. 17 Конститутсия). Ҳамин тавр, ҳама дар ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ баробаранд.

Қобилияти ҳуқуқдории субъектҳои соҳибкорӣ умумӣ, маҳдуд, махсус ва истисноӣ мешавад. Қобилияти ҳуқуқдории умумӣ ба субъект имконият медиҳад, ки аз рӯи принсипи «Ҳар чи ки қонун манъ накардааст, равост», амал намояд. Чунин тартибот бо мақсади минбаъд ривоҷ додани мустақилияти хоҷагии онҳо, яъне гузариш аз қобилияти ҳуқуқдории махсус ба умумӣ пешгирифта мешавад. Дар асоси қ.1 м. 49 КМ ҶТ ва м. 7 Қонуни ҶТ аз 26 июли соли 2014 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» субъектҳои соҳибкорӣ - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ (ташкилотҳои тиҷоратии резидент ва ғайрирезидент, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ), ки ба соҳибкорӣ машғуланд, ба ғайр аз корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва намудҳои дигари ташкилотҳои дар қонун пешбинишуда метавонанд ҳамагуна фаъолиятеро амалӣ намоянд, ки қонун манъ накардааст. Ҳамзамон, субъекти

дорандаи қобилияти умумӣ дар ҳуҷҷатҳои таъсиснамоияш метавонад қобилияти ҳуқуқдорияшро маҳдуд намояд. Аз ин ҷо аҳдеро, ки шахси ҳуқуқӣ хилофи ҳуҷҷатҳои таъсисии худ, ки онро аниқ маҳдуд кардааст, бастааст, суд метавонад беэътибор эътироф намояд (м.188 КМ ҶТ).

Қобилияти ҳуқуқдории махсус бошад, ба субъект имконият медиҳад, ки фақат ҳамон намудҳои фаъолиятро амалӣ намояд, ё ҳамон ҳуқуқҳоеро доро шавад, ки ба предмети фаъолияти ӯ мувофиқанд. Ба онҳо корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дохил мешаванд.

Он субъектҳое дорои қобилияти ҳуқуқдории истисноӣ мебошанд, ки фаъолияти интихобнамудаи онҳо барои машғул шудан ба дигар намуди фаъолият тибқи қонунгузорӣ имконият намедиҳад. Чунончи, тибқи Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" машғул шудани ташкилоти қарзӣ ба фаъолияти истеҳсолӣ, савдо ва бевосита ба фаъолияти суғурта манъ мебошад (м. 3), яъне, дорои қобилияти истисноӣ мебошанд. Дорои қобилияти ҳуқуқдории истисноӣ, инчунин, ташкилотҳои суғуртавӣ мебошанд.

Қобилияти ҳуқуқдории субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ бо сабаби зарурияти гирифтани иҷозат барои машғул шудан ба баъзе намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ маҳдуд карда мешавад. Татбиқ намудани иҷозатномадиҳӣ ба намудҳои алоҳидаи фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои тиҷоратӣ маънои ба реҷаи қобилияти махсуси ҳуқуқдорӣ наздик будани фаъолияти онҳо мебошад. Вале ин ҳолат дар оинномаи субъектҳои хоҷагӣ дарҷ карда нашуда, аз ҷониби мақомоте, ки масъалаи мазкурро ҳал менамояд, амалӣ карда мешавад. Ҳангоми бе иҷозатнома анҷом додани фаъолияте, ки бояд иҷозатнома дошта бошад ташкилоти тиҷоратӣ бо тартиби маҷбурӣ бо ҳалномаи суд метавонад барҳам дода шавад (м. 62 КМ ҶТ).

Ваколати қисмҳои таркибии ташкилотҳои хоҷагӣ маҳдуд мебошад. Онҳо дорои ваколати дохилихоҷагӣ мебошанд, ки ба онҳо имконият медиҳад дар муносибатҳои

байни худи онҳо дар дохили ташкилот, инчунин, байни онҳо ва умуман ташкилот иштирок намоянд. Ваколати дохилихоҷагӣ тибқи санадҳои меъёрии дохилие, ки аз ҷониби ташкилот қабул карда мешавад муқаррар карда мешавад.

Бояд қайд намоем, ки барои пурра машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ шаҳрванд на танҳо бояд дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ, балки дорои қобилияти амалкунӣ, яъне субъекти ҳуқуқ (соҳибҳуқуқ) низ бошад. Яъне, вай бояд амали аҳамияти ҳуқуқидоштаро содир намояд ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома имконияти ба зимма гирифтан ҷавобгариро дошта бошад. Қобилияти амалкунӣ бо фаро расидани балоғат, яъне пас аз расидан ба синни ҳаждаҳ, ба миён меояд (қ. 1 м. 18 КМ ҶТ).

Маҷмӯи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои соҳибкор вазъи ҳуқуқии онро ташкил медиҳанд. Дар фаъолияти соҳибкорӣ ҳар як шахс ҳақ дорад ҳамагуна тарзи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкориро, ки қонун манъ накардааст анҷом диҳад. Озодона соҳиби молу мулк бошад, аз он истифода барад ва онро ихтиёрдорӣ намояд. Барои натиҷаи ниҳоии меҳнати худ таваккал ва ҷавобгариро ба зимма гирад. Ҳамзамон, бо ба даст овардани вазъи соҳибкори инфиродӣ ё бо иштирок дар ташкилоти тиҷоратӣ фаъолияти соҳибкориро амалӣ намояд. Озодона шартнома бандад ва аз рақобати ғайриқонунӣ озод бошад. Ба ҳайси корманди кироя тибқи қонунгузории амалкунанда шаҳрванд метавонад кор кунад ва яку якбора фаъолияти соҳибкориро анҷом диҳад. Ҳамзамон, шаҳрванд ҳангоми таъсис додани ташкилоти тиҷоратӣ ҳақ дорад мустақилона ва ё бо иштироки дигар шаҳрвандон ҳамон шакли ташкилӣ ҳуқуқии шахси ҳуқуқиеро интихоб намояд, ки дар қонун пешбинӣ карда шудааст. Инчунин, онҳо ҳуқуқ доранд дар фаъолияти хоҷагидории дигар субъектҳои соҳибкорӣ иштирок намояд, дар асоси шартнома аз молумулки шаҳрвандон истифода барад, барои эҳтиёҷоти давлат истеҳсоли мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)-ро дар асоси шартнома ба анҷом расонад, суратҳисоби бонкӣ кушояд, амалиёти муҳосибӣ ва дигар амалиёти молиявиро

анҷом дихад, фоидаи аз фаъолияти соҳибкорӣ бадастовардаро ихтиёрдорӣ ва истифода намояд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ иштирокчии робитаҳои хориҷии иқтисодӣ бошад, бо амалиёти асъорӣ машғул гардад, нархи моли истеҳсолнамуда (кору хизматрасонии анҷомдода)-ро дар доираи талаботи қонунгузорӣ мустақилона муайян намояд, ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва мақомоти давлатии назоратӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани шахсоне, ки дар риоя накардани ҳуқуқи субъекти соҳибкорӣ гунаҳкоранд, муроҷиат намояд, оид ба ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии худ ба мақомоти судӣ муроҷиат намояд, ҳангоми гузаронидани санҷиши фаъолияти субъекти соҳибкорӣ, ки аз ҷониби мақомоти давлатии санҷишӣ ва назоратӣ анҷом дода мешавад, иштирок намояд ва бо маводи санҷишӣ бевосита ва ё тавассути намояндаи ваколатдори худ шинос шавад; дар хариди давлатии мол (кор, хизматрасонӣ) бо шартҳои баробар бо дигар иштирокчиён мутобиқи қонунгузорӣ иштирок намояд ва дигар ҳуқуқҳоро амалӣ намоянд (м. 7 Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ»[23]).

Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дорои уҳдадориҳои муайян мебошанд. Онҳо уҳдадоранд, қонунгузорӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро риоя намоянд; мутобиқати моли истеҳсолшуда (кору хизматрасонии анҷомдода)-ро ба талаботи қонунгузорӣ таъмин намоянд; дар асоси қонунгузорӣ оид ба меҳнат бо шаҳрвандоне, ки онҳоро ба сифати коргари кироя ба кор мегиранд, шартнома (қарордод)-и меҳнатӣ ва ҳамчунин бо талаби коллективӣ меҳнатӣ шартномаи коллективӣ банданд; барои муттаҳидшавии коргарони кироя ба иттифоқҳои касаба ва мақомоти дигари намояндагии онҳо бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иҷтимоию иқтисодии

[23] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 2, мод. 404; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1436; аз 02.01.2020 с., №1684.

худ монеъ нашаванд; ба коргарони кироя на кам аз андозаи ҳадди ақалли музди меҳнати муқаррарнамудаи қонунгузорӣ музди меҳнат пардохт намояд; оид ба таъмини ҳифзи меҳнат, бехатарии экологӣ, санитарию эпидемиологӣ ва техникаи бехатарӣ дар асоси меъёрҳои муқарраргардида тадбирҳо андешанд; андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети давлатӣ сари вакт ва пурра пардохт намоянд; ҳангоми муфлисшавӣ иҷрои уҳдадориҳои худро дар назди қарздиҳандагон тибқи қонунгузорӣ таъмин намоянд; ба рақобати носолим ва фаъолияти инҳисорӣ роҳ надиҳанд; пешбурди дафтари бақайдгирии санҷиши фаъолияти субъекти соҳибкориро таъмин намоянд; барои амалигардонии намуди фаъолияте, ки ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ё иҷозатномаро талаб менамояд, мутобиқи қонунгузорӣ ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ё иҷозатнома гиранд ва дигар амалҳои дар қонунгузорӣ пешбинишударо иҷро намоянд. (м. 8.Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ»).

Эътирофи вазъи ҳуқуқии соҳибкор далели муҳими ҳуқуқӣ буда, оқибати муайяни ҳуқуқиро дорост. Аввалан, аҳдҳое, ки соҳибкорон мебанданд, бо фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд буда, ҳамчун аҳдҳои соҳибкорӣ (тиҷоратӣ) диниста мешаванд. Аз ин рӯ, онҳо ба реҷаи махсуси танзими ҳуқуқӣ итоат менамоянд. Ин ба он асос меёбад, ки муносибати байни соҳибкорон ё бо иштироки онҳо мувофиқи м. 15 Кодекси андоз аз 21 декабри соли 2021[24] муносибатҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда мешавад. Аз тарафи дигар, шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкориро бидуни бақайдгири амалӣ менамоянд, ҳуқуқ надоранд, ки аҳдҳои бастаи худро ҳамчун аҳдҳои соҳибкорӣ (тиҷоратӣ) нашуморанд. Зеро, фаъолияти чунин шаҳрвандон дар ҳолатҳои муайянкардаи қонун фаъолияти соҳибкорӣ буда, суд метавонад нисбати онҳо талаботи қ.3 м. 24 КМ ҶТ- ро

---

[24] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022, №, мод.

татбиқ намояд. Инкори талаботи моддаи мазкур фақат дар як мавриде мумкин аст, ки агар аҳди басташуда хусусияти соф маданӣ дошта, ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд набошад. Ба ҳисоб гирифтани ҳолате ки шахс мумкин аст дар муомилот вазъи гуногун дошта бошад аз нуқтаи назари татбиқи дурусти меъёри ҳуқуқ ниҳоят муҳим мебошад. Сониян, қайд намудан зарур аст, ки эътирофи ҳолати ҳуқуқии шахс, ҳамчун соҳибкор, боиси он мегардад, ки ӯ дорои уҳдадориҳои махсус гардида, ба он ҳуқуқҳои иловагӣ дода мешавад. Дорои уҳдадориҳои махсус будани соҳибкор маънои тобеъ будани фаъолияти соҳибкорон ба реҷаи то дараҷае қатъи хоҷагидорӣ мебошад. Мақсади он таъмини манфиати дигар шахсонест, ки бо соҳибкорон ҳамкорӣ менамоянд. Ба чунин уҳдадориҳо нашр намудани маълумот, бақайдгирии давлатии соҳибкорон, барои шиносоии умум дастрас намудан, ба феҳристи ягонаи давлатии шахси ҳуқуқӣ дохил кардан (м. 51 КМ ҶТ), аз тарафи соҳибкор бо тартиби муқарраркарда пешниҳод намудани маълумот дар бораи фаъолияти худ, аз ҷумла қарор дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ (м. 62 КМ ҶТ), пешниҳод намудани ҳисоботи молиявӣ оид ба андозсупорӣ аз фаъолияти соҳибкорӣ ва ғайра дохил мешаванд. Ба соҳибкор додани ҳуқуқи иловагӣ аз тарафи қонунгузор дар навбати худ баъзе бартариҳои ӯро мустаҳкам менамояд. Масалан: ташкилоти тиҷоратӣ ҳуқуқи истисноии истифодабарии номи фирма (қ.3 м. 55 КМ ҶТ) ё дигар объекти моликияти зеҳниро дорад ( м. 164 КМ ҶТ), аз ҷумла номи фирма фаъолияти соҳибкорро дар муомилоти тиҷоратӣ инфиродӣ карда, ба дигар соҳибкорон ҳуқуқ намедиҳад, ки дар муомилоти касбӣ бе розигии дорандаи он аз вай истифода баранд. Бояд қайд намоем, ки на ҳамаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд соҳибкор бошанд. Дар баробари ин қ. 2 м. 23 КМ ҶТ ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти соҳибкориро аз тарафи санади мақомоти давлатӣ ё мақомоти дигар боиси беэътибор донистани чунин санад медонад. Ҳамзамон, қонун ҳуқуқи бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудани баъзе шаҳрвандонро

дар сатҳи Конститутсия ва қонунҳои махсус маҳдуд менамояд. Пеш аз ҳама чунин маҳдудият ба он шаҳрвандони ҶТ тааллуқ дорад, ки вазифаҳои вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 50 Конститутсия), аъзои ҳукумат (м.73 Конститутсия), судя (м.90 Конститутсия), пракурор (м.97 Конститутсия), хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м.23 Қонуни ҶТ аз 20 марти соли 2008 " Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[25], кормандони мақомоти мубориза бар зидди коррупсия (м.10 Қонуни ҶТ аз 25 июли соли 2005 " Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия)[26] ва ғ. иҷро менамоянд. Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007 «Дар бораи хизмати давлатӣ»[27] дар идораи фаъолияти ҷамъиятӣ, хоҷагӣ ё дигар ташкилоти тиҷоратӣ, аз ҷумла ба ҳайати мақомоти идоракунии ташкилоти тиҷоратӣ, ки узвият дар онҳо бе изҳори иродаи махсуси фардӣ ғайриимкон аст, иштирок намудани хизматчиёни давлатиро манъ менамоянд (м.30).

Ҳамзамон, доштани ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ маънои озодии беандоза доштани шахсро ифода наменамояд. Озодии фаъолият бояд дар доираи сарҳади муайянкардаи қонунгузорӣ ҳам дар доираи қоидаи рафтори мусбӣ ва ҳам манъшудаи дар ин соҳа татбиқшаванда амалӣ карда шавад.

## §4.Молумулки субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ

Неъматҳои зиёде вуҷуд доранд, ки аз якдигар бо

[25] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 3, мод. 183; с. 2014, №11, мод. 654; с. 2015, №7–9, мод. 701; с. 2016, №3, мод. 138; Қонуни ҶТ аз 4.02.2017 с., №1384.

[26] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №7, мод. 402; с. 2007, №7, мод. 660; с. 2008, №10, мод. 800; Қонунҳои ҶТ аз 24.02.2017 с., №1385; аз 24.02.2017 с., №1386; аз 30.05.2017 с., №1440.

[27] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007,№3, мод. 166; №6, мод. 429; с. 2013, №7, мод.542; №12, мод. 905; с.2014, №7, қ. 2, мод. 425; с. 2017, №1-2, мод. 28, мод. 29, №5 қ.5 мод.290, с. 2018, №7-8, мод. 526; с. 2020, №1, мод. 18.

сифатҳои гуногуни худ фарқ кунанд ҳам, вале объекти фаъолияти соҳибкорӣ мебошанд. Дар баробари тарақиёти истеҳсолот, илм, адабиёт, санъат ва соҳаҳои дигари фаъолияти инсон шумора ва навъҳои онҳо доимо меафзоянд. Дар бозор мавҷуд будани объектҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ ба муқаррар намудани хусусиятҳои муҳими танзими ҳуқуқии объектҳои алоҳида сабаб мегардад. Намудҳои объектҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ дар м. 136 КМ ҶТ оварда шудаанд. Ба онҳо неъмату ҳуқуқи молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ дохил мешаванд. Аз ҷумла: ашё, пул (асъори хориҷӣ), коғазҳои қимматноки ҳуҷҷатӣ, натиҷаи кору хизматҳо, иттилооти ҳифзшаванда, натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳнӣ ва воситаҳои фардикунонӣ (моликияти зеҳнӣ), ҳуқуқи молумулкӣ ва молумулки дигар, аз ҷумла воситаҳои пулии ғайринақдӣ ва коғазҳои қимматноки беҳуҷҷат.

Бояд қайд намоем, ки амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ бе истифодаи молумулки муайян ғайриимкон мебошад. Зеро, аз нуқтаи назари муносибатҳои бозорӣ, хусусияти муҳими ҳамагуна объекти дорои қобилияти муомилот дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода шудан, яъне имконияти ба бозор дохил шудан, объекти аҳдҳои гуногун будан ва ғайра мебошад. Тибқи талаботи Кодекси андоз (м. 15). ва зербанди 4. м.1 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” ба даст даровардани фоида (даромад) аз истифодаи молумулк имкон дорад. Ҳамин тавр, истифодаи молумулк яке аз шаклҳои фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратие, ки дар муомилоти маданӣ иштирок менамоянд, дорои имконияти истифодаи молумулкро барои анҷом додани фаъолият вобаста аз андоза ва намуди ҳуқуқи ба онҳо тааллуқдошта доранд. Онҳо метавонанд ҳамагуна фаъолиятеро анҷом диҳанд, ки қонун манъ накардааст, аз ҷумла ҳамагуна аҳдҳоро бо риояи маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ содир намоянд. Истифодаи молумулк дар фаъолияти соҳибкорӣ бо баҳисобгирии он алоқамандии зич

дорад. Ин ҳам барои ташкили баҳисобгирии идоракунӣ, ки бо мақсади банақшагирии хароҷотҳо барои нигоҳдории молумулк, дурнамои ҳаҷми фоида ва маблағҳо барои андоз, ташаккули фонди захиравӣ ва иҷтимоӣ татбиқ карда мешавад, ҳам барои ҳисоботи муҳосибӣ, ки ба истифодабарандагони беруна, аз ҷумла мақомоти танзимнамоии давлатӣ имконият медиҳад маълумотро дар бораи ҳолати молумулкии фаъолияти субъекти соҳибкорӣ дошта бошанд, зарур мебошад. Фаъолиятро ҷиҳати ба даст овардани фоида амалӣ намуда, соҳибкор дар доираи меъёрҳои қонунгузории амалкунанда, ки аз маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқии гуногун иборат аст, маҳдуд мебошад. Ин маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқии гуногун дар якҷоягӣ реъҷаи меъёрӣ - ҳуқуқии соҳибкориро ифода намуда, таъсири худро ба муносибатҳое паҳн менамояд, ки ба сифати объекти онҳо молумулки соҳибкор ё ин ки элементҳои алоҳидаи он баромад менамояд. Реҷаи мазкур чунин тартиби танзимнамоие мебошад, ки аз лиҳози ҳуқуқӣ имконияти истифодаи молумулкро дар муомилоти тиҷоратӣ таъмин менамояд. Бояд қайд намоем, ки иҷозатдиҳӣ, манъ кардан ва уҳдадориҳои позитивӣ (мусбӣ) ҳамчун тарзи танзими ҳуқуқӣ дар заминаи аввалини реҷаҳои ҳуқуқӣ қарор доранд. Дар навбати худ воситаҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ба онҳо алоқаманд, шартнома, ҷавобгарӣ ва ғ. механизми танзимнамоии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Ҳамин тавр, реҷаи ҳуқуқӣ тартиби танзимнамоие мебошад, ки дар маҷмӯи воситаҳои ҳуқуқӣ ифода ёфта, баҳамтаъсиррасонии махсуси байнихудии иҷозатдиҳӣ, манъкунӣ, инчунин, уҳдадоркунии позетивиро таъмин намуда, барпокунанда (ташкилкунанда) ё соҳаи махсуси танзимнамоӣ мебошад[28].

Барои ташаккули асосҳои молумулкӣ бо мақсади пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ташкилот ё соҳибкори

[28] Алексеев С. С. Право: азбука-теория-философия: Опыт комплексного исследования.-М., 1999.- с.372-375.

инфиродӣ метавонанд молумулкро ба соҳибмулкӣ ё барои муваққатӣ доштан ва истифода бурдан, инчунин, дар асоси ҳуқуқҳои маҳдуди ашёи ба даст даоранд.

Ҳуқуқи моликият дар байни ҳуқуқҳои дигари ашёи аввалиндараҷа мебошад. Он асоси реҷаи ҳуқуқии молумулки соҳибкоро ташкил медиҳад, зеро аксарияти ташкилотҳои тиҷоратӣ соҳиби молумулке мебошанд, ки ба сифати саҳм (пай) ба онҳо муассисон (иштирокчиён) додаанд, инчунин, молумулке мебошанд, ки ташкилотҳои мазкур бо дигар асосҳо ба даст даровардаанд. Мазмуни ҳуқуқи моликиятро ваколатҳои доштан, истифода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардани молумулк бо салоҳдид ва ба манфиати худи соҳибмулк ташкил медиҳад. Соҳибмулк ҳақ дорад мутобиқи салоҳдиди худ нисбати молу мулкаш ҳамагуна амалро раво бинад, аз ҷумла онро ба соҳибмулкии шахси дигар бегона намояд, худ соҳибмулк монаду салоҳиятҳояшро дар мавриди соҳибӣ (доштан), истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молумулк ба онҳо вогузорад, молумулкро ба гарав гузорад ва аз он бо усули дигар истифода барад ё онро ба тарзи дигар ихтиёрдорӣ кунад (қ.5 м. 279 КМ ҶТ). Чунин муқаррарот инчунин ба ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ва оперативии идоракунии корхонаҳои воҳиди давлатӣ низ тааллуқ дорад. Реҷаи ҳуқуқии пешбурди хоҷагӣ ва оперативии идоракунии молумулк корхонаҳои воҳиди давлатӣ дар Кодекси маданӣ ва Қонуни ҶТ аз 28 феврали соли 2004 «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ»[29] муайян карда шудааст (муффасал оид ба ин масъала ба боби 7 асари мазкур нигар).

Вобаста аз алоқамандии ҳуқуқ ба молу мулкӣ иштирокчиён (муассисон) ва худи шахси ҳуқуқӣ дар Кодекси маданӣ ташкилотҳо ба се навъ тақсим карда мешаванд.

Навъи якуми алоқамандӣ нисбати ширкату ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва кооперативҳои тиҷоратӣ амалӣ карда мешавад.

[29] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №2, мод. 42; соли 2008, №10, мод.80

Тибқи навъи мазкур муассисон ҳангоми таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва додани молумулк ба он ҳуқуқҳои молумулкиро ба ин ашё аз даст дода, ҳуқуқи уҳдадоригиро ба зимма мегиранд. Яъне, ҳуқуқи талабкуниро ба ҳиссаи молумулки ташкилот ҳангоми баромадан аз он ба даст медоранд. Соҳиби молу мулк худи ташкилот мегардад, зеро дар ташкилотҳои корпоративӣ соҳибмулки ягона худи шахси ҳуқуқӣ мебошад. Ҳуқуқи соҳибмулкии онҳо ҳам ба молумулке (аз ҷумла, маблағҳои пулие), ки муассисони ҷамъият ҳангоми таъсис додан, инчунин, ҳамагуна молумулки дар натиҷаи фаъолият истеҳсолкардашуда ё бо дигар тарзҳои қонунӣ ба даст овардашуда ба вуҷуд меояд, муайян мегардад.

Ба навъи дуввум он шахсони ҳуқуқие дохил мешаванд, ки молумулкашон дар соҳибмулкии муассисони онҳо боқӣ монда, молу мулк дар мувозинати корхона нигоҳ дошта мешавад. Ба чунин субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ корхонаҳои воҳид ва махсуси давлатӣ, инчунин, муассисаҳое дохил мешаванд, ки соҳибмулк онҳоро маблағгузорӣ менамояд. Ҳангоми амалӣ намудани навъи мазкур ҳуқуқи ашёиро ба ҳамон як молу мулк ҳам муассис, ки дорои ҳуқуқи соҳибмулкӣ мебошад ва ҳам корхона ва муассисаи дорои ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ва оперативии идоракунӣ доранд.

Моҳияти навъи сеюм дар он ифода меёбад, ки муассисон молумулкро ба шахси ҳуқуқӣ дода, ҳуқуқи ашёиро ба ин молу мулк бе ба даст даровардани ҳуқуқи уҳдадоригӣ аз даст медиҳанд. Ба чунин шахсони ҳуқуқӣ ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, эҳсонкорӣ ва дигар фондҳо, иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо) дохил мешаванд. Мавҷудияти ҳамаи шаклҳои номбаршуда имконияти муваққатан доштан ва истифода бурдани дигар молумулкро аз ҷониби онҳо дар асоси шартнома истисно наменамояд. Мисоли он додани молу мулк ба иҷора, идоракунии ба боварӣ асосёфта, дар асоси созишномаи конссесионӣ бо риояи қоидаҳои муқарраркардаи қонунгузории амалкунанда шуда метавонад.

Фаҳмиши ҳуқуқи соҳибкории молу мулк ба фаҳмиши ҳуқуқи мадании молу мулк асос ёфта, дар доираи он молумулк ба ҳайси сарчашмаи имкони ба дастдарории фоида баҳо дода мешавад. Аз ин ҷо зери мафҳуми молу мулки соҳибкор дар маънии васеъ маҷмӯи ашёҳо, ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва уҳдадориҳои хислати молумулки доштае фаҳмида мешавад, ки истифодаи он ё қисми он барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз ҷониби шахси бо тартиби муқарраркардаи қонун бақайдгирфташуда равона карда шудааст.

Бояд қайд намоем, ки мафҳуми расмии молумулк дар қонунгузории амалкунанда мавҷуд нест. Агарчанде ки мазмуни молумулк тибқи қонунгузорӣ хеле васеъ буда, на танҳо неъматҳои молумулкӣ, уҳдадориҳои характери молумулкӣ дошта (қ.2 м.64 КМ ҶТ), балки он неъматҳои шахсии ғайримолумулкиро низ дар бар мегирад, ки арзиш доранд. Ба мисли ҳуқуқ аз истифодаи захираҳои шабакаи интернет, ки дар асоси шартнома дорандаи интернет – мағоза истифодаи онро ба даст медарорад. Дар ҳолати мазкур ҳуқуқи истифодаи захираҳои интернети молу мулки соҳибкор ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, молу мулк на танҳо маҷмӯъ ё объектҳои модии дорои аломатҳои ашёи буда, балки ҳуқуқҳои молумулкӣ, иттилооти ҳифзшаванда, натиҷаҳои ҳифзшавандаи фаъолияти зеҳние, ки арзиш дорад, низ шуда метавонанд.

Оид ба мафҳуми «молумулк» дар адабиёти ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ низ фикру ақидаи ягона вуҷуд надорад. Тибқи ақидаи паҳнгашта предметҳо ба молу мулк на ҳамчун предмет, балки танҳо ба он асос дохил мешаванд, ки дорои арзиши қобилияти дар пул ифода ёфтанро доранд. Арзишҳое, ки молумулкро ташкил медиҳанд, аз пул иборатанд ё дар пул ифода меёбанд. Чунин муносибатро ба мафҳуми молу мулк дар адабиёт ҳамчун фаҳмиши иқтисодӣ арзёбӣ менамоянд.

Дар мафҳуми ҳуқуқӣ тасавурот оид ба молумулк ҳамчун маҷмӯӣ неъматҳо, ба баҳои арзишӣ маҳдуд намешавад. Дар

фаҳмиши ҳуқуқӣ молу мулк аз маҷмӯи дар шакли пулӣ ифодаёфтаи муносибатҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки ба ҳайси субъекти он дорандаи бароmад менамояд. Ҳамзамон, қайд карда мешавад, ки ба молу мулк маҳз муносибатҳои ҳуқуқӣ дохил мешавад, на объектҳои он. Ақидаи мазкур дар м. 19, 48 ва ғ. Кодекси маданӣ низ ифода ёфтааст. Дар моддаи 19 омадааст, ки шаҳрванд дар ҳуқуқи моликият метавонад молу мулк дошта бошад ё дар моддаи 48 КМ омадааст, ки ташкилоте шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагидорӣ ё идоракунии оперативӣ молу мулк дошта бошад.

Бояд қайд намоем, ки тибқи Кодекси маданӣ ба ҳайати молу мулк, инчунин, ашёҳо дохил мешаванд, ки истилоҳи мазкур ба таври васеъ дар қонунгузории маданӣ истифода бурда мешавад. Шарҳи мафҳуми ашё дар қонунгузории мазкур дода намешавад, зеро истилоҳи зикршуда предмети тадқиқоти фалсафа ва соҳаҳои дигар мебошад. Ҳамзамон, дар ҳуқуқшиносӣ хеле барвақт оид ба фарқи фаҳмиши фалсафӣ ва моддии ашё, аз фаҳмиши ҳуқуқии онҳо ибрози ақида карда шудааст. Қайд карда мешавад, ки ашёҳо дар фаҳмиши ҳуқуқӣ предмети олами берунӣ (моддӣ)-е мебошанд, ки дар ҳолати таббиӣ дар табиат вуҷуддошта ё бо меҳнати инсон сохташуда, объекти асосӣ дар муносибатҳои молумулкии ҳуқуқӣ ба ҳисоб мераванд.[30] Дар ҳуқуқи маданӣ ба сифати ашё арзишҳои олами моддии ба назар намоён (ламсшаванда) ва шакли иқтисодии молдошта фаҳмида мешавад. Онҳо дар муқоиса ба объектҳои ғайримоддӣ баҳо дода мешаванд. Аз мавқеи қонунгузории амалкунанда (м.136 КМ ҶТ) ба молу мулк ба ғайр аз ашёҳо, боз ҳайвонот (м. 147 КМ ҶТ), инчунин, пул ва коғазҳои қимматнок ва объектҳои олами моддӣ дохил мешаванд. Агарчанде, ки қонун намудҳои ғайринақдӣ ва беҳуҷҷатии пул ва коғазҳои қимматнокро ба предметҳои олами беруна дохил намуда бошад ҳам, ба ақидаи мо аз ҷониби қонунгузор ба

[30] Ниг.: Гражданское право : Учебник, Т. 1\ под. Ред. А. П. Сергеева, Ю. К. Толстого. - М., 2002, -С.254-255.

категорияи ашёҳо дохил намудани онҳо то дараҷае шубҳанок мебошад, зеро онҳоро ба сифати ашё эътироф намудан танҳо аз лиҳози ҳомили моддие, ки онҳо дар он ифода ёфтаанд, имкон дорад. Дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ таснифи ашёҳое, ки дар Кодекси маданӣ мавҷуд аст, аҳамияти калон дорад. Тибқи Кодекси маданӣ ашёҳо, ҳамчун ба объекти ҳуқуқи мадании аз муомилоти маданӣ гирифташуда, муомилоташон маҳдуд ва маҳдуднабуда ҷудо карда мешаванд. Ҳамзамон, онҳо ба ашёҳои ғайриманқул ва манқул, тақсимшаванда ва тақсимнашаванда, ашёҳои мураккаб, асосӣ ва мансубият, самара, маҳсулот ва даромад, ашёҳои хоса ва ашёҳои бо нишонаи навъ муайяншаванда тақсим мешаванд.

Дар қонунгузории муҳосибӣ бошад, ашёҳоро вобаста ба асосҳои тааллуқдориашон ба воситаҳои асосӣ ва фондҳои асосӣ ҷудо менамоянд.

**Ба воситаҳои асосӣ** тибқи зербанди 5. М. 2 Кодекси андоз дороиҳое дохил мешаванд, ки дар як вақт ба шартҳои зерин ҷавобгӯ мебошанд:

а) муҳлати хизмати онҳо зиёда аз як сол мебошад;

б) ҳангоми истеҳсоли мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ) ё барои эҳтиёҷоти идоравӣ ба сифати воситаҳои меҳнат истифода мешаванд;

в) арзиши ҳар воҳиди чунин дороиҳо ба ҳадди муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқ мебошад;

г) истеҳлокшаванда мебошанд.

Илми ҳуқуқи соҳибкорӣ дар фарқият ба назарияи ҳуқуқи маданӣ истилоҳоти махсус ба монанди «фонд», «восита», «захира»-ро истифода мебарад. Чунин фаҳмиш қобили қабул аст, зеро аз рӯи мантиқ намебуд, агар мо оид ба асосҳои молумулкии ташкилоти тиҷоратӣ ҳамчун маҷмӯи ашёҳо сухан меронем. Ҳамзамон, дар оинномаи шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ намудани қоида дар бораи он ки ашёҳои ба ҷамъияти саҳомӣ тааллуқдошта фондҳои асосӣ, воситаҳои муомилот, қоғазҳои қимматнок ва ғ. мебошад, низ қобили

қабул намебошад. Калимаи «ашё» тобиши сивилистӣ дошта ва ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи соҳибкорӣ мутобиқат наменамояд. Суханҳои гуфташуда ба таснифи ашёҳо низ тааллуқ дорад. Тибқи м. 144 КМ ҶТ ашёи мураккаб - ашёи томи ҳархелае (гуногуне) мебошанд, ки истифодаи онҳо тибқи таъиноти умумӣ дар назар дошта шудааст. Агар фаҳмиши маданӣ-ҳуқуқии «ашёҳои мураккабро" дар ҷараёни мавзӯи ҳуқуқи соҳибкорӣ қарор диҳем, мафҳуми мазкур низ амал наменамояд. Нисбати хариду фурӯши молҳо, категорияи «ашёҳои мураккаб» ба воситаи мукаммалии мол (м. 546 КМ ҶТ) ва молҳои комплектӣ (м. 547 КМ ҶТ) зоҳир мегардад. Барои ҳамин ҳам қобили қабул дониста шудааст, ки на дар бораи таҳвили ашёҳои мураккаб, балки дар бораи таҳвили маҷмуи маҳсулот (мукаммалии мол) сухан ронем.

Фондҳои асосӣ, арзишҳои моддию ашёие мебошанд, ки ба сифати воситаи меҳнат ҳангоми истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кор ё расонидани хизмат, ё ин ки барои идораи ташкилот истифода бурда шуда, муҳлати дурудароз дар ҷараёни истеҳсолот иштирок намуда, тадриҷан бо хурдашавии ҷисмонӣ ва маънавӣ худ арзишашонро ба арзиши маҳсулоти тайёр мегузаронанд. Аз лиҳози иқтисодӣ фондҳои асосӣ ба воситаҳои меҳнат дохил мешаванд.

Ба фондҳои асосӣ (воситаҳои асосӣ) бино, иншоот, қувваи корӣ, таҷҳизот, техникаи ҳисоббаробаркунӣ, воситаҳои ҳамлунақл, асбобу анҷом, лавозимот ва дигар воситаҳои асосӣ дохил мешаванд. Онҳо моддӣ ва ғайримоддӣ (сирри истеҳсолӣ, тамғаи молӣ, патент ва ғ.) мешаванд. Ҳамзамон, дар қонунгузорӣ ва таҷриба дар баробари истилоҳи «фондҳои асосӣ», истилоҳи «воситаҳои асосӣ» истифода бурда мешавад. Тибқи зербанди 22). м. 17 Кодекси андоз воситаҳои асосӣ дороиҳое мебошанд, ки муҳлати хизмати онҳо зиёда аз як сол буда, ҳангоми истеҳсоли молҳо (иҷрои корҳо, хизматрасониҳо) ё барои эҳтиёҷоти идоравӣ ба сифати воситаҳои меҳнат истифода мешаванд, чун қоида, арзиши ҳар як воҳиди чунин дороиҳо

аз ҳадҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ барои ба воситаҳои дар гардишбуда мансуб донистани дороиҳои моддӣ зиёд буда, онҳо истеҳлокшаванда мебошанд.

Дар фарқият аз воситаҳои асосӣ, ки дар ҷараёни истеҳсолот дурударозиштирок менамоянд, фондҳои муомилотии арзиши худро ба маҳсулоти тайёр (кор, хизмат), ҳамчун қоида дар як сикли истеҳсолӣ гузаронида, одатан хусусиятҳои физикӣ, кимиёвӣ ва монанди онҳоро аз даст медиҳанд. Онҳо аз лиҳози иқтисодӣ ба категорияи предмети меҳнат дохил мешаванд.

Дар қатори фондҳои асосӣ ва муомилоти молумулкӣ ташкилоти тиҷоратӣ аз фондҳои (захираҳои) махсус иборат аст. Реҷаи ҳуқуқии онҳо дорои хусусиятҳои ба худ хос буда, ба намуд ва хусусияти молумулк вобастагӣ дорад. Дар навбати аввал фондҳои махсус якхела набуда, бо дарназардошти мақсади истифодабариашон метавонанд ба намудҳои гуногун ҷудо шаванд. Масалан, фондҳои ҳавасмандгардонии моддӣ, фонди рушди истеҳсолот, фонди рушди иҷтимоӣ, фонди захиравӣ ва ғайра. Вале новобаста аз намудҳояшон фондҳои зикршуда воситаҳои пулие мебошанд, ки барои харҷ намудан ба мақсадҳои муайян таъин шудаанд.

Дар адабиёти ҳуқуқии хориҷӣ қайд карда мешавад, ки сӯзишворӣ, қувваи барқ, нерӯи ҳастаӣ, қувваи рӯшноӣ[31] ва ҳатто иттилоот[32] ба ашё дохил мешавад. Ба ақидаҳои мазкур ризо шудан душвор аст, зеро ҳам энергия ва ҳам иттилоот атрибути мустақили материя ва категорияи яктартиба ба он (охирон) мебошанд. Иттилоот маҷозӣ ва моҳиятан категорияи ғайримоддӣ мебошад. Иттилоот маълумотест дар бораи шахсҳо, предметҳо, омилҳо, воқеаҳо, зуҳурот ва

---

[31] Гражданская право России: учеб. Часть первая\ под. ред. З. И. Цибуленко. М. 1998. -С.134.
[32] Ткачук И. Б. Коммерческая тайна: организация защиты, расследование посягательств. М ., 1999. -С.9.

ҷараёнҳо новобаста аз шакли пешниҳод шудани (ифода ёфтани) онҳо маълумот медиҳад. Ҳаҷми он дар ҳақиқат беохир аст. Аз ин ҷо шарти аввалини кор бо иттилоот ҷамъ кардан, таҳия кардан, нигоҳ доштан, ҷустуҷӯ ва паҳн намудани маълумот мебошад. Бояд қайд намоем, ки аввалин маротиба соли 2007 баъди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждани соли 1999 қабулкардашуда иттилоот ба ҳайси объекти мустақили ҳуқуқи мадани эътироф карда шуд. Дар натиҷа рисолаҳои илмии зиёде оид ба танзими ҳуқуқии он ҳамчун объекти мустақил дар кишвар ҳимоя карда шуд. Дар Кодекси мадании дар таҳрири нав қабулкардашуда (соли 2022) акнун ба ҳайси объекти ҳуқуқи мадани на «иттилоот умуман», балки «иттилооти ҳифзшаванд» эътироф карда шуд. Вале дар қ. 1 м. 163 КМ ҶТ қайд карда мешавад, ки иттилоот **дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун метавонад объекти мустақили ҳуқуқу уҳдадориҳои мадании бошад**. Чи тавре, ки мебинем дар байни м. 136 КМ ҶТ , ки иттилооти ҳифзшавандаро ҳамчун объекти ҳуқуқҳои мадани эътироф менамояд ва м. 163 КМ ҶТ ба мухолифат роҳ дода шудааст. Зеро, «иттилоот» ва «иттилооти ҳифзшаванда» як чиз намебошад.

Фаъолияти соҳибкорӣ истифодаи на танҳо молу мулк, балки дигар арзишҳои иқтисодиро, аз ҷумла ҳуқуқҳои молумулкиро низ дар назар дорад. Ба онҳо ҳуқуқи моликиятӣ ва дигар ҳуқуқҳои ашёӣ, ҳуқуқ ба натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва дигар воситаҳои фардикунонидашудаи ба онҳо баробаркардашудаи шахсони ҳуқуқӣ (маҳсулот, кор, хизмат), сирри хизматӣ ва тиҷоратӣ, ки як намуди итиллоти ҳифзшаванда мебошанд, низ дохил мешаванд. Ҳамин тариқ, истилоҳи «молу мулк» объект ва зуҳуроти гуногунро дарбар гирифта, сарҳади ягона надорад.

Тибқи м. 165 КМ ҶТ ба объекти фаъолияти соҳибкорӣ, ки дорои иттилооти махфӣ мебошад сирри тиҷоратӣ дохил мешавад. Мувофиқи он қонун маълумоти дорои сирри тиҷоратиро дар ҳолате ҳифз мекунад, ки ба сабаби ба шахси сеюм маълум набуданаш арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ дорад ва барои истифодаи озодона дастрас набуда,

дорандаи маълумот ҷиҳати махфӣ нигоҳ доштани он тадбирҳо меандешад.

Аз гуфтаи боло маълум мешавад, ки барои ин ё он иттилоотро ҳамчун сирри тиҷоратӣ эътироф намудан он бояд дорои се шарт бошад:

1. Иттилоот бинобар ба шахси сеюм маълум набуданаш бояд арзиши воқеӣ ё имконпазири тиҷоратӣ дошта бошад. Ин чунин маъно дорад, ки иттилоот на танҳо нав, аслӣ, балки дар мавриди ҳозира ё дар оянда арзиши истеъмолиро ба даст дарорад. Ба тариқи дигар, вай бояд ҳамчун мол барои субъекти фаъолияти соҳибкорӣ аҳамият дошта бошад ва ба сифати обгенти хариду фурӯш, мубодила ё муомилоти дигар дар бозор баромад намояд.

2.Иттилоот дар асоси қонун набояд барои истифодаи озодона дастрас бошад. Дорандаи иттилоот уҳдадор намебошад, ки ба шахсони муҳтоҷи ин иттилоот онро ба музд ё ин ки бемузд пешниҳод намояд.

3. Дорандаи иттилоот ҷиҳати махфӣ нигоҳ доштани он бояд тадбирҳо андешад, яъне аз тариқи воситаҳои ахбори омма фош нанамояд, ба дару деворҳо начаспонад, ташвиқу тарғиб кунад, дар ҷойҳои ба ҳама дастрас нигоҳ надорад ва ғайра.

Маҳаки умумии фарқ кардани сирри тиҷоратӣ аз дигар намудҳои иттилооти махфӣ қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ мебошад.

Иттилооте, ки сирри тиҷоратии субъектони фаъолияти соҳибкориро ташкил медиҳанд ва мақомоти давлатӣ дар доираи ваколати ба онҳо додашуда ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ аз он воқиф гаштаанд, ба категорияи сирри хизматӣ дохил мешаванд. Масалан, мақомоти андоз ҳангоми санҷиши ташкилотҳо ҳуқуқи дастрас кардани шартномаҳои онҳоро бо рақибон доранд, вале дар чунин сурат иттилоот оид ба нархҳо ва дигар шарту қайди аҳдҳо дорои вазъи сирри хизматӣ мебошанд. Барои фош кардани онҳо хизматчиёни мақомоти андоз бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Сирри тиҷоратиро қонун ҳаматарафа ҳифз менамояд. Бинобар ин шахсоне, ки бо усулҳои ғайриқонунӣ чунин маълумотро ба даст даровардаанд, инчунин, хизматчиёне, ки хилофи шартномаи меҳнатӣ ё рақибоне, ки хилофи шартномаи ҳуқуқи маданӣ сирри тиҷоратиро фош кардаанд, бояд товони зарари расидаро диҳанд (б.2 м. 165 КМ ҶТ).

Вобаста ба ҳолати фош намудани сир нисбати шахсони ба он мансуб, тарзҳои ҳимояи дар м. 11 КМ ҶТ пешбинигардидаро татбиқ кардан мумкин аст. Дар таҷриба аксарияти ҳолатҳо ба рӯёнидани товони зарар, беэътибор эътироф намудани санади мақоми давлатӣ ё худидоракунии маҳаллӣ ва рӯёнидани товони зиёни маънавӣ дучор шудан мумкин аст.

# БОБИ 2. ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ СОҲИБКОРОНИ ИНФИРОДӢ

## §1.Мафҳум, намудҳо ва шаклҳои соҳибкории инфиродӣ

Соҳибкории инфиродӣ дар кишвари мо дар баробари барқароршавӣ ва рушди иқтисоди бозорӣ инкишоф ёфт. Дар солҳои охири мавҷудияти Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии сотсиалистӣ (минбаъд ИҶШС) санадҳои меъёри ҳуқуқие қабул карда шуданд, ки тадриҷан расмикунонии ин намуди фаъолиятро иҷозат доданд. Аз ҷумла, Қонуни ИҶШС аз 19 ноябри соли 1986 «Дар бораи фаъолияти меҳнатии инфиродӣ»[33], ки ба шаҳрвандон машғул шудан ба фаъолияти хоҷагиро бе истифодаи меҳнати кироя имконият дод. Шаҳрванде, ки ба фаъолияти меҳнати инфиродӣ машғул мешуд, ҳануз соҳибкор ном бурда намешуд. Яъне инфиродикор соҳибкор ҳисоб карда намешуд.

Қонуни ИҶШС аз 26 майи соли 1988 «Дар бораи кооператсия дар ИҶШС»[34], бошад, на танҳо иштироки шаҳрвандонро дар кооперативҳои истеҳсолӣ пешбинӣ намуд, балки аз тарафи субъектҳои хоҷагии мазкур истифода намудани меҳнати кирояи шаҳрвандонеро, ки аъзои кооператив намебошанд, имконият дод. Қонуни ИҶШС аз 2 апрели соли 1991«Дар бораи асосҳои умумии соҳибкории шаҳрвандон дар ИҶШС»[35], бошад Қонуни махсус дар бораи соҳибкории инфиродӣ буд. Вай на танҳо фаъолияти соҳибкории шаҳрвандонро ҳаматарафа зери танзими ҳуқуқӣ қарор дод, балки муносибати ҳуқуқии байни худи шаҳрвандон ва шаҳрвандону давлатро муайян намуд.

Баъди соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти соҳибкори инфиродӣ дар асоси Қонуни ҶТ  аз 23

---

[33] Ведомости Верховного Совета СССР. !986. №47. Ст.964.
[34] Ведомости Верховного Совета СССР .1988. №22. Ст.355.
[35] Ведомости Верховного Совета СССР. 1991. №16. Ст.442.

декабри соли 1991 «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[36] сурат гирифт.

Баробари қабули қисми 1 Кодекси граждании ҶТ (с. 1999) баъзе меъёрҳои хислати ҳуқуқии хусусӣ доштаи соҳибкори инфиродӣ ба Кодекси маданӣ ворид карда шуд. Меъёрҳои хислати оммавию ҳуқуқидошта бошад ба Кодекси маданӣ ворид нашуданд. Дар натиҷа ҳолати ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ бо таври бояду шояд зери танзими ҳуқуқӣ қарор нагирифт. Бо мақсади бартараф намудани камбудии мазкур дар қисми 2 м. 24 КМ ҶТ пешбинӣ карда шуд, ки агар аз қонунҳо ё моҳияти муносибати ҳуқуқӣ тартиби дигаре ба миён наояд, нисбати фаъолияти соҳибкории шаҳрвандон, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд, мутобиқан қоидаҳои Кодекси маданӣ истифода мешаванд, ки фаъолияти шахси ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратибударо танзим менамоянд. Сабаби баробар намудани вазъи ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ ба вазъи ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратӣ на танҳо субъекти фаъолияти соҳибкорӣ будани онҳо, инчунин, нокифоягии меъёрҳои махсус танзимкунандаи фаъолияти соҳибкории инфиродӣ дар қонунгузории амалкунанда мебошад. Ҳамзамон, ҳолати зикршуда ба он асос меёбад, ки муносибатҳои соҳибкорӣ новобаста аз оне ки дар онҳо соҳибкорони инфиродӣ ё ташкилотҳои тиҷоратӣ иштирок менамоянд, ягона мебошанд.

Ногуфта намонад, ки мафҳуми соҳибкори инфиродӣ минбаъд дар баъзе қонунҳои баъди Кодекси маданӣ қабулкардашуда, низ дода шуда буд. Аз ҷумла, тибқи моддаи 6 Қонуни ҶТ аз 10 майи соли 2002 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[37] соҳибкории инфиродӣ фаъолияти мустақилонаи шахси воқеие эътироф карда шуда буд, ки бидуни таъсиси шахси

---

[36] Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1992, №4(1113), м. 37.

[37] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4,қ.1. Мод. 293.

ҳуқуқӣ аз номи худ, тахти таваккал ва бо масъулияти молумулкии худ бо мақсади гирифтани фоида (даромад) равона карда шудааст.

Кодекси андоз аз 3 декабри соли 2004[38] соҳибкории инфиродиро ҳамчун фаъолияти шахси воқеӣ, резидент ё ғайрирезидент бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, аз номи худ, тахти таваккал ва масъулияти молумулкии худ эътироф намуда буд (м.15). Ҳамин тавр, дар қонунҳои мазкур, ки мафҳуми соҳибкории инфиродиро дода буданд, дар фарқият ба Кодекси маданӣ ба ҳайси яке аз аломатҳои муҳими фаъолияти соҳибкории инфиродӣ масъулияти молумулкии он ба ҳисоб мерафт. Минбаъд мафҳуми алоҳидаи соҳибкори инфиродӣ аз қонунҳо бардошта шуд. Акнун дар ҳамаи қонунҳои амалкунанда ҳангоми муайян кардани мафҳуми соҳибкории инфиродӣ аз мафҳуми ягонаи расмии фаъолияти соҳибкорӣ истифода менамоянд. Тибқи он фаъолияти соҳибкорӣ, аз он ҷумла соҳибкории инфиродӣ - фаъолияти мустақилонае мебошад, ки тахти таваккали шахсон амалӣ гардида, барои ба даст овардани фоида аз ҳисоби истифодаи молу мулк, фурӯши мол (иҷрои кор ё хизматрасонӣ) равона гардидааст.

Вале дар баъзе Кодексҳо, аз ҷумла Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии ҶТ, Кодекси андози ҶТ (м. 14) ва Кодекси меҳнати ҶТ (м. 273) тахти мафҳуми соҳибкори инфиродӣ шахси воқеие фаҳмида мешавад, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ тибқи патент ё шаҳодатнома амалӣ менамояд. Ба ақидаи мо мафҳумҳое, ки дар Кодексҳои мазкур дода шудааст, аҳамияти махсуси истилоҳотӣ дошта, барои амалӣ намудани мақсадҳои дар онҳо зикршуда таъин шудааст.Онҳо моҳияти мафҳуми фаъолияти соҳибкориеро, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, ифода карда наметавонанд, зеро

---

[38] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ. 1, мод. 688;мод. 689; с. 2008, №3, мод. 195; №6, мод. 455; с.2010, №7, мод.559; с. 2012, №4; мод. 263;№7, мод.702.

қонунгузорӣ мафҳуми соҳибкориро на танҳо аз лиҳози унсури расмӣ, яъне бақайдгирии давлатӣ, инчунин, аз лиҳози аломатҳои моҳияти соҳибкорӣ низ баҳо медиҳад.

Дар баъзе мавридҳо соҳибкории инфиродӣ бо баъзе намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ба монанди ҳунармандӣ ва фаъолияти хоҷагии шахсии ёрирасон монанд дониста мешавад. Ин беасос намебошад. Зеро, таърихан, баъзе аз намудҳои фаъолияти иқтисодӣ бо таври анъанавӣ ҳамчун намуди ҳунармандӣ (касб) пайдо шуданд. Дар кишвари мо ҳунармандӣ, ё ин ки дар баъзе мавридҳо косибӣ ҳам меномананд хело барвақт оғоз гардидааст[39]. Тибқи фарҳанги забони тоҷикӣ калимаи «ҳунар» маънои қобилият, кордонӣ, устодӣ ва маҳоратро дорад. Ҳунарманд бошад шахси соҳибҳунар, доно, боистеъдод ва моҳир дониста мешавад[40]. Калимаи «косиб» маъноӣ касбкунанда, ҳосилкунанда, пешавар ва ҳунармандро дорад[41]. Ҳамин тавр, ҳунармандӣ ва косибӣ дар бисёр мавридҳо дар адабиёт ва таҷриба ҳамчун синоними якдигар истифода бурда мешавад. Вале, агар дар як ҳолат ин намуди фаъолияти иқтисодӣ ба соҳибкорӣ дохил бошад, дар дигар маврид хислати соҳибкорӣ доштани онҳо қонунан эътироф карда нашудааст.

Бояд қайд намоем, ки дар байни ҳунармандӣ ва соҳибкории инфиродӣ алоқаманди ва фарқият вуҷуд дорад. Алоқамандии онҳо дар он ифода меёбад, ки мақсади машғул шудан ба ҳарду ин намуди фаъолият тайёр кардан, истеҳсол ва ба даст овардани даромад (фоида) мебошад. Ҳунарманд бояд фаъолияти худро барои қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ, эстетикӣ ё фарҳангии худ равона созад. Чунин фаҳмиши ҳунармадӣ аз моҳияти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба миён меояд.Тибқи м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳунармандӣ» аз 1 августи соли 2019 ҳунармандӣ бо

---

[39] Ниг.: Ғафуров Б. Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, Асрҳои миёна ва давраи нав.-Душанбе, Дониш, 2008.
[40] Ниг.: Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 2.-Москва, 1969. -С. 758.
[41] Ниг.: Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷилди 1.-Москва, 1969. -С. 566.

истеҳсолоти дастӣ дар хона ё корхонаи хурд асос ёфта барои тайёркунӣ, коркард ва истеҳсоли молу маҳсулоти истифодаи маишӣ ва армуғон аз тарафи шаҳрванд (шахси воқеӣ) амалӣ карда мешавад[42]. Ҳамин тавр, ҳунармандӣ ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи баъзе қонунуҳо фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳунарманд соҳибкор эътироф карда намешавад. Масалан, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ» фаъолияти косибонеро (ҳунармандонеро), ки ба истеҳсол ва (ё) ба фурӯш баровардани маснуоти ҳунарҳои бадеии халқи машғул мешаванд дар ҳолати таъсиси ташкилоти тиҷоратӣ ва бақайдгирии он фаъолияти ҳунармандӣ эътироф менамояд (м. 8)[43].

Дар фарқият аз ҳунармандӣ фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ҷавогӯи талаботҳои муайянкардаи қонунгузорӣ мебошад. Соҳибкорӣ инфиродӣ дар фарқият ба ҳунарманд захираҳои моддии худро барои васеъ намудани истеҳсолот, фурӯши мол, иҷрои кор ва расонидани хизмат равона месозад. Дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ қайд карда мешавад, ки ҳунармандӣ бояд як навъи соҳибкории хурд, яъне соҳибкорӣ бошад[44].

Масъалаи хоҷагии шахсии ёрирасон низ аз лиҳози қонунгузорӣ ва назария баҳсталаб мебошад. Фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон тибқи қ. 2 м. 1 Қонуни ҶТ аз 19 июли соли 2022 «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ»[45] соҳибкорӣ эътироф карда намешавад.Вай хоҷагиест, ки бо меҳнати шахсии шаҳрванд

---

[42] Қонуни ҶТ аз 20 июни соли 2019 «Дар бораи ҳунармандӣ»/ Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.- 2019.-№1619.-М.121.

[43] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2003 «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ» /Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №8, мод.466. ҚҶТ аз 22.07.2013 с., № 1006;аз 2.01.2019 с., № 1570.

[44] Ниг.: Шарипов И. М. Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Автореферати дисс., номзадӣ илмҳои ҳуқуқшиносӣ.- Душанбе, 2020.-С.14-15.

[45] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2022, №12, мод.675;

ва аъзои оилаи ӯ бо мақсади истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва қонеъ гардонидани талаботи худ бо озуқаворӣ ва эҳтиёҷоти дигар пеш бурда мешавад. Қайд кардан бамаврид аст, ки хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон дорои аломати мустақилияти нисби буда, дар фарқият аз соҳибкори инфиродӣ хусусияти истеъмолӣ, на хислати истиснoии истеҳсолӣ дорад. Омили асосие, ки ҳангоми амалӣ намудани ин намуди фаъолияти иқтисодӣ, имконият намедиҳад онро соҳибкори инфиродӣ эътироф намоем, ноустувории пасти даромаднокии хоҷагии ёрирасон, захираҳои маҳдуди моддию техникӣ ва ҳаҷми майдони замини кишт мебошад. Шаҳрвандоне, ки дорои хоҷагии ёрирасони шахсӣ мебошанд на ҳама вақт мунтазам дар он кор менамояд. Аз ин ҷо мунтазам фоида ба даст намеоранд. Аммо дар адабиёти ҳуқуқии хориҷӣ ибрози ақида карда мешавад, ки хоҷагии ёрирасонӣ шахсӣ, бояд соҳибкории инфиродӣ эътироф карда шавад[46].Ба ақидаи мазкур ризо шудан душвор мебошад. Аввало, эътироф намудани хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба ҳайси соҳибкории инфиродӣ дар он кишварҳое имкон дорад, ки шаҳрванд дорои қитъаи замини наздиҳавлигии хело калон мебошад. Баъдан, меъёри зиёди қитъаи замини наздиҳавлигӣ имконият медиҳад, ки аз ҳисоби саҳми шахсӣ дар соҳаи кишоварзӣ ба воситаи васеъ намудани иқтидори истеҳсолӣ, зиёд намудани истеҳсоли мол ва ба воситаи фурӯши он фоида ба даст оварда шавад[47].

Қайд кардан бамаврид аст, ки соҳибкори инфиродӣ шахси воқеие мебошад, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ амалӣ менамояд. Ба ҷумлаи шахсони воқеие, ки бо фаъолияти соҳибкории инфиродӣ машғул шуда метавонанд, шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд мансубанд.Онҳо баъди ба қайд

[46] Ниг.: Амирханова И. В. Гражданско-правовое обеспечение интересов предпринимателей: автореф. дис. …д-ра юрид. наук. – Алматы, 2005.- С. 23.
[47] Ниг.: Маҳмадшоев Ф. А. Правовое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан.-Душанбе. «Эр-граф», 2012.-С.12.

гирифтан метавонанд ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд.

Қайд намудан лозим аст, ки тибқи м. 24 КМ нисбат ба шаҳрвандоне, ки бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд қоидаҳои Кодекси маданӣ дар бораи шахсони ҳуқуқии дорои ҳуқуқӣ ташкилоти тиҷоратӣ татбиқ карда мешавад. Вале тибқи муқаррароти қонунгузории амалкунанда қобилияти соҳибҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ, нисбат ба қобилияти соҳибҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ васеъ мебошад.Ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани мақсади муайян таъсис дода мешаванд. Қобилияти соҳибҳуқуқии соҳибкорни инфиродӣ умумӣ мебошад. Онро танҳо бо тартиби муқарраркардаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ маҳдуд кардан мумкин аст (м. 14 Конститутсия). Гуфтан лозим аст, ки танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи Конститутсия ҳуқуқи соҳибкоронро, аз ҷумла соҳибкорони инфиродиро маҳдуд намудан мумкин аст. Аз ин ҷо дар қонунҳои амалкунанда низ танҳо дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи Конститутсия ҳуқуқҳои маданиро маҳдуд кардан мумкин аст.Дар дигар ҳолатҳо иҷозат дода намешавад.

Инчунин, хусусияти вазъи ҳуқуқии соҳибкорони инфиродиро тартиби андозбандии фаъолияти соҳибкории онҳо ташкил диҳад. Низоми андозбандии шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳанд дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад (Нигар оид ба масъала ба параграфи 2 боби мазкур).

Хусусияти дигари фарқкунандаи соҳибкори инфиродӣ аз дигар субъектҳои хоҷагӣ қоидаҳо оид ба муфлисшавии онҳо мебошад (м. 26 КМ ҶТ ; м. 39-41 Қонуни ҶТ «Дар бораи муфлисшавӣ»). Мувофиқи он соҳибкори инфиродие, ки барои қонеъ гардонидани талаботи кредиторон қодир

нест, бо қарори суд мумкин аст муфлис эътироф карда шавад. Аз рӯзи қабули чунин қарор қайди ӯ ба сифати соҳибкори инфиродӣ беэътибор мегардад.

Асос ва тартиби муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродиро Қонуни ҶТ аз 8 декабри соли 2003 «Дар бораи муфлисшавӣ»[48] муқаррар менамояд. Тибқи он асоси муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ надоштани қобилияти қонеъ кардани талабҳои кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва (ё) иҷрои вазифаҳо оид ба ворид намудани пардохтҳои ҳатмӣ мебошад (м. 39). Чи тавре, ки маълум аст уҳдадориҳои соҳибкори инфиродӣ ба уҳдадориҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ ва уҳдадориҳои хислати шахси дошта, иборат мебошад. Соҳибкори инфиродие, ки муфлис эълон карда шудааст, ҳангоми баробар кардани ҳисобу китоб бо кредиторҳо аз иҷрои уҳдадориҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошад ва бо сабаби нарасидани молумулки қарздор қонеъ гардонида нашудаанд, озод гардида, вале аз иҷрои талабҳои хусусияти шахсидоштаи кредиторҳо, ки қонеъ гардонида нашудаанд, озод карда намешаванд. Аз ин маълум мешавад, ки вазъи ҳуқуқии шаҳрванде, ки бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул мешавад, аз вазъи ҳуқуқии шаҳрванди ба он машғул нашаванда фарқ менамояд. Аз тарафи дигар, парвандаҳои онҳо бояд мувофиқи қонунгузории амалкунанда танҳо дар суди иқтисодӣ баррасӣ шавад. Бақайдгирии давлатии қатъ гардидани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ тибқи аризаи соҳибкори инфиродӣ; вафоти соҳибкори инфиродӣ; қарори суд дар бораи муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ; қарори суд дар бораи бедарак ғоибшуда ё фавтида эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ; қарори суд дар бораи қатъ гардидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ ба таври маҷбурӣ дар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ; санади эътибори қонунӣ

[48]Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №12, мод.674; соли 2008, №10, мод.813; соли 2009, №5, мод.317.

пайдо намудаи суд дар бораи маҳрум намудан аз ҳуқуқи машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ ба муҳлати муайян ва бекор кардани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи шахси хориҷӣ барои муваққатан ё доимӣ истиқомат намудан ва анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ё ба охир расидани муҳлати чунин ҳуҷҷат ( м. 24 Қонуни мазкур) амалӣ карда мешавад.

Ба ҳайси хусусияти дигари фарққунандаи соҳибкорони инфиродӣ аз дигар субъектҳои хоҷагӣ (ташкилотҳои тиҷоратӣ) ҷавобгарии онҳо баромад менамояд. Соҳибкори инфиродӣ  аз рӯи уҳдадориҳои худ ба тамоми молумулки ба ӯ тааллуқдошта, ба истиснои молумулке, ки мутобиқи санади қонунгузорӣ аз он маблағ ситонидан манъ аст, ҷавобгар мебошад (қ.1.м. 25 КМ ҶТ).

Фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун зуҳуроти иқтисодӣ мумкин аст аз тарафи шаҳрвандон бе бақайдгирии давлатӣ низ амалӣ карда шавад. Масалан, тибқи қ.3 м. 24 КМ ҶТ шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ бо вайрон намудани талаботи қисми 1 моддаи мазкур амалӣ менамоянд, ҳақ надоранд нисбат ба аҳдҳои бастаашон ба он истинод намоянд, ки онҳо соҳибкор намебошанд. Суд метавонад ба чунин аҳдҳо қоидаҳои Кодекси мазкурро оид ба уҳдадориҳое, ки ба амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд мебошанд, татбиқ намояд. Дар натиҷа аз лиҳози назариявӣ симои соҳибкори инфиродӣ боиси пайдоиши як қатор саволҳои муҳим мегардад. Аввало, бояд ҳаматарафа шаҳрвандонеро, ки ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ бе бақайдгирии давлатӣ фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд мавриди баррасӣ қарор дод. Дар ҳақиқат аз нуқтаи назари иқтисодӣ чунин фаъолият соҳибкорӣ мебошад, зеро ба ҳамагуна хусусиятҳои зарурӣ ҷавобгӯ мебошад.

Баъдан, чунин фаъолият ғайриқонунӣ мебошад, зеро бақайдгирии давлатии субъектҳои соҳибкорӣ мавҷуд намебошад. Реҷаи ҳуқуқии соҳибкории ғайриқонунӣ оқибатҳои гуногуни ҳуқуқиро бавуҷуд мебиёрад. Кодекси маданӣ ба чунин шахсон имконият намедиҳад, ки нисбат ба

аҳдҳои бастаашон ба он ҳавола намоянд, ки он соҳибкорӣ намебошанд (қ. 4 м. 24). Кодекси андози ҶТ шахсоне, ки фаъолияти соҳибкориро бе бақайдгирии давлатӣ амалӣ менамоянд андозсупоранда ҳисоб менамояд (м. 15 КА ҶТ). Мантиқи навиштаҷотӣ қонунгузор дар ин ҳолат маълум мебошад. Аз як тараф манфиати хусусии тарафҳоро дар аҳдҳои маданӣ-ҳуқуқӣ, аз тарафи дигар манфиати давлатро ба восита руёнидани андоз ҳимоя менамояд. Дар навбати худ қонунгузории маъмурӣ ва ҷиноятӣ чораҳои ҷавобгариро баро соҳибкории ғайриқонунӣ муқаррар менамоянд[49]. Масалан, м. 259 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятиро барои соҳибкории ғайриқонунӣ пешбини менамояд. Тибқи он фаъолияти соҳибкорӣ бидуни бақайдгирӣ ё бидуни иҷозатномаи махсус дар ҳолатҳое, ки чунин иҷозат ҳатмӣ мебошад ё бо вайрон кардани шартҳои иҷозатномадиҳи ва (ё) бо роҳи истифода бурдани шахсони дигар, инчунин, машғул шудан ба намудҳои манъшудаи фаъолияти соҳибкорӣ, ки бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон ё расонидани зарар ба микдори калон ба манфиати шаҳрвандон, ташкилотҳои тиҷоратӣ ё ғайритиҷоратӣ ё ба давлат  содир шудааст маън мебошад. Бо дарназардошти гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки соҳибкорӣ категорияи иқтисодию ҳуқуқӣ мебошад. Табиати иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ дар натиҷаи зери танзими ҳуқуқӣ қарор дода шудани фаъолияти соҳибкорӣ дорои мазмуни ҳуқуқӣ мегардад. Дар натиҷа соҳибкорӣ аз лиҳози қонун бояд ба талаботи қонунгузорӣ ҷавобгӯ бошад. Вагарна бо тамоми оқибатҳое, ки бавуҷуд меояд ғайриқонунӣ эътироф карда мешавад.

Барои ҳамин ҳангоми баҳо додани соҳибкории қонунӣ зарур аст, ки ду маҳак ба назар гирифта шавад: предмети ва субъектӣ соҳибкорӣ. Маҳаки субъективиро истифода карда,

[49] Ниг. оид ба масъалаи мазкур: Сафаров А. И., Салоҳидинова С. М. Конститутсионное право граждан на предпринимательскую деятельность и его уголовно-правовая охрана в Республике Таджикистан.-Душанбе, 2016.

қонунгузор бевосита ба зарурияти бақайдгирии давлатии шахсоне, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд ишора менамояд. Бе бақайдгирӣ (иҷозат) чунин фаъолият ғайриқонунӣ мебошад. Аз инҷо симои соҳибкори инфиродӣ бе чунин бақайдгирӣ вуҷуд надорад. Ба ақидаи мо дуруст мебуд нисбат ба соҳибкории ғайриқонунӣ боназокатона ибораи «шахси фаъолияти соҳибкориро бе бақайдгирии давлатӣ амаликунанда» истифода бурда шавад. Зеро таҳлилӣ қонугузорӣ нишон медиҳад, ки мафҳуми «соҳибкорӣ бе таъсисӣ шахси ҳуқуқӣ» ҳам соҳибкории қонунӣ ва ҳам ғайриқонуниро дар бар мегирад. Агар ғайриқонунӣ бошад бояд «фаъолияти соҳибкориро бе бақайдгирии давлатӣ» ҳисобид. Агар сухан дар бораи истилоҳи «соҳибкори инфиродӣ» равад он гоҳ соҳибкории қонуниро бояд дар назар дошт, ки бо бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда мешавад.

Соҳибкории инфиродӣ дар шакли соҳибкории хусусӣ амалӣ карда шуда, дар намудҳои гуногун амалӣ карда мешавад. Онҳоро вобаста ба маҳакҳои гуногун аз ҳамдигар фарқ намудан мумкин аст.Вобаста ба мақсади иқтисодиашон ва бо дарназардошти равиши фаъолияти соҳибкорӣ, объекти пешниҳоди сармоя ва ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии дарназардошта соҳибкори инфиродиро ба намудҳои зерин ҷудо менамоянд:

1)истеҳсолӣ; 2) тиҷоратӣ; 3) молиявию кредитӣ; 4) машваратӣ.

Ҷудо намудани баъзе намудҳои фаъолияти соҳибкори инфиродӣ вобаста ба соҳаҳое, ки амали карда мешавад аз маҳакҳои зерин вобастагӣ дорад: 1)иқтисодӣ; 2) фарҳангӣ; 3) иҷтимоӣ.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама намудҳои соҳибкории инфиродиеро ҷудо намудан мумкин аст, ки бевосита дар қонун пешбинӣ карда шудааст. Вобаста ба ҳамин намудҳои зерини соҳибкории инфиродиро ҷудо намудан мумкин аст:

1)Соҳибкории инфиродӣ дар соҳаи истеҳсолот;

2)Соҳибкории инфиродӣ дар соҳаи фурӯши мол, иҷрои кор ва расонидани хизмат.

Бояд қайд намоем, ки ҳамаи ин намудҳои соҳибкории инфиродиро асосҳои умумии иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ муттаҳид меамояд. Ба ғайр аз он оид ба намудҳои алоҳидаи онҳо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шудаанд.

Дар бораи намудҳои соҳибкории инфиродӣ ибрози ақида намуда, ҳамзамон, бояд қайд кард, ки тибқи моддаи 3 Қонуни ҶТ аз 26 июли соли 2014 «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ»[50] соҳибкорӣ дар навбати худ дар асоси шаклҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ;
- бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ;
- бо истифодаи меҳнати кироя;
- бе истифодаи меҳнати кироя.

Бояд қайд намоем, ки чунин ҷудокунӣ боиси нофаҳми дар шаклҳои соҳибкорӣ мегардад. Зеро, ҳамагуна соҳибкорӣ дар шаклҳои бе таъсисӣ шахси ҳуқуқӣ ва бо таъсисӣ шахси ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз соҳибкории инфиродӣ дар шакли бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, метавонд бе истифодаи меҳнати кироя ва бо истифодаи меҳнати кироя амалӣ карда шавад. Ҳангоми дар асоси патент анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории инфиродӣ бе истифодаи меҳнати кироя ва ҳангоми дар асоси шаҳодатнома амали намудани он бо истифодаи меҳнати кироя анҷом дода мешавад. Ҳамин тавр, шаҳрвандон ҳақ доранд соҳибкории инфиродиро дар шакли бе таъсис додани шахси ҳуқуқӣ амалӣ намоянд. Аз ин ҷо онҳо ҳақ доранд мустақилона дар муносибатҳои соҳибкорӣ иштирок намоянд. Ин ба мавҷуд будани шакли соҳибкори инфиродии шахсӣ ишора менамояд. Соҳибкории инфиродии шахсӣ дар навбати худ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба намудҳои зерин ҷудо мешавад:

---

[50] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 2, мод. 404; Қонуни ҶТ аз 30.05.2017 с., №1436; аз 02.01.2020 с., №1684.

1)Соҳибкории инфиродии шахсӣ;

2)Соҳибкории якҷояи шахсӣ .

Дар навбати худ соҳибкории шахсии якҷояро ба намудҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1)соҳибкории шахсии оилавӣ, ки дар навбати худ онро ба соҳибкори инфиродӣ ва дастаҷамъонаи оилавӣ ҷудо намудан мумкин аст;

2)соҳибкории шахсии шарикӣ бо иштироки шаҳрвандони гуногун.

Ҳамзамон, гузориши мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳибкори инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ба воситаи меъёрҳои қонунгузории маданӣ амали шуданаш ғайриимкон мебошад. Ҳангоми муайян кардани намуд ва шаклҳои соҳибкории инфиродӣ маҳакҳои сифатӣ ва шуморавии иштироки шахсии соҳибкори инфиродӣ дар муносибатҳои соҳибкорӣ, тааллуқдоштаи соҳавӣ ва реҷаи ҳуқуқии андозбандӣ низ ба назар гирифта мешавад.

## §2. Ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун унсурӣ қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд

Машғул шудан ба фаъолити соҳибкорӣ ифодаи озодии соҳибкорӣ буда ҳамчун яке аз ҳуқуқҳои асосӣ ва озодии инсон ва шаҳрванд мебошад. Ҳамчун унсури қобилияти ҳуқуқдории шаҳрванд дар м.19 КМ ҶТ ифода ёфта, аз моҳияти принсипи озодии фаъолияти соҳибкорӣ, ки дар м.12. Конститутсияи ҶТ муқаррар карда шудааст бамиён меояд. Барои пурра машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ шаҳрванд на танҳо дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ, балки дорои қобилияти амалкунӣ, яъне субъекти ҳуқуқ (соҳибҳуқуқ) низ бошад. Вай бояд амали аҳамияти ҳуқуқидоштаро содир намояд ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ё шартнома имконияти ба зимма гирифтани ҷавобгариро дошта бошад. Қобилияти амалкунӣ бо фаро расидани балоғат, яъне пас аз расидан ба синни ҳаждаҳ, ба миён меояд (қ. 1 м. 22 КМ ҶТ ). Дар ҳолати тибқи қонун то ба синни 18 расидан издивоҷ иҷозат дода шудан, аз лаҳзаи издивоҷ кардан, шаҳраванд

қобилияти пурраи амалкуниро ба даст меорад. Аз ин ҷо вай метавонад ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад. Вале бо дарназардошти ҳолатҳои истисноӣ новобаста ба синни балоғат расидан шаҳрванд метавонад ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад. Барои ин қонунгузор институти ҳуқуқии махсуси эмансипатсияро муқаррар кардааст. Қобилияти пурраи амалкунии маданӣ тибқи қ. 1 м. 28 КМ ҶТ мумкин аст ба шаҳрванде дода шавад, ки ба синни 16 расидааст ва дар асоси шартномаи меҳнатӣ (қарордод) кор кунад, ё бо розигии падару модар, фарзандхондагон ё парастор ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад. Дорои қобилияти пурраи амал (эмансипатсия) эълон кардани ноболиғ бо розигии падару модар, фарзандхондагон ё парастор бо қарори мақомоти васояту парасторӣ ё дар сурати набудани чунин розигӣ бо қарори суд сурат мегирад. Ҳамин тавр, барои он, ки ноболиғ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳиби эмансипатсия гардад, шартҳои зерин зарур аст: аввалан, хоҳиши ноболиғ оид ба машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ; сониян, розигии падару модар, фарзандхондагон ё парастор бо қарори мақомоти васояту парасторӣ, солисан, дар сурати набудани чунин розигӣ қарори (ҳалномаи) суд. Баъдан, ҳангоми мавҷуд будани шартҳои зикршуда онҳо бояд ба қайд гирифта шаванд. Ҳамин тавр, ҳамагуна шаҳрванд аз лаҳзаи ба қайди давлатӣ гирифтан дорои вазъи соҳибкорӣ инфиродӣ мегардад.

Бояд қайд намоем, ки ба ҳайси соҳибкори инфиродӣ, инчунин, хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) баромад карда метавонад. Ин дар ҳолате имкон дошта метавонад, ки хоҷагии деҳқонӣ бе таъсисӣ шахси ҳуқуқӣ ва ба шумораи аз 1 то 50 нафар тибқи Қонуни ҶТ аз 15 марти соли 2016 «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ» (фермерӣ) [51] ташкил карда шавад. Пеш аз ҳама бояд қайд намоем, ки тибқи Қонуни мазкур мафҳумҳои хоҷагии «деҳқонӣ» ва «фермерӣ»

[51] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №3, мод. 142.

ҳаммаъно мебошад[52]. Ба таъсисӣ хоҷагии деҳқонӣ танҳо шаҳрванди ба синни 18 солагӣ расида машғул шуда метавонад (м.3). Тибқи м.1 Қонуни мазкур хоҷагии деҳқонӣ субъекти соҳибкорие мебошад, ки дар он истеҳсол, нигоҳдорӣ, коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ ба фаъолияти шахсии як нафар ё фаъолияти якҷояи гурӯҳи шахсони воқеӣ дар қитъаи замин ва молумулки ба онҳо тааллуқдошта анҷом дода мешавад.

Бояд дар назар дошт, ки хоҷагии деҳқонӣ бе таъсисӣ шахси ҳуқуқӣ аз тарафи як нафар ё гурӯҳи шахсони воқеӣ дар шаклҳои зерин таъсис дода мешавад:

а) Хоҷагии деҳқоние, ки аз тарафи як нафар таъсис дода мешавад;

б) Хоҷагии деҳқоние, ки аз тарафи гурӯҳи шахсони воқеӣ ( аз 2 то 50 нафар) дар асоси шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ) таъсис дода мешавад (м. 3 Қонуни мазкур).

Ҳамин тавр, Қонуни нави хоҷагии деҳқонӣ дар шакли оилавӣ таъсис додани хоҷагии деҳқониро мушаххас муайян накарда, таъсис додани хоҷагии деҳқониро дар шаклҳои инфиродӣ ва якҷоя пешбинӣ менамояд. Ба ақидаи мо мушаххас нишон додани таъсис додани хоҷагии деҳқонӣ аз тарафи на танҳо як шахс, гурӯҳи шахсон, балки як оила барои равшани андохтан ба ин масъала аз манфиат холи намебошад.

Ҳоҷагии деҳқонӣ фаъолияти худро аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бо сабт намудани калимаҳои «хоҷагии деҳқонӣ» дар номи худ амалӣ менамояд.

Қайд бояд намоем, ки тибқи талаботи Қонуни мазкур ба ҳайси субъекти фаъолияти соҳибкорӣ худи «хоҷагии деҳқонӣ» баромад менамояд. Аз ин ҷо бояд дар байни вазъи ҳуқуқии роҳбари хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва

---

[52] Ниг.: Муртазозода Ҷ. С. Танзими ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар Тоҷикистон: таҳқиқоти граждании -ҳуқуқӣ. -Душанбе, 2022. -С.102 103.

вазъи ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ фарқ гузошт.Тибқи м. 10 Қонуни мазкур роҳбари хоҷагии деҳқонӣ яке аз аъзои он мебошад, ки ба ин вазифа аз ҷониби маҷлиси аъзои хоҷагии деҳқонӣ интихоб карда мешавад. Вай роҳбарии умумӣ ба фаъолияти хоҷагии деҳқонӣ; додани ваколатнома аз номи хоҷагии деҳқонӣ; намояндагии хоҷагии деҳқонӣ дар мақомоти давлатӣ, дар муносибат бо дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ; тибқи шартномаи меҳнатӣ ба кор қабул ва аз кор озод намудани коргарони кироя; ба роҳ мондани баҳисобгирию мусоҳибиро дар хоҷагии деҳқонӣ; аз номи хоҷагии деҳқонӣ имзо кардани шартномаҳо ва дигар аҳдҳои ҳуқуқи-маданӣ ва дигар ваколатҳоро дар доираи қарорҳои маҷлиси аъзои хоҷагии деҳқонӣ ва шартномаи фаъолияти якҷояи аъзои хоҷагии деҳқонӣ амалӣ менамояд. Аз тарафи дигар роҳбари хоҷагии деҳқонӣ соҳибкори инфиродӣ буда, ҳуқуқи амалӣ намудани ҳамагуна фаъолияти соҳибкориро, ки аз мақсади таъсис додани хоҷагӣ ба миён меояд, дорад. Ба ин сифат роҳбари хоҷагӣ фаъолияти соҳибкории инфиродии худро дар алоҳидагӣ аз дигар аъзои хоҷагӣ бурда наметавонад. Фаъолияти он ба монанди фаъолияти дигар аъзои хоҷагӣ бо мақсади умумие, ки хоҷагӣ таъсис дода шудааст, тобеъ мебошад. Ҳамзамон, шаҳрвандоне, ки дар ҳайати хоҷагии деҳқонӣ фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳанд, аз бақайдгирии давлатӣ озод мебошанд

Ҳамин тавр, тибқи қонун субъекти соҳибкорӣ худи хоҷагии деҳқонӣ эътироф карда шуда, на роҳбари хоҷагии деҳқонӣ. Аз ин ҷо фаъолияти хоҷагидориро на фақат роҳбари хоҷагии деҳқонӣ, балки ҳамаи аъзои он дар якҷоягӣ мебаранд. Роҳбари хоҷагии деҳқонӣ дар қаторӣ маҷлиси умумии аъзои хоҷагии деҳқонӣ (агар шумораи аъзоаш аз 2 то 50 нафар бошад), ҳамчун мақоми иҷроияи он эътироф карда мешавад. Ҳамин тавр қабули қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» масъалаи дар қатори шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ ба сифати субъекти муносибатҳои соҳибкорӣ баромад намудани

шакли ташкилии нави фаъолияти якҷоя, ба монанди «хоҷагӣ»-ро муқаррар намуд, ки яке аз намудҳои иттиҳодияҳои тиҷоратии соҳибкорон (ширкати оддӣ) мебошад. Акнун хоҷагии деҳқонӣ шахси ҳуқуқӣ набошад ҳам, дар муомилоти иқтисодӣ ҳамчун шахсияти ҳуқуқӣ иштирок намуда қонунан дорои хусусиятҳои шахси ҳуқуқӣ мегардад. Ҳамзамон, шахси ҳуқуқӣ будан ва дорои хусусияти шахсияти ҳуқуқӣ будан як чиз нест. Шахсияти ҳуқуқӣ будан хусусияти умумист, ки қонунгузор ин ё он шахсро ба сифати субъекти ҳуқуқ эътироф менамояд. Дар баробари ин мутобиқи қонунгузории амалкунанда, молумулкӣ хоҷагии деҳқонӣ ва молумулкӣ аъзои он ба ҳуқуқи якҷояи соҳибмулкӣ тааллуқ дорад.

Соҳибкории инфиродӣ аз тарафи як шаҳрванд мустақилан амалӣ карда мешавад. Соҳибкории якҷоя бошад, аз тарафи гурӯҳи шаҳрвандон бе ташкили шахси ҳуқуқӣ дар асоси фаъолияти якҷоя (шарикии одӣ) анҷом дода мешавад.

Бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ тибқи талаботи Қонуни ҶТ аз 19 майи соли 2009 «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»[53] амали карда мешавад. Тибқи Қонуни мазкур бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз тарафи мақомоти андоз (мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирӣ) дар муддати се рӯзи корӣ аз рӯзи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ амалӣ карда мешавад ( м. 21).

Барои амалӣ гардонидани бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ тибқи Қонуни мазкур ҳуҷҷатҳои зерин, аз ҷумла ариза барои бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ; нусхаи ҳуҷҷате, ки шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад;

---

[53] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2009 г., №5, М. 316; 2015 г., №11, ст. 972; Закон РТ от 14.05.2016 г., № 1319.

нусхаи сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин ё нусхаи қарор дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин дар ҳолати бақайдгирии хоҷагии деҳқони (фермери)-и фардӣ ё оилавӣ, рӯйхати аъзои хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ), рақами мушаххаси андозсупоранда барои ҳар яки онҳо; нусхаи ҳуҷҷате, ки дар асоси он ба шахси воқеии хориҷӣ сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст; нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи маҳалли ҷойгиршавии фаъолияти соҳибкории шахси воқеӣ; пардохтномаи (квитансия) боҷи давлатӣ ва (ё) пардохтномаи пешпардохти маблағи патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкори инфиродӣ барои шумораи муайяни моҳ – барои шахсоне, ки хоҳиши гирифтани патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкори инфиродиро доранд ва ғ. (м.22 Қонуни мазкур), пешниҳод карда мешаванд. Ҳамин тавр, Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» хоҷагии деҳқониро тибқи талаботи моддаи 21 бо пешниҳоди нусхаи сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин ё нусхаи қарор дар бораи ҷудо намудани қитъаи замин дар ҳолати хоҷагии деҳқони (фермери)-и фардӣ ё оилавӣ, рӯйхати аъзои хоҷагӣ, рақами мушаххаси андозсупоранда барои ҳар яки онҳо дар асоси Қарор дар бораи бақайдгирии давлатӣ ба қайд мегирад.

Ҳамин тавр, нисбати соҳибкорони инфиродӣ принсипи ягонаи бақайдгирии давлатӣ амал менамояд. Бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ҳангоми гирифтани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ӯ ба ҳайси соҳибкорӣ инфиродӣ ё ҳангоми гирифтани патент барои ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар маҳалли анҷомдиҳии фаъолияти соҳибкории чунин шахс амалӣ карда мешавад. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ба Феҳристи ягонаи давлатӣ маълумотро дар бораи шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ворид менамояд ва ба аризадиҳанда ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси воқеиро ба

сифати соҳибкори инфиродӣ медиҳад ё онро ба суроғаи дар ариза нишондодашуда мефиристонад.

Соҳибкории инфиродӣ дар асоси иҷозатнома, патент ва шаҳодатнома анҷом дода мешавад.

Намудҳои фаъолиятҳое, ки дар асоси иҷозатнома амалӣ карда мешавад тибқи Қонуни ҶТ аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намуди фаъолият»[54] ба танзим даровarда мешавад. Иҷозатнома иҷозати махсусе мебошад, ки барои амалӣ намудани фаъолияти мушаххас бо риояи ҳатмии шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ онро мақомоти иҷозатномадиҳанда ба шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ додааст. Иҷозатномадиҳӣ бошад чорабиниҳоест, ки ба иҷозатномадиҳӣ, аз нав ба расмиятдарории ҳуҷҷатҳое, ки мавҷудияти иҷозатномаро тасдиқ мекунанд, боздоштан ва барқарор намудани амали иҷозатнома, бекор кардани он ва ба назорати мақомоти иҷозатномадиҳанда оид ба аз тарафи иҷозатномадор риояи шарту талаботи иҷозатномадиҳӣ ҳангоми ба амал баровардани намудҳои фаъолияти иҷозатномадодашаванда вобаста мебошад. Ҳамин тавр, иҷозатномадиҳӣ як намуди истеҳсолоти маъмурӣ буда, воситаи танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Додани иҷозатнома далели ҳуқуқие мебошад, ки дар асоси он муносибатҳои ҳуқуқии гуногун, аз он ҷумла маъмури ва маданӣ ба вуҷуд меояд. Намудҳои фаъолияти соҳибкори инфиродие, ки тибқи он гирифтани иҷозатнома ҳатмӣ мебошад, маҳдуд аст. Ба онҳо фаъолияти машғул шудан ба тиббӣ хусусӣ, фаъолият оид ба мусофиркашонӣ ва боркашонӣ бо нақлиёти автомобилӣ; фаъолияти аудиторӣ; фаъолияти ломбардҳо; фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қимматнок; фаъолияти адвокатҳои ваколатдор; фаъолият оид ба ташкилу нигоҳдории кассаҳои тотализаторӣ, идораҳои букмекирӣ ва бозии лото;

[54] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 348; с. 2010, № 12, қ. 1, мод. 821; аз 30.05.2017 № 1434, аз 20.06.2019 № 1625, аз 04.07.2020 № 1712.

фаъолияти гаравхона ва дигар фаъолиятҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст. Бояд қайд намоем, ки соҳибкории инфиродии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванде, ки фаъолияти соҳибкори инфиродиро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ менамоянд, инчунин, тибқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд, амалӣ карда мешавад[55]. Соҳибкори инфиродӣ наметавонад дар як вақт фаъолиятро дар асоси ду варақаи патент, ду варақаи шаҳодатнома ё варақаҳои патент ва шаҳодатнома анҷом диҳад. Фаъолияти соҳибкорӣ дар асоси патент танҳо аз ҷониби шахси воқеие анҷом дода мешавад, ки ба номи ӯ патент дода шудааст.Бо дарназардошти талаботи Қоидаҳои зикршуда пардохт барои патент пардохти устувори андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ буда, ба даромади дар амал бадастовардаи соҳибкори инфиродӣ вобаста намебошад. Андозбандии соҳибкори инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда тибқи Қоидаи мазкур анҷом дода мешавад, агар дар як вақт шартҳои зерин иҷро карда шаванд: а) ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ (патенти дахлдор) ба номи чунин соҳибкор дода шуда бошад; б) маблағи патент барои моҳи (моҳҳои) тақвимии минбаъда аз ҷониби соҳибкор пешакӣ (бо тариқи пешпардохт) пардохт шуда бошад; в) соҳибкори инфиродӣ фаъолияташро бе ҷалби коргарони кироя ва бе амалӣ намудани фаъолияти иқтисодии хориҷӣ анҷом диҳад; г)намуди фаъолияти соҳибкории анҷомдо-дашавандаи соҳибкор дар Номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, ки бо Қарори мазкур

[55] Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд, аз 31 августи соли 2012, №451// Маҳзани мутаммаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

тасдиқ шудааст, пешбинӣ гардида бошад; д) даромади умумии соҳибкори инфиродӣ дар соли тақвимӣ аз 100 ҳазор сомонӣ зиёд набошад.

Дар ҳолате ки соҳибкори инфиродӣ хоҳиши анҷом додани 2 ё зиёда аз он намудҳои фаъолияти дар Номгӯйи намудҳои фаъолияти соҳибкории инфиродӣ пешбинишударо дошта бошад (ё амалан анҷом дода истодааст), чунин соҳибкор 100 фоизи маблағи баландтарини патенти барои фаъолияти интихобгардида пешбинишударо, инчунин, 20 % маблағи патент барои ҳар як дигар намудҳои фаъолияти интихобшударо месупорад. Пардохт барои патент бо дарназардошти таҳрир гаштани Нишондиҳандаҳои минтақавие, ки андозаҳои пардохтро барои патент дар ҳудуди шаҳрҳо ва ноҳияҳо танзим менамоянд ва бо қарори мазкур тасдиқ шудаанд, ҳисоб карда мешаванд. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда дорои ҳуқуқи истифодаи меҳнати кироя буда, метавонад тамоми намуди фаъолияти соҳибкориро, ки қонунгузории ҶТ ва (ё) Қоидаҳо маҳдуд накардааст, анҷом диҳад. Андозбандии даромадҳои шахсони воқеи, ки фаъолияти соҳибкориро дар асоси шаҳодатнома амалӣ менамоянд, мувофиқи низоми махсуси андозбандии муқаррарнамудаи Кодекси андози ҶТ татбиқ карда мешаванд. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда вазифадор аст, эъломияҳои (ҳисобҳои) андозро тибқи талаботи Кодекси мазкур пешниҳод намояд. Ухдадориҳои андози соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда ба натиҷаи фаъолияти соҳибкории ӯ вобаста мебошад. Ҳамзамон, меъёри андози иҷтимоии чунин соҳибкори инфиродӣ новобаста ба даромади бадастомада наметавонад аз андозаи ҳадди зиёдтарини андози иҷтимоӣ, ки барои соҳибкорони инфиродии дар асоси патент фаъолияткунанда муқаррар шудааст, камтар бошад. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда

уҳдадор аст, ки баҳисобгирии муҳосибавии даромадҳо ва хароҷотҳои соҳибкории худро тибқи тартиби содакардашуда, ки Вазорати молияи ҶТ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ тасдиқ мекунад, амалӣ намояд. Даромади умумии солонаи соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда аз ҳамаи намудҳои фаъолияти амалишавандаи он наметавонад аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд бошад. Соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда наметавонад воҳидҳои махсус дошта бошад. Агар қонунгузорӣ тартиби дигареро муқаррар накарда бошад, соҳибкори дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда метавонад ҳамаи намуди фаъолиятро анҷом диҳад, ба истиснои: а) истеҳсоли молҳои зераксизӣ (ба истиснои нӯшокиҳои ғайриспиртӣ) ва амалӣ намудани фаъолияти зераксизӣ; б) фаъолияти иқтисодии хориҷӣ (ба истиснои воридоти молҳои ниёзи мардум ба маблағи то 1 миллион сомонӣ); в) фаъолияти бонкӣ ё намудҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ (ба истиснои амалиёти мубодилаи асъор), фаъолияти суғуртавӣ, фаъолият оид ба идоракунии фондҳои сармоягузорӣ, фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қимматнок; г) фаъолият доир ба истифодабарии қаъри замин; д) қабул, коркард ва (ё) таҳвили металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, дигар металлҳо, консентрат, оҳанпора ва маъданҳо; е) фаъолияти савдо ва (ё) хизматрасонӣ, ё фаъолият доир ба хӯроки умумӣ, агар масоҳати ҷойи фаъолият аз 30 метри мураббаъ зиёд бошад; ж) фурӯши сӯзишворӣ, гази моеъ ва табиӣ, таъсиси бозорҳо, меҳмонхонаҳо ва хизматрасониҳои варзишӣ; з) ташкили коргоҳҳои оҳангудозӣ.

Дар ҳолати дар давоми соли тақвимӣ аз 1 миллион сомонӣ зиёд шудани даромади умумии соҳибкори инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда соҳибкори инфиродӣ вазифадор аст, ки ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирии бақайдгирии худ маълумот пешниҳод намуда, фаъолияти худро ҳамчун

соҳибкори инфиродӣ аз санаи 1-и моҳи минбаъда тибқи тартиби муқарраргардида қатъ намояд. Соҳибкори мазкур метавонад фаъолияти худро дар асоси низоми дигари андозбандии муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ҳамчун субъекти хоҷагӣ идома диҳад. Вайрон кардани талаботи Қоидаҳои мазкур барои кашидан ба ҷавобгарие, ки қонунгузории ҶТ пешбинӣ намудааст, асос мебошад.

Хусусияти меҳнати соҳибкорони инфиродӣ **дар боби 26** Кодекси меҳнат ба танзим дароварда мешавад. Соҳибкорони инфиродӣ метавонанд шартномаи меҳнатиро бо кормандон ба муҳлатҳое, ки Кодекси мазкур муайян намудааст, банданд. Мустақилона қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ (м. 275 Кодекси меҳнати ҶТ) ва реҷаи кории кормандонро мутобиқи Кодекси меҳнат муқаррар намоянд (м. 276 кодекси меҳнати ҶТ). Шартҳои пардохти музди меҳнати кормандон аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ бо мувофиқаи корманд ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ муқаррар карда мешавад.

# БОБИ 3. КОРПОРАТСИЯҲО ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

## §1.Мафҳум ва намудҳои корпоратсия

Масъалаи корпоратсия, муносибатҳои корпоративӣ ва танзими ҳуқуқии он дар шароити имрӯза яке аз проблемаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносии тоҷик ба ҳисоб меравад. Ба ин масъала дар адабиёти ҳуқуқи ва иқтисодии ватанӣ, вақтҳои охир ҳар чи бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Вале дар қонунгузории ҶТ на истилоҳ ва на мафҳуми корпоратсия мавҷуд намебошад. Муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ ҳамчун намуди махсуси нави муносибатҳои соҳибкорӣ мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор дода нашудаанд. Агарчанде, ки шаклҳои гуногуни ташкили ҳуқуқии он (ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва ғ.) дар қонунгузории ҶТ мавҷуд бошад ҳам. Дар таҷриба истилоҳи «корпоратсия» дар номи ҷамъиятҳои хоҷагӣ истифода бурда мешавад. Масалан, ҶДММ «Корпоратсияи моҳипарварӣ», ҶДММ «Корпоратсияи Зиёратшоҳ», «Корпоратсияи Сомон» ва ғ.

Ҳамзамон, масъалаҳои мубрами муносибатҳои корпоративӣ ва субъектҳои он дар адабиёти ҳуқуқии ватании замони Шуравӣ низ мавриди омӯзиш қарор дода нашуда буд. Сабаби ба ин масъала таваҷҷуҳ накардани олимони замони Шуравӣ аз он иборат буд, ки дар он давра ба ҷои корпоратсияҳо дар муомилоти маданӣ корхона ва муассисаҳои давлатӣ иштирок менамуданд. Соҳаи муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ, инчунин, дар доираи ташкилотҳои колхозию кооперативӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ маҳдуд карда шуда буд. Албатта дар чунин ҳолат дар илми ҳуқуқи маданӣ ва хоҷагӣ (соҳибкорӣ) таълимоти мукаммал оид ба муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ бавуҷуд омада наметавонист.

Таваҷҷуҳ ба назарияи муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ дар шароити гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва баъди қабули Кодекси маданӣ, инчунин, як қатор қонунҳои

махсуси танзимкунандаи вазъӣ корпоратсияҳо[56] дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳар чи бештар афзуд. Ҳоло қонунгузории ҶТ доираи васеи онҳо, аз ҷумла ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, копeративҳои тиҷоратиро пешбинӣ менамояд, ки ба ҳақиқати инкишофи иқтисодии кишвари мо ҷавобгӯ мебошад.

Бояд қайд намоем, ки тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)», хоҷагиҳои деҳқонӣ низ метавонад дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ (ширкати комил, ширкати ба боварӣ асосёфта, ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ ва ҷамъияти саҳомӣ (қ. 4. м.3 Қонуни мазкур) ба истисноИ, кооперативӣ тиҷоратӣ (истеҳсолӣ) бо сабт намудани калимаҳои «хоҷагии деҳқонӣ» дар номи он ташкил дода шавад. Чунин сурат гирифтани масъала то дараҷае шакли ташкили ҳуқуқии мустақил будани хоҷагии деҳқониро зери суол қарор дод. Ҳамзамон, дар шаклҳои зикршуда таъсис дода шудани хоҷагии деҳқонӣ чизи наверо эъҷод накард. Чунки ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ шакли ташкилӣ-хоҷагии мустақил мебошад. Танҳо дар номи онҳо сабт шудани калимаи «Хоҷагии деҳқонӣ» моҳияти ширкат ё ҷамъияти хоҷагӣ будани онҳоро дигар намекунад. Зеро дар соҳаи кишоварзӣ низ ҳамаи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии дар Кодекси маданӣ пешбининамударо таъсис додан мумкин аст. Бояд қайд намоем, ки қонунгузории амалкунанда то қабули Қонуни нави хоҷагии деҳқонӣ азнавташкилкунии хоҷагии деҳқониро дар шакли ширкати хоҷагии (комил ва ба боварӣ асосёфта) ё кооперативи истеҳсолӣ имконият медод (м. 307 КМ), вале дар шаклҳои ҷамъияти дорои

---

[56] Масалан: Қонуни ҶТ аз 10 майи соли 2002 «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд»/ Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №4, қисми 2, мод. 314; соли 2008, №10, мод. 810. ; Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007«Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»-Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - с. 2007, №3, мод. 170; с. 2010, №1, мод. 9, №12, қ. 1, мод. 816; с. 2011, №12, мод. 844; с. 2016, №11, мод. 890.

масъулияти маҳдуд, ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ ва ҷамъияти саҳомии (кӯшода ва пӯшида) таъсис доданро қобили қабул намедонист. Қонуни мазкур бошад дар шакли кооперативӣ тиҷоратӣ (истеҳсолӣ) таъсис додани хоҷагии деҳқониро пешбинӣ наменамояд. Ҳол он, ки м.4 Қонуни ҶТ аз 22 июли соли 2013 «Дар бораи кооперативҳо»[57] ба фаъолияти истеҳсолӣ машғул шудани кооперативҳоро пешбинӣ менамояд. Аз тарафи дигар дар ҳамаи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии Кодекси маданӣ пешбининамуда, аз ҷумла кооперативӣ истеҳсолӣ (тиҷоратӣ) фаъолият намудани хоҷагии деҳқонӣ ба манфиати рушди иқтисодиёти Тоҷикистон мебошад.Чунин холигӣ бояд минбаъд бартараф карда шавад.

Корпоратсия ҳамчун шакли ташкилии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ дар илм ва қонунгузории кишварҳои хориҷӣ бо таври васъе истифода бурда мешавад. Онро ҳамчун шахси ҳуқуқӣ[58], шакли ташкили ҳуқуқии субъекти хоҷагӣ[59], тарзи ба ҳам алоқаманди иштирокчиёни муомилоти соҳибкорӣ ва маданӣ ва ғ. баррасӣ менамоянд.

Бояд қайд намоем, ки дар адабиёти ҳуқуқи хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия ба ҳайси корпоратсия эътироф намудани ин ё он ташкилот бо тарзи гуногун маънедод карда мешавад.Ба андешаи яке ба корпоратсия ҳамаи ташкилотҳои тиҷоратӣ дохил карда мешаванд[60]. Ба андешаи дигарон ҷамъият ва ширкатҳои хоҷагӣ[61]. Фаҳмиши дигаре дар бораи корпоратсия аз он иборат аст, корпоратсия

---

[57] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, № 7 , мод. 519.

[58] Ниг.: Ломакин Д. В. Корпоративные правоотношения: общая теория и практика ее применения в хозяйственных обществах.-Москва, 2008.-С.61-62.

[59] Ниг.: Лаптев В. В. Предпринимательское (хозяйственное) право и реальный сектор экономики. М.: Инфотропик Медиа, 2010.-С.41-42.

[60] Ниг.: Пахомова Н. Н. Основы теории корпоративных отношений (правовой аспект): -Екетринбург, 2005.-С44-45.

[61] Ниг.: Предпринимательское (хозяйственное) право: Учебник. /Под ред. В. В. Лаптев, С. С. Занковский.-М., 2006.-С.99-101; Хужокова И. М. Корпоративное право Российской Федераций. Курс лекций: Учебное пособие для вузов. М., 2005.-С. 205-232.

ҳаммаъно ба ҷамъиятҳои хоҷагӣ дониста шуда[62], ширкати хоҷагӣ ба он дохил карда намешавад. Ба ақидаи чорумин танҳо ҷамъиятҳои саҳомӣ ташкилоти корпоративӣ дониста мешавад[63]. Бо мурури рушди қонунгузории ин кишвар ва хусусан тағйиру иловаҳо ба Кодекси граждании ФР фаҳмиши корпоратсия ба истиснои баъзе ҳолатҳо дар доираи фаҳмиши шахсони ҳуқуқӣ маҳдуд карда шуд.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳумҳои гуногуни «корпоратсия» мавҷуд мебошад. Ба ақидаи яке корпоратсия иттиҳодия, ташкилотӣ коллективии шахси ҳуқуқии эътирофшудае мебошад, ки ба якҷоякунии сармоя (ҳақи аъзогии ихтиёрӣ) асос ёфта, ягон фаъолияти манфиатноки иҷтимоиро анҷом медиҳад[64]. Баъзе олимон ҳамчун корпоратсия, инчунин, якҷояшавии (иттиҳодӣ) шахсон ва сармояро мефаҳманд[65]. Дигарон, корпоратсияро ташкилоте меҳисобанд, ки муассисони (иштирокчиён, аъзо)-и он дар асоси иштирок (аъзогӣ) муттаҳид шуда ва фаъолияти онро идора менамоянд[66]. Ҳамзамон, дар адабиёти ҳуқуқӣ барои корпаратсия эътироф намудан аломатҳои гуногунро номбар менамоянд, ки бо он корпоратсия бояд доро бошад. Аз ҷумла, мақсади фаъолияти онро[67]. Ба андешаи мазкур ризо шудан мумкин нест. Агар корпоратсия ташкилоти ба аъзогӣ асосёфта бошад, он гоҳ мавҷудияти муносибати ба иштирок

---

[62] Ниг.: Степанова П. В. Корпоративные отношения в коммерческих организациях как составная часть предмета гражданского права: Дис. …канд. юрид. наук. -М., 1999.-С.8-9; 18-21.

[63] Ниг.: Макарова О. А. Корпоративное право: Учебник.- М., 2005.-С.5.

[64] Кашанина Т. В. Корпоративное право. Право хозяйственных товариществ и обществ ; Учебник для вузов. -М., 1999.-С.138.

[65]Ниг.: Петухов В. Н. Корпорации в российской промышленности: законодательство и практики; Научно-практическое пособие. -М., 1999.-С.4; Предпринимательская право. Учебник./Отв. ред. В. В. Кванина .- Ростов н/Д: Феникс, 2018. –С.38.

[66]Ниг.: Современное предпринимательское право: монография./ отв. ред. И. В Ершова- М., 2014.-С.119

[67] Ниг.: Могилевский С. Д., Самойлов И. А. Корпораций в Россий: Правовой статус и основы деятельности: Учебное пособие.-М., 2006.-С.17-18.

(аъзогӣ) асосёфта, ҳеҷ гоҳ наметавонад аз мақсади фаъолият вобастагӣ дошта бошад. Зеро, мақсади фаъолият ба ҳайси маҳаки фарққунандаи шахсони ҳуқуқӣ ба ташкилоти тиҷоратӣ (соҳибкорӣ) ва ғайритиҷоратӣ (ғайрисоҳибкорӣ) хизмат менамояд (м. 50 КМ ҶТ).

Ҳамзамон, ба сифати яке аз аломатҳои корпоратсия эътироф намудани таъсиси шартномавии он ва якҷоякунии сармоя (саҳм) низ қобили қабул намебошад. Зеро, ба маҳакҳои мазкур корпоратсияҳои ғайритиҷоратии зиёде, ки бо мақсади ташкилию идоракунӣ муттаҳид шудаанд ҷавобгӯ намебошанд (параграфи 11. боби 4 КМ ҶТ)[68].

Қайд кардан ба маврид аст, ки корпоратсия (аз лотинӣ «corporation») муттаҳидшавии (иттиҳодӣ) шахсонро дар бар мегирад. Ба «воситаи муттаҳидшавӣ ба корпоратсия аз лиҳози ҳуқуқӣ молумулки умумӣ аз шахсӣ ва фаъолияти ҷамъият аз фаъолияти аъзои он» фарқ карда мешавад[69].

Корпоратсия ҳамчун субъекти коллективии мустақили муносибатҳои ҳуқуқи соҳибкорӣ аз сохти аниқи дохилӣ иборат мебошад. Чунин ҳолат заминаи мустақилияти корпоратсияро ташкил менамояд. Ба ғайр аз он ба корпоратсия ҳамагуна шахсеро дохил намудан мумкин аст, ки фаъолияти он ба иштирок (аъзогӣ) дар ташкилот асос меёфта бошад. Агар чунин иштирок (аъзогӣ) мавҷуд набошад, ҳеҷ гуна муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ низ бавуҷуд намеоянд. Вобаста ба ҳамин муносибатҳои ҳуқуқии корпоративиро мумкин аст муносибатҳо оид ба иштирок ё аъзогӣ номгузори намуд. Истилоҳи «иштирок» ва «аъзогӣ»-ро ҳамчун алоқаи ҳуқуқие баҳо додан мумкин аст, ки тааллуқ доштани субъектро ба таркиби дохилии корпоратсия ифода менамояд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ кушиш ба харҷ дода мешавад, ки истилоҳои зикршуда аз ҳамдигар фарқ карда

---

[68]Ниг.: Предпринимательское право в XX1 веке: истоки и перспективы: монография/Под ред. С. С. Занковского, Н. И.Михайлова.- М., 2018.- С.85.

[69] Муромцев С. А. Гражданское право Древного Рима. -М.: Статут, 2003.- С.603.

шавад. Бояд қайд намоем, ки дар ҳақиқат иштирок ё аъзогии шахс дар корпоратсия аз он шаҳодат медиҳад, ки дар байни онҳо алоқаи ҳуқуқии махсус дар доираи муносибатҳои ҳуқуқии иштирок (аъзогӣ) мавҷуд мебошад. Ҳамзамон, мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии зикршуда дар байни шахсон ва корпоратсия имконият медиҳад, ки ба чунин шахс вазъӣ иштирокчии (аъзогии) корпоратсия дода шавад. Барои ҳамин ба ақидаи мо иштирок ва аъзогӣ дар муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ мафҳуми ҳаммаъно мебошанд. Моҳиятан иштирок (аъзогӣ) ин маҷмӯи аълоқаҳои иштирокчиёни (аъзои) корпоратсия бо худи корпоратсия буда, ва он дар мавҷудияти ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективии онҳо, ки унсури мазмуни муносибатҳои ҳуқуқии иштирок (аъзогӣ)-ро ташкил медиҳад зоҳир мегардад[70].

Ба ҳайси корпоратсия эътироф намудани як қатор шахсони ҳуқуқӣ (м.48 ва 50 КМ ҶТ) боиси ҳеҷ гун баҳс намебошад. Зеро дар ин ҳолат танҳо ташкилоти корпоративӣ шахси ҳуқуқӣ шуда метавонад. Вале корпаратсияро танҳо дар маънои шахси ҳуқуқӣ фаҳмидан қобили қабул намебошад. Чи тавре, ки дар боло зикр кардем корпоратсия иттиҳоди шахсоне мебошад, ки ба иштирок (аъзогӣ) дар фаъолияти онҳо асос меёбад. Аз ин ҷо иттиҳодияҳои корпоративи (пулҳо, ҳолдингҳои бонкӣ ва ғ.)-ро, ки фаъолияти онҳо низ дар асоси иштирок (аъзогӣ) ба роҳ монда мешавад бояд ба ҳайси корпоратсия эътироф намуд. Зеро онҳо низ иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ ба иштирок (аъзогӣ) асосёфта мебошанд. Аз ин ҷо истилоҳи «корпоратсия» наметавонад ва набояд танҳо дар доираи фаҳмиши шахси ҳуқуқӣ маҳдуд карда шавад. Он бояд нисбат ба иттиҳодияҳои корпоративие, ки шахси

[70] Ниг.: Раҳимзода М. З. Корпоратсия ва муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ: назария ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ//Танзими ҳуқуқии самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Рушди қонунгузории Тоҷикистон оид ба самтҳои алоҳидаи соҳибкорӣ» аз 7-уми октябри соли 2021. -Душанбе, 2021.-С.108-109.

ҳуқуқӣ намебошанд низ истифода бурда шавад. Ба ҳайси корпоратсияҳо ҳамзамон ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ баромад карда метавонанд. Ба онҳо кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, ассосиатсия ва иттифоқҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, динӣ ва ғ. дохил мешаванд. Аз ин ҷо корпоратсия ба ҳайси навъ ва шахсони ҳуқуқии корпоративӣ тиҷоратӣ ҳамчун намуди он бояд ба ҳисоб раванд.

Ҳамин тавр, корпоратсияро дар маънои маҳдуд ва васеъ фаҳмидан лозим аст. Дар маънои маҳдуд ташкилотҳои дорои ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ, аз он ҷумла ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд. Дар маънои васеъ бошад ба ҳайси корпоратсия ҳам ташкилотҳои дорои ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ ва ҳам иттиҳодияҳои тиҷоратие, ки фаъолияташон ба иштирок (аъзогӣ) асос меёбад, бояд фаҳмида шавад[71].

Ҳамин тавр, ба корпоратсия бояд дохил карда шаванд:

- ташкилотҳои дорои ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ (ташкилотҳои корпоративӣ);

-иттиҳоди шахсоне, ки дорои ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ намебошанд (иттиҳодияҳои корпоративӣ);

-умумияти шахсоне, ки сармояи худро ба идоракунии ба бовариёфта медиҳанд (траст ва фондҳои корпоративӣ).

Қайд кардан лозим аст, ки ташкилоти дорои иштирокчи (аъзо) набуда, карпоратсия ҳисобида намешаванд. Аз ҷумла, корхонаҳои давлатӣ ва муассисаҳо. Зеро дар доираи чунин сохторҳо ҳеҷ гуна муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ бавуҷуд омада наметавонанд. Ба ҳайси муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ муносибатҳои байни муассисони шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони ҳуқуқиро, ки ба ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ва идоракунии оперативӣ асос меёбанд дохил намудан[72] қобили қабул намебошад. Аз тарафи дигар дар муҳокимарониҳои баъзе аз онҳо пайдарҳами вуҷуд

---

[71] Ниг.: Раҳимзода М. З. Асари ишорашуда.-С.109-110.

[72] Ниг.: Козлова Н. В. Правосубъектность юридического лица. –М.: Статут, 2005.-С.127- 135.

надорад. Аз як тараф ба сифати корпоратсия ташкилотеро ҳисоб менамояд, ки ба иштирок (аъзогӣ) асос меёбад[73]. Аз тарафи дигар мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии корпоративиро дар доираи ташкилоте мебинанд, ки аз рӯи табиати ҳуқуқиаш корпоратсия намебошад. Дар чунин ҳолат муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ берун аз доираи корпоратсия бавуҷуд омада, таснифи ташкилотҳо ба корпоратсия ва муассиса вобаста аз мавҷудияти муносибати иштирок (аъзогӣ) моҳияташро гум менамояд.

Кодекси маданӣ имконият медиҳад, ки вобаста аз мақсади асосии фаъолият корпоратсияро ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ҳамчун намуди ташкилоти тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҷудо намоем (м. 50 КМ). Корпоратсияи тиҷоратӣ ба хотири ба даст даровардани фоида ташкил карда мешаванд. Ба онҳо ширкатҳои хоҷагӣ, ҷамъиятҳои хоҷагӣ, кооперативҳои тиҷоратӣ ва шарикии хоҷагӣ дохил мешаванд. Мақсади корпоратсияҳои ғайритиҷоратӣ ба даст даровардани фоида набуда, балки ягон мақсади манфиатноки иҷтимоӣ мебошад. Ба онҳо ассосиатсияҳо ва иттифоқҳо, кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, аз ҷумла копертивҳои матлубот ва дигар ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки аз рӯи принсипи иштирок ё аъзогӣ ташкил карда шудаанд дохил мешаванд.

Вобаста аз аҳамияти сифати касбии шахсии иштирокчии (аъзои) корпоратсия, корпоратсияҳоро ба корпоратсияҳое, ки дар он нақши иштирокчиёнашон муайянкунанда мебошад ва корпоратсияҳое, ки чунин сифатҳо барояшон муҳим намебошад, балки амонатҳои молумулкиашон дар сармояи корпоратсия муҳим мебошад ҷудо менамоянд. Вобаста ба ин корпоратсияҳои тиҷоратро ба мутаҳидкунии шахсон (ширкатҳои хоҷагӣ) (қ.2. м.69 КМ ҶТ) ва мутаҳидкунии сармояҳо (ҷамъиятҳои хоҷагӣ) (қ.3 м. 69 КМ ҶТ) ҷудо менамоянд.

---

[73] Ниг.: Козлова Н. В. Понятие и сущность юридического лица. Очерки истории и теории: Учебное пособие. –М.: Статут, 2003. –С. 215.

Вобаста ба намуди субъекти хоҷагӣ корпоратсияҳое, ки шахси ҳуқуқӣ мебошанд (масалан, ширкат ва ҷамъияти хоҷагӣ) ва иттиҳодияҳои соҳибкории корпоративӣ бе ваколати шахси ҳуқуқӣ (масалан, холдингҳо, ширкатҳои сармоявӣ ва ғ.) ҷудо мешаванд.

Мавҷудияти корпоратсия шарти ногузири мавҷудияти худи муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ мебошад. Аҳамияти корпоратсия ҳамчун шарти мавҷудияти муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ на танҳо ба вазъӣ махсуси худи корпоратсия, балки ба мақоми дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ, ки ба он (корпоратсия) тааллуқ дорад вобаста мебошад. Ҳамин тавр, дигар иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ ба таркиби ташкилии корпоратсия дохил шуда, иштирокчии он мегарданд. Агар субъектҳои муқаррарии муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар муносибат ба ҳамдигар ба ҳайси шахсони алоҳида ва мустақил баррасӣ карда шаванд, он гоҳ корпоратсия дар муносибат ба аъзои худ дорои хусусияти то дараҷае нисбатан шартии алоҳида ва мустақилро доро мебошад.Зеро, маҳз иштирокчиёни он бо кушиши умумии худ иродаи корпоратсияро муайян менамоянд.

### §2.Таъсиси ташкилотҳои тиҷоратии корпоративӣ

Ташкилотҳои тиҷоратии корпоративӣ танҳо дар шаклҳои ташкили ҳуқуқии пешбининамудаи қонунгузорӣ таъсис дода мешаванд. Таъсисӣ ҳамагуна ташкилот санади ҳуқуқие мебошад, ки дар натиҷаи он субъекти хоҷагии нав бавуҷуд меояд. Ду намуди таъсиси ташкилотҳои корпоративӣ мавҷуд аст:

1)Ташкилкунӣ.

2)Азнавташкилкунӣ.

Ҳангоми азнавташкилкунӣ вобаста ба намуди он ташкилоти нав бавуҷудомада ё намудаш тағйир ёфта, ё ин ки фаъолияти субъекти хоҷагии амалкунанда қатъ мегардад. Алоқамандии зичи барпо кардан, азнавташкилкунӣ ва барҳамиҳии ташкилот дар он ифода меёбад, ки марҳиллаи

ниҳоии ҳамаи ин ҷараёнҳо бақайдгирии давлатӣ мебошад, ки аҳамияти конститутивӣ дорад. Танҳо баъди гузаронидани бақайдгирии давлатӣ, ташкилот субъекти ҳуқуқ гардида, аз нав ташкилшуда ё барҳамдода мешавад.

Вақте, ки дар бораи таъсиси ташкилот, аз он ҷумла ташкилотҳои корпоративӣ сухан меронем, пеш аз ҳама, бояд муайян намоем, ки чунин ҳуқукро кӣ дорад. Дар шакли умумӣ ҳуқуқи таъсис додани субъекти хоҷагиро шаҳрвандон ва ташкилотҳое (соҳибмулконе), доранд, ки дар заминаи онҳо ташкилот барпо карда мешавад, инчунин, шахсон ё мақомоти ваколатдори онҳо.

Ҳуқуқи таъсис додани ташкилот дар кадом шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ барпо карда мешаванд вобастагӣ дорад. Масалан, ширкати хоҷагӣ танҳо аз ҷониби соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилоти тиҷоратӣ таъсис дода шуданаш мумкин аст. Шумораи муассисон аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти таъсисшуда вобаста аст. Агар ҷамъияти хоҷагӣ аз ҷониби як ё якчанд муассис таъсис дода шавад,пас барои таъсис додани ширкати хоҷагӣ ҳама вақт якчанд муассис зарур мебошанд. Мақомоти давлатӣ ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонун ҳуқуқи ташкил кардани ташкилотҳои корпоративиро надоранд.

Барои таъсис доданӣ ташкилоти тиҷоратии корпоративӣ сармояи минималии оинномавӣ зарур мебошад, ки андозаи онро қонунгузорӣ вобаста ба шакли ташкилӣ – ҳуқуқии ташкилот муқаррар менамояд. Барои ҷамъиятҳои хоҷагии дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ андозаи минималии сармояи оинномавӣ набояд аз панҷсад сомонӣ кам бошад. Сармояи ҳадди ақалли оинномавии ҷамъияти саҳомии кушода бошад, бояд на камтар аз панҷ ҳазор сомониро ташкил диҳад. Ҳангоми таъсис додани ташкилот, аз ҷумла ташкилоти корпоративӣ ҳуҷҷатҳои махсус истифода бурда мешавад, ки онҳоро ҳуҷҷатҳои таъсисӣ меноманд. Ба ҳайси онҳо оинннома ва шартномаи таъсисӣ баромад менамоянд. Кадом ҳуҷҷатҳои таъсисӣ бояд истифода бурда шавад, боз ҳам аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқии

субъекти хоҷагии таъсисдодамешуда вобастаги дорад. Барои ҷамъияти саҳомӣ оиннома, барои ширкатҳои хоҷагӣ– шартномаи таъсисӣ, барои ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ бошад, оиннома ва шартномаи таъсисӣ зарур мебошад. Мувофиқи қ.2 м. 53 КМ ҶТ дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ номи ташкилоти тиҷоратӣ, маҳалли ҷойгиршавии он, тартиби идораи фаъолияти ташкилоти тиҷоратӣ, инчунин, дигар маълумоти пешбининамудаи қонун нишон дода мешаванд. Дар шартномаи таъсиси муассисон иродаи худро оид ба барпо намудани ташкилоти тиҷоратӣ муқаррар намуда, тартиби фаъолияти якҷояи худро дар бобати барпо намудан, шартҳои ба он додани молу мулкӣ худ ва иштирок дар фаъолияти онро муайян менамоянд. Дар шартнома, инчунин, шарту тартиби тақсими фоидаю зарар миёни иштирокчиён, идораи фаъолияти шахси ҳуқуқӣ, аз ҳайати он баромадани муассисон (иштирочиён) муайян карда мешавад. Оинномаи ташкилоти тиҷоратӣ ҳолати инфиродию ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратиро муайян мекунад. Дар оиннома мувофиқи речаи ҳуқуқии имконияти умумидошта мумкин аст ҳамаи он чизе ифода карда шавад, ки ба қонунгузории амалкунанда зид намебошад. Инчунин, дар оиннома мумкин аст ҳамаи он маълумоте ифода карда шаванд, ки барои намуди дахлдори ташкилоти тиҷоратӣ қонун муқаррар намудааст. Масалан, барои ҷамъияти саҳҳомӣ ғайр аз маълумоте, ки дар қ.2 м. 53 КМ ҶТ нишон дода шудааст, инчунин, бояд шартҳо оид ба навъҳои саҳмияҳои мебаровардаи ҷамъият, арзиши номиналӣ ва миқдори онҳо; андозаи сармояи оинномавии ҷамъият; ҳуқуқи саҳомон; ҳайат ва салоҳияти мақомоти идоракунии ҷамъият ва тартиби қабули қарорҳо аз ҷониби онҳо, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки аз рӯи онҳо қарор якдилона ё бо аксарияти мутлақи овозҳо қабул мегардад, нишон дода шавад ( қ.3 м. 106 КМ ҶТ).

Азнавташкилдиҳии ташкилотҳо тағйироти сохтори ташкилии онҳо буда, дар натиҷаи он мумкин аст ташкилоти

нав бавуҷуд ояд ва ташкилоти пешина фаъолияти худро қатъ менамояд. Дар ин маънӣ азнавташкилдиҳӣ ба таъсис ва барҳамдиҳии ташкилот алоқаманд мебошад. Масъалаи азнавташкилдиҳии ширкатҳои хоҷагӣ аз тарафи иштирокчиёни онҳо, шарикони пурра ҳал карда мешавад. Азнавташкилдиҳии ҷамъиятҳои хоҷагӣ бо қарори мақомоти онҳо, ки оиннома онҳоро барои қабул кардани чунин қарор ваколатдор намудааст анҷом дода мешавад. Ба ҳайси чунин мақомот, мақоми олии идоракунии ҷамъият, ба монанди маҷлиси умумии саҳмдорон, маҷлиси умумиии иштирокчиён дар ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд баромад менамояд. Дар чунин ҳолат дар ҷамъияти саҳомӣ қарор бояд аз ҷониби аз чор се ҳиссаи саҳмдорони дар маҷлис иштироккунанда ва дар ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд аз ҷониби ҳамаи иштирокунандагон бо як овоз қабул карда шавад. Дар баъзе мавридҳо азнавташкилдиҳӣ мумкин аст бо ташаббуси мақомоти ба он ваколатдор гузаронида шавад.Мақомоти зиддинҳисорӣ метавонад ба суд бо даъво барои азнавташкилдиҳии ташкилоти инҳисор (субъекти хоҷагие, ки дар бозор мавқеи ҳукмрон дорад) агар он аз мавқеи инҳисории худ суъистифода намояд, муроҷиат кунад.

Азнавташкилдиҳии ташкилот на танҳо ба манфиати муассисон (иштирокчиён)-и он таъсир мерасонад, балки ба манфиати шарикони онҳо, ки алоқаҳои хоҷагии онҳо дар натиҷаи азнавташкилдиҳӣ вайрон карда мешавад, таъсир расонад. Кредиторҳои ташкилотҳои азнавташкилдиҳанда дар бораи азнавташкилдиҳӣ бо тарзи хаттӣ бояд хабардор карда шаванд. Онҳо ҳуқуқ доранд пеш аз муҳлат қатъ намудан ё иҷро намудани уҳдадориҳои ташкилотҳои азнавташкилдиҳанда ва зиёни ба он алоқамандбударо талаб намоянд. Тартиби азнавташкилдиҳӣ вобаста ба намудҳои алоҳидаи ташкилотҳо дар қонунҳои онҳо (Қонунҳои ҶТ дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ, дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд) муқаррар карда шудаанд. Қоидаҳои умумии азнавташкилдиҳии шахсони ҳуқуқӣ дар Кодекси маданӣ муқаррар карда шудааст.

Азнавташкилдиҳӣ дар шаклҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ анҷом дода мешавад. Панҷ шакли азнавташкилдиҳӣ мавҷуд аст: муттаҳидшавӣ, ҳамроҳшавӣ, тақсимшавӣ, ҷудошавӣ ва табдилшавӣ (м. 58 КМ ҶТ). Муттаҳидшавӣ чунин шакли азнавташкилдиҳие мебошад, ки ба ҷои ду ва зиёда ташкилоти хурд як ташкилоти калон таъсис дода мешавад. Вай ҳамчун субъекти нави хоҷагӣ ба вуҷуд омада, ташкилоти пеш вуҷуддошта фаъолияти худро қатъ менамояд. Дар ҳолати ҳамроҳшавӣ ба ташилоти амалкунанда, ду ё якчанд ташкилоти дигар ҳамроҳ мешавад. Ташкилотҳои дигаре, ки ба он ҳамроҳ шудаанд, ҳамчун субъекти хоҷагӣ фаъолияти худро қатъ менамоянд.

Тақсимшавӣ ва ҷудошавии ташкилот барои хурдкунии ташкилот истифода бурда мешавад. Ҳангоми татбиқи чунин шаклҳои азнавташкилдиҳӣ субъектҳои хоҷагии начандон калон ташкил карда мешаванд. Тақсимшавӣ чунин шакли азнавташкилдиҳие мебошад, ки дар натиҷаи татбиқи он ба ҷои як ташкилоти калон ду ё якчанд ташкилоти хурд ташкил карда мешавад. Дар натиҷаи он ташкилоти амалкунанда фаъолияти худро қатъ намуда, дар заминаи он ду ё якчанд ташкилоти нав ташкил карда мешавад. Дар натиҷаи ҷудошавӣ аз ҳайати ташкилоти амалкунанда ду ё якчанд ташкилоти нав ҷудо мешавад. Ташкилоти амалкунанда нигоҳ дошта шуда, дар доираи маҳдуд амал менамояд. Ҳамзамон, як ё якчанд ташкилоти нав ба вуҷуд меояд.

Табдилшавӣ чунин шакли азнавташкилдиҳӣ мебошад, ки дар натиҷаи он ба ҷои ташкилоти дар як шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ амалкунанда, дигар ташкилоти шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ташкил карда мешавад. Дар чунин ҳолат субъекти хоҷагӣ нигоҳ дошта шуда, вале дар дигар шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ амал менамояд. Агар ташкилот шаклашро дар доираи як шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ тағйир диҳад, он гоҳ табдилдиҳӣ ҳамчун шакли азнавташкилдиҳӣ вуҷуд надорад. Масалан, ҳангоми ташкил кардани ҷамъияти саҳомии кӯшода ба ҷои ҷамъияти саҳомии пӯшида табдилдиҳӣ

ҳамчун шакли азнавташкилдиҳӣ ҷой надошта, балки намуди ҷамъияти саҳомӣ тағйир меёбад.

Бояд қайд намоем, ки дар ҳамаи шакли азнавташкилдиҳӣ масъалаи ҳуқуққабулкунӣ, яъне гузаштани ҳуқуқ ва уҳдадориҳо аз субъекти амалкунанда ба нав бавуҷудомада ё баъди азнавташкилдиҳӣ нигоҳдошташуда ба миён меояд. Масъалаи мазкур нисбат ба табдилшавӣ ба осони ҳал мегардад. Зеро, ҳангоми табдилшавӣ амалан субъекти хоҷагии амалкунанда бо заминаи молумулкӣ, ҳуқуқ ва уҳдадориҳояш нигоҳ дошта мешавад, агарчанде ки субъекти мазкур баъди азнавташкилдиҳӣ дар дигар шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ амал менамояд. Дар ин ҳолат барои муайян намудани тақдири молу мулк, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо тавозуни тақсимот тартиб дода мешавад. Дар он аниқ нишон дода мешавад, ки кадом қисми молу мулк ба ин ё он субъект баъди азнавташкилдиҳӣ мегузарад. Ин барои манфиати худи ташкилотҳо ва ҳам шарикони онҳо анҷом дода мешавад.

Санади баанҷомрасонандаи таъсисӣ ва азнавташкилкунӣ ташкилот бақайдгирии давлатӣ мебошад, ки аҳамияти конститутивӣ дорад. Ҳангоми гузаронидани онҳо мақомоти бақайдгиранда мавҷудияти санади супоридан ва тавозуни тақсимотро назорат менамояд. Дар сурати мавҷуд набудани онҳо мақомоти бақайдгиранда дар феҳрист дар бораи таъсис ва азнавташкилдиҳӣ сабт намекунад. Ташкилот вақте таъсисдодашуда ва азнавташкилдода ҳисобида мешавад, ки агар сабти дахлдор дар Феҳристи ягонаи давлатӣ шахси ҳуқуқӣ ворид карда шуда бошад.

## §3.Бақайдгирии давлатии ташкилотҳои корпоративӣ

Машғул шудан бо фаъолияти соҳибкорӣ бидуни ба қайд гирифтани он номумкин мебошад. Зеро тибқи талаботи м. 15 Кодекси андози ҶТ фаъолияти соҳибкорӣ фаъолияти шахсон (шаҳрвандон ва ташкилотҳо)-и ба сифати соҳибкор бо тартиби муқарраркардаи қонун бақайд гирифташуда мебошад. Дар ин ҷо бақайдгирии давлатӣ ба сифати талаботи анҷом додани фаъолияти соҳибкории қонунӣ

баромад менамояд. Бақайдгирии давлатӣ дар асоси принсипҳои оммавӣ, эътимоднокӣ ва аҳамияти конститутивӣ доштани он амалӣ гардонида мешавад. Оммавӣ чунин маъно дорад, ки маълумот дар бораи бақайдгирӣ дар матбуот чоп карда шуда, шахсони ба он ҳавасманд метавонанд бо маълумотҳои бақайдгирӣ дар мақомоти дахлдори бақайдгиранда шинос шаванд. Эътимоднокии бақайдгирӣ дар он ифода меёбад, ки сабт дар феҳристи давлатӣ мутобиқ ба ҳолати ҳақиқии кор дониста шуда, маълумоти бақайдгирӣ то замони рад кардани суд эътиборнок ҳисоб карда мешаванд.

Аҳамияти конститутивии бақайдгирӣ дар он аст, ки субъекти фаъолияти соҳибкорӣ танҳо баъди ба қайд гирифта шуданаш субъекти ҳуқуқ эътироф карда мешавад. Дар ин маъно бақайдгирӣ хусусияти конститутивӣ, яъне аҳамияти ҳуқуқбавуҷудоваранда дорад. Бақайдгирии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусияти конститутивӣ дошта ва факти ҳуқуқие, мебошад, ки аз мавриди содир намудани он ташкилот таъсисдодашуда ҳисобида шуда, шаҳрванд бошад, вазъи ҳуқуқии соҳибкорро доро мегардад. Тибқи м. 5 Конститутсияи ҶТ инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд. Мувофиқи принсипи мазкур расмиёти бақайдгирии давлатӣ пеш аз ҳама барои таъмини озодона амалӣ намудани ҳуқуқҳои субъективии шаҳрвандон оид ба амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шудааст. Аз ин ҷо мақсади ягонаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ таъмини ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат дар соҳаи муносибатҳои соҳибкорӣ мебошад. Ҳамин тавр, бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ду мақсад дорад. Аввалан, бавуҷудоии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ (ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ) ҳамчун субъекти ҳуқуқ. Сониян, барасмиятдарории фаъолияти онҳо. Бояд қайд намоем, ки амалинамоии бақайдгирии давлатии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ имконияти функсияи танзимнамоӣ ва

назоратии ҳокимияти оммавиро дар соҳаи иқтисод таъмин менамояд. Ноил шудан ба мақсадҳои зикршуда бо ҳалли масъалаҳои зерин алоқаманд мебошад:

1) Амалӣ намудани назорати давлатӣ аз болои пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ (соҳибкорӣ) ва мубориза бар зидди амалияи ғайриқонунии соҳибкории пинҳонӣ;

2) Анҷом додани андозғункунӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ;

3) Гирифтани маълумоти давлатии омории ҳисобот барои амалӣ намудани тадбирҳои танзимнамоии соҳибкорӣ (иқтисодиёт);

4) Ба ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва иштирокчиёни муомилоти хоҷагӣ пешниҳод намудани маълумот дар бораи субъектҳои хоҷагӣ.

Ҳамин тавр, вазифаҳои институти бақайдгирии давлатӣ гуногун буда, барои таъмини доираи васеи манфиатҳои хусусӣ ва оммавӣ равона карда шудааст. Амалӣ намудани вазифаҳои мазкур ба институти бақайдгирии давлатӣ имконият медиҳад, ки функсияҳои зеринро иҷро намояд:

1) Барасмиятдарорӣ;

2) Ҳисобию назоратӣ;

3) Иттилоотӣ;

4) Ҳифзнамоӣ.

Бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ тибқи талаботи Қонуни ҶТ аз 19 майи соли 2009 «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкоронӣ инфиродӣ»74 амалӣ карда мешавад. Бақайдгирииии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ– амалӣ мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар хусуси ба расмият даровардани воқеияти ҳуқуқии таъсисёбӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, шахсони

---

74. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009,№5,мод.316; с.2012, №12,қ.1мод.1006; с.2015, №11, мод.972; Қонуни ҶТ, аз 14.05.2016с.,№1319.

воқеӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ ва қатъ намудани фаъолияти онҳо, таъсисёбӣ ва қатъ намудани фаъолияти филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, инчунин, ворид намудани маълумот дар бораи онҳо ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мебошад.

Тибқи моддаи 5 Қонуни зикршуда мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ мақомоти андози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ (минбаъд-мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ) баромад менамоянд. Бақайдгирии давлатӣ мувофиқи принсипи «равзанаи ягона» бе гузаронидани ташхиси ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида амалӣ гардонида мешавад (м. 4 Қонуни мазкур). Барои бақайдгирии давлатӣ аризадиҳанда ҳуҷҷатҳои пешбининамудаи қонуни зикршударо танҳо ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ аз рӯи маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ (маҳалли зисти роҳбари шахси ҳуқуқӣ), маҳалли зисти фаъолияти соҳибкори инфиродӣ, маҳалли ҷойгиршавии филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ (маҳалли зисти роҳбари филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ) пешниҳод менамояд.

Бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқиро мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ дар муддати то панҷ рӯзи корӣ ва агар соҳибкори инфиродӣ бошад, се рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо, бо додани ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ дар асоси аризаи онҳо анҷом медиҳад. Агар пас аз ба охир расидани панҷ рӯзи корӣ нисбати шахси ҳуқуқӣ ва агар соҳибкори инфиродӣ бошад, се рӯзи корӣ мақомот қарорро дар бораи бақайдгирии давлатӣ ё рад кардани бақайдгирӣ қабул накарда бошад ва ё ҳуҷҷати тасдиққунандаи бақайдгирии давлатиро надода бошад, мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ уҳдадор аст фавран пас аз гузаштани муҳлати дар боло нишондодашуда ба Феҳристи

ягонаи давлатӣ маълумотро дар бораи таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ ворид созад ва ба аризадиҳанда дар бораи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ шаҳодатнома ва ҳангоми бақайдгирии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ шаҳодатнома ё патент барои ҳуқуқи амалигардонии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва (ё) иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатиро диҳад ё ин ки онҳоро ба суроғаи дар ариза нишондодашуда фиристад.

Барои бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намудани Оинномаи шахси ҳуқуқӣ талаб карда нашуда, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ташаккулёбии сармояи оинномавӣ дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод карда мешавад. Ҳамин тавр, қонун дар бораи бақайдгирӣ ба мақомоти бақайдгирӣ салоҳияти санҷиши далели мутобиқати ҳуҷҷатҳои таъсиснамоиро ба қонунгузорӣ ва талаб кардани риояи тартиботи муқарркардаи бақайдгириро аз ҷониби муассисон надодааст. Дар шароити ҳозира вайрон намудани тартиботи муқарраркардаи қонун оид ба таъсиси шахси ҳуқуқӣ ё номутобиқатии ҳуҷҷатҳои таъсиснамоии он ба қонун боиси рад кардани бақайдгирӣ намегардад. Ҳамзамон, қонунгузор аз принсипи қонуният, ки ташхиси ҳуҷҷатҳои таъсиснамоӣ ва санҷиши тартиби таъсис намудани ташкилотҳои тиҷоратиро аз тарафи мақомоти бақайдгирӣ дар назар дорад, даст накашидааст. Аз ин ҷо қонун дар бораи бақайдгирӣ талаботи принсипи қонуниятро истисно наменамояд, балки танҳо дар марҳилаи бақайдгирии таъсиси ташкилотҳои тиҷоратӣ уҳдадориро оид ба риояи он на ба мақомоти бақайдгирӣ, балки ба зиммаи муассисон мегузорад. Вале дар ҳолати якчанд маротиба ва дағалона вайрон кардани талаботи қонунгузорӣ ҳангоми таъсиснамоӣ, мақомоти бақайдгирӣ метавонад дар бораи барҳам додани ташкилоти тиҷоратӣ ба суд мурочиат намояд (қ. 2. м.62 КМ).

Бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти бақайдгиранда дар ҳолатҳои зерин рад карда шуданаш мумкин аст:

1) агар ҳуҷҷатҳои бо мақсади бақайдгирии давлатӣ пешниҳодгардида ба талаботи муқаррарнамудаи қонунгузорӣ мувофиқат накунад;

2) дар ҳолате, ки номи шахси ҳуқуқӣ ба талаботи қонунгузорӣ мувофиқат накунад ё ин ки бо худи ҳамон ном дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқии дигар ба қайд гирифта шуда бошад;

3) дар ҳолати муассиси шахси ҳуқуқии таъсисёбанда аз андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз буҷет қарздор бошад;

4) агар шахси ҳуқуқии (муассиси шахси ҳуқуқии) таъсисёбанда дар марҳилаи барҳамдиҳӣ қарор дошта бошад;

5) ҳангоми ҷой доштани баҳси судӣ байни муассисони шахси ҳуқуқӣ-ҳангоми муроҷиати хаттии онҳо;

6) дар сурати андозсупоранда ва (ё) шахси масъули андозсупоранда ҳамчун муассис ва (ё) роҳбари шахси ҳуқуқии дигаре бошад, ки ба рӯйхати андозсупорандагони бемасъулият дохил карда шудааст;

7) агар шахс дар асоси ҳукми суд аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян маҳрум шуда бошад (м. 34 Қонуни мазкур).

Рад кардани бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ бо далели мувофиқи мақсад набудани таъсиси он манъ аст. Дар мавриди рад кардани бақайдгирии давлатӣ, инчунин, саркашӣ аз бақайдгирии давлатӣ ба суд шикоят намудан мумкин аст (м. 15. КМ).

Шахси ҳуқуқӣ ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба хуҷҷатҳои таъсисии он, азнавташкилдиҳӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ, инчунин, дар сурати бо қарори суд азнавташкидиҳии он ва дигар ҳолатҳои пешбинишудаи қонунгузорӣ аз нав ба қайд гирифта мешавад.

Ҳангоми аз нав бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ мақомоти бақайдгирандаи он ба ӯ шаҳодатнома медиҳад.

Бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ аз бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ низ иборат мебошад. Мутобиқи он муассиси (иштирокчи)-и шахси ҳуқуқӣ ё мақомоте, ки дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ қарор қабул намудааст, уҳдадор мебошад дар бораи қабули чунин қарор бетаъхир ба мақомоти бақайдгиранда хабар диҳад. Мақомоти бақайдгиранда қароро дар бораи барҳамдиҳии шахси ҳуқуқӣ гирифта, риоя гардидани қоидаҳои барҳамдиҳиро месанҷад ва вобаста ба натиҷаи санҷиш ба феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ дар хусуси дар ҷараёни барҳамдиҳӣ қарор доштани шахси ҳуқуқӣ маълумот ворид менамояд.

# БОБИ 4. ШАКЛҲОИ ТАШКИЛИ ҲУҚУҚИИ ТАШКИЛОТҲОИ КОРПОРАТИВИИ ТИҶОРАТӢ

## 1. Ширкат ва ҷамъиятҳои корпоративӣ: умумият ва фарқият

Ба сифати яке аз шаклҳои ташкили ҳуқуқии корпоративӣ, ки ба иштирок (аъзогӣ ) асос меёбад ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ баромад менамоянд. Ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ мафҳумҳои ба ҳам монанд буда, якчанд намудҳои мустақили шахсони ҳуқуқии тиҷоратиро дарбар мегирад. Онҳо бисьёр хусусиятҳои ба ҳам умумиро дороянд. Пеш аз ҳама онҳо ташкилоти тиҷоратие мебошанд, ки дар асоси ихтиёрӣ ва аъзогии баробар ташкил карда шуда, қонунгузор қобилияти ҳуқуқдории умумиро ба онҳо раво медонад. Ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ соҳибмулки молумулки умумӣ ва ягонае мебошанд, ки аз ҳисоби саҳмҳо (амонатҳои) муассисони (иштирокчиёни) онҳо ташкил карда шуда, молумулкашон дар ҷараёни фаъолияташон истеҳсол ва ба даст дароварда мешавад. Чунин рафтор онҳоро иштирокчии муомилоти молумулки мустақил ва комилҳуқуқ мегардонад. Кодекси маданӣ ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагиро ҳамчун ташкилоти тиҷоратии сармояи оинномавиашон ба ҳиссаҳои муассисон (иштирокчиён) тақсимшуда маънидод менамояд (қ 1.м. 69 КМ ҶТ). Дар баробари ин ҳисса дар сармояи оинномавӣ боиси ҳуқуқи ашёии иштирокчӣ ба молумулки ҷамъият (ширкат) намегардад, зеро ҳуқуқи соҳибмулкӣ ба молу мулк дар асоси қонун (қ.2.м. 48 КМ ҶТ) ба шахси ҳуқуқӣ, яъне ширкат ва ҷамъият тааллуқ дорад. Ҳамзамон, мавҷудияти ҳисса дар сармояи оинномавӣ асос барои моликияти иштирокчиён намегардад. Ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ ҳамчун ташкилотҳои корпоративӣ дорои сохтори идоракунии якхела буда, мақомоти олии идоракуниашон маҷлиси умумии иштирокчиён эътироф карда мешавад. Ҳатто иштирокчиёни онҳо то дараҷае ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ба якдигар монанд доранд. Аз ҷумла, ҳамаи онҳо ҳақ доранд, ки дар идораи корҳои ширкат ва ҷамъияти хоҷагӣ иштирок

намуда, оид ба фаъолияти он маълумот гиранд. Бо китобҳои муҳосибавӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои онҳо шинос шуда, дар тақсими фоида ширкат варзанд. Инчунин, ҳангоми барҳам додани ширкат ва ҷамъият қисми молумулкеро, ки пас аз ҳисоб кардани қарз бо кредиторон боқӣ мемонад ё арзиши онро гиранд. Дар баробари ҳамин ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ уҳдадоранд, ки мувофиқи тартиб, андоза, усул ва дар муҳлатҳои пешбининамудаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ саҳм гузоранд, инчунин, маълумоти махфиро дар хусуси фаъолияти ширкат ва ҷамъият фош накунанд (м. 70 КМ ҶТ). Онҳо дар муносибатҳои соҳибкорӣ ҳамчун яке аз навъҳои муассисаҳои дорои ҳуқуқи ашёии маҳдуд нисбати молу мулки ба он додашуда, ки аз тарафи соҳибмулк маблағгузорӣ мешавад, баромад менамоянд. Қонун инчунин метавонад иштироки категорияи алоҳидаи шаҳрвандонро дар ширкат ва ҷамъият маҳдуд ё манъ намояд. Чунончи, шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ одатан ҳақ надоранд бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд, вале метавонанд дар ҷамъиятҳои саҳомии кушода саҳмдор бошанд.

Дар баробари нишонаҳои ба ҳам монанд доштани ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ, онҳо дорои хусусиятҳои фарққунанда низ мебошанд. Пеш аз ҳама ширкати хоҷагӣ ҳамчун иттиҳоди шахсон буда, ҷамъияти хоҷагӣ бошад, ҳамчун ба ҳам муттаҳидсозии сармояҳо мебошад. Ҳамзамон, иштирокчии ширкати хоҷагӣ, танҳо соҳибкорони инфиродӣ ё ташкилотҳои тиҷоратӣ шуда метавонанд, зеро онҳо бевосита дар фаъолияти соҳибкорӣ иштирок намуда, бо молумулки худ масъулиятро ба зимма мегиранд. Иштирокчии ҷамъияти хоҷагӣ бошад ҳамагуна шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ (ташкилот) ба ғайр аз шахсоне, ки қонун иштироки онҳоро манъ кардааст, шуда метавонанд (қ. 4 м. 69 КМ ҶТ).

Бояд қайд намуд, ки соҳибкори инфиродӣ ё ташкилоти тиҷоратии мушаххас дар як вақт метавонад танҳо иштирокчии як ширкат бошад. Ин на танҳо ба зарурати иштироки шахсии онҳо дар фаъолияти ширкат вобаста аст, балки бо он низ алоқаманд мебошад, ки иштирокчиёни ширкат (ба ғайр аз амонатгузорон дар ширкати ба боварӣ

асосёфта) масъулияти номаҳдудро оид ба уҳдадориҳои ширкат ҳангоми нокифоягии молумулки худи онҳо ба зимма мегирад. Дар баробари ин иштирокчиёни ширкат аз номи он амал намуда, ба мақомоти махсуси иҷроияи ин шахси ҳуқуқӣ эҳтиёҷ надоранд ва барои ҳамин ҳам сохтори идоракунии он ҳама вақт оддӣ мебошад. Барои ҳамин ҳам ягона ҳуҷҷати таъсисдиҳии ширкат, шартномаи таъсисӣ мебошад. Фаъолияти кории ширкат аз тарафи худи иштирокчиёни он амалӣ карда мешавад. Ҳол он ки дар ҷамъияти хоҷагӣ ин вазифаро мумкин аст кормандони кироя, яъне менеҷер ё шахси аз рӯи шартнома идоракунандаи ҷамъият амалӣ намоянд. Фаъолияти ҷамъият ба воситаи мақомоти идоракунии он ба роҳ монда мешавад. Қарори ҷамъиятҳои хоҷагӣ танҳо аз тарафи мақомоти идоракунии он баровaрда мешавад, на ин ки бевосита аз тарафи муассисон (иштирокчиён)-и онҳо. Муассисон (иштирокчиён) бошанд, ҳуқуқи худро оид ба идоракунии ҷамъият танҳо бо роҳи иштирок дар мақомоти идоракунӣ ё ташкил намудани он, масалан, бо роҳи иштирок дар маҷлиси умумӣ ё шурои директорон амалӣ менамояд.

Бар хилофи ширкат ҷамъият ҳамчун мутаҳиднамоии сармояҳо иштироки ҳатмии шахсии муассисон (иштирокчиён)-ро дар корҳои он дар назар надорад. Аз ин ҷо имконияти иштироки принсипи ҳамагуна шахсон на танҳо тоҷирони касбӣ дар фаъоляти ҷамъият мумкин мебошад. Ҳамин тариқ, дар ҷамъият ба ҳамагуна муносибатҳои ба боварӣ асосёфтаи иштирокчиён роҳ дода намешаванд ва барои ҳамин ҳам имконияти тағйир додани ҳайати он нисбат ба ширкатҳо то дараҷае васеъ мебошад. Ин дар навбати худ ба пойдории сохтори мураккаби идоракунии ҷамъият сабаб мегардад, ки дар оинномаи он махсус ба расмият даровaрда мешавад. Аз ин ваҷҳ оинномаи ҷамъият дар баробари шартномаи таъсисӣ ҳуҷҷати зарурии таъсисдиҳӣ ба ҳисоб меравад.

Иштирок дар фаъолияти ҷамъият нисбат ба ширкат озод мебошад. Чунончи, аз ҷамъият баромадани саҳмдор бо роҳи бегона кардани саҳмия бо саҳмдорони дигари ҷамъият,

шахсони сеюм, инчунин, дар натиҷаи меросгузорӣ, ба озодона ифода намудани иродаи худи саҳмдорони асос ёфта, хеҷ гуна розигии иштирокчии ҷамъиятро дар шахсияти ягон хел мақомоти идоракунӣ талаб наменамояд. Дуруст аст, ки дар ҷамъияти саҳомии пӯшида ҳуқуқи имтиёзноки харидани саҳмия вуҷуд дорад, ки он хохиши саҳмдорро оид ба фурӯхтани саҳмияи ба он тааллуқдошта аз рӯи нархи муайян маҳдуд наменамояд. Дар ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд низ барои фурӯхтани ҳисса маҳдудияти муайян муқаррар карда шудааст, вале онҳо дар оқибат имконияти фурӯхтани ҳисса ва аз он баромадани иштирокчиро истисно намекунанд.

Ҷамъият новобаста аз тағйирёбии ҳайати иштирокчиёнаш фаъолияти худро идома медиҳад. Дар ширкат, ки хусусияти иштироки шахсӣ аҳамияти калон дорад, тағйирёбии ҳайати иштирокчиён боиси қатъи фаъолияти ширкат мегардад, ба шарте ки дар шартномаи таъсисӣ ё созиши иштирокчиёни боқимонда тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

Дар ширкати хоҷагие, ки асоси онро мутаҳидшавии шахсон ташкил медиҳад, иштирокчиёнаш аз рӯи қарзи ширкат ҳангоми нокифоягии молумулки он бо тамоми молумулкӣ ба он тааллуқдошта, ки онро рӯёнидан мумкин аст, ҷавобгарии муштарак доранд. Дар ҷамъияти хоҷагие, ки ба муттаҳидшавии сармояҳо асос ёфтааст, иштирокчиёнаш аз рӯи қарзи вай ҷавобгар набуда, танҳо таваккали зиёни ба фаъолияти он алоқамандбударо дар доираи арзиши ҳисса (саҳмия)-и ба онҳо тааллуқдошта, аз ҷумла дар доираи арзиши напардохтаи онҳо ба зимма мегиранд. Ҷамъият дар назди кредиторони худ, на бо молумулки иштирокчиёнаш, балки танҳо бо молумулки ба он тааллуқдошта ҷавобгар мебошад.

Ширкати хоҷагӣ дар шакли ширкати комил ё ширкати ба боварииасосёфта таъсис дода мешавад (қ. 2 м. 69 КМ). Ҷамъиятҳои хоҷагӣ дар шакли ҷамъиятҳои саҳҳомӣ, ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ё иловагӣ таъсис дода мешаванд ( қ.3. м.69 КМ).

1. Ширкати комил ва ширкати ба бовари асосёфта.

Ширкатҳо дар ду шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ фаъолият менамоянд: 1)ширкати комил; 2)ширкати ба боварӣ асосёфта (коммандитӣ). Дар адабиёти ҳуқуқии хориҷи пешниҳод карда мешавад, ки онҳо дар як зернамуди шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ширкати хоҷагӣ баррасӣ карда шуда, қонуни махсус дар бораи ширкатҳои хоҷагӣ қабул карда шавад[75]. Ҳоло вазъи ҳуқуқии онҳо тибқи меъёрҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ ба танзим даровaрда мешаванд.

1)Ширкате комил дониста мешавад, ки иштирокчиёни он (шарикони комил) мутобиқи шартнома аз номи ширкат бо фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, аз рӯи уҳдадориҳои он бо тамоми молумулки ба онҳо тааллуқдошта масъулияти муштаракро бар дӯш доранд (б. 1 м. 72 КМ). Танҳо соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ иштирокчии ширкат шуда метавонанд. Як шахсе иштирокчии танҳо як ширкат шуда метавонад. Дар номи ширкати комил бояд номи як, якчанд ё ҳамаи иштирокчиён бо илова кардани калимаҳои «ва компания», инчунин, калимаҳои «ширкати комил» зикр шавад.

Фаъолияти ширкат бо розигии ҳамаи ширкаткунандаҳои он идора карда мешавад. Ҳангоми ҳалли масоили фаъолияти ширкат ҳар як аъзои он новобаста аз маблағи саҳмаш як овоз дорад. Дар ин хусусияти шахсии ширкати комил ифода мегардад. Вале дар шартномаи таъсисӣ тартиби дигари идораи ширкат муқаррар шуда метавонад.

Ҳар як иштироккунандаи ширкати комил салоҳият дорад, ки аз номи ширкат намояндагӣ кунад. Дар шартномаи таъсисӣ чунин салоҳият ба як ё якчанд аъзои ширкат дода шуданаш мумкин аст.

Ҳангоми ба ихтиёри як ё якчанд шарик вогузоштани иҷрои кори ширкат иштирокчиёни боқимонда барои аз номи ширкат анҷом додани фаъолият бояд ваколатномаи иштирокчӣ (иштирокчиёне)-ро дошта бошанд, ки иҷрои корҳои ширкат ба зимаашон гузошта шудааст (қ. 2 м. 75 КМ ҶТ).

---

[75]Ниг.: Кураев В. Н, Правовое положение хозяйственных товаришеств: Автореф. дис. ... канд. юрид. наук. СПб.. 1997, с. 9-10.

Дар айни ҳол маҳдудияти ҳуқуқии шарикҳо дар иртиботи салоҳияти намояндагӣ аз номи ширкат барои ҳамаи аъзоён моҳияти дохилӣ дорад. Дар иртибот ба шахси сеюм ширкат, ба истисмнои мавридҳое, ки ин иштирокчии ширкат салоҳияти аз номи ширкат ҳуқуқӣ баромад карданро надорад, ба қоидаҳое, ки салоҳияти аъзои ширкатро маҳдуд мекунад, такя намояд.

Дар сурати мавҷуд будани асосҳои ҷиддӣ, аз ҷумла дар натиҷаи уҳдадориҳои худро дағалона вайрон кардани шахси ваколатдор ё ошкор гардидани он, ки ӯ ба пешбурди оқилонаи кор қобилият надорад, суд метавонад бо талаби як ё якчанд иштирокчии ширкат ваколати барои пешбурди кори ширкат ба як ё якчанд иштирокчӣ додашударо қатъ намояд. Вале дар асоси қарори суд ба шартномаи таъсисии ширкат тағироти зарурӣ ворид карда шуданаш мумкин аст. Иштирокчиёни ширкат уҳдадоранд, ки мувофиқи шартҳои шартномаи таъсисӣ дар фаъолияти он иштирок намоянд.

Барои ташаккули сармояи асосӣ иштирокчиёни ширкат бояд ба қайд гирифта шудани ширкат на камтар аз нисфи амонаташонро пардозанд. Қисмати боқимондаи амонатро дар муҳлати муқарраркардаи шартномаи таъсисӣ мепардозанд. Дар сурати иҷро накардани ин уҳдадорӣ иштирокчии ширкат уҳдадор аст, ки товони зарари расидаро диҳад. Иштирокчиёни ширкати комил бе розигии дигар иштирокчиён ҳуқуқ надоранд, ки аз номи худ ва ба манфиати худ ё ба манфиати шахси сеюм аҳдҳои шабеҳро, ки предмети фаъолияти ширкатро ташкил медиҳад, анҷом диҳанд. Дар сурати вайрон кардани ин қоида ширкат ҳақ дорад бо хости худ аз чунин иштирокчӣ талафоти зарари ба ширкат расонидашуда ё ба он супоридани тамоми фоидаи аз чунин аҳд ба даст овардаашро талаб намояд (м. 76 КМ ҶТ).

Даромади миёнаи иштирокчиёни ширкат аз рӯи амонаташон дар сармояи асосӣ тақсим карда мешавад. Вале агар даромади холис аз маблағи фонди оинномавӣ камтар бошад, он дар байни иштирокчиён тақсим карда намешавад.

Хусусияти хоси ширкати комил дар он аст, ки аъзоаш аз рӯи уҳдадории ширкат масъулияте ба зимма доранд. Ин

масъулияти муштараки онҳо иловагӣ буда, танҳо вақти камомади молумулки шарикӣ барои пардохти қарз лозим мешавад. Қайд кардан лозим аст, ки дархости пардохти маблағи умумии қарзи шарикӣ аз ҳар як аъзои он талаб карда шуданаш мумкин аст, ки баъдтар ӯ иддао намуда, як қисми онро аз дигар аъзои ширкат гирифта метавонад.

Иштирокчии ширкати комил, ки муассиси он намебошад, аз рӯи уҳдадориҳое, ки то замони ба ширкат дохил шуданаш ба миён омаданд, баробари иштирокчиёни дигар масъулият дорад.

Иштирокчии аз ширкат хориҷшуда аз рӯи уҳдадориҳои ширкат, ки то хориҷшавии ӯ ба миён омадаанд, аз рӯзи тасдиқ гардидани ҳисобот дар бораи фаъолияти ширкат дар соли аз ширкат хориҷ шуданаш баробари иштирокчиёни боқимонда дар муҳлати се сол масъулият дорад (қ.3, м. 78 КМ ҶТ). Ҳама гуна созиши иштирокчиёни ширкат дар бораи маҳдуд, ё бартараф намудани масъулияти дар ҳамин модда пешбинигардида эътироф надорад.

Иштирокчии комил ҳақ дорад бо ризоияти иштирокчиёни боқимондаи он ҳиссаи худро дар моликияти ширкат, ки ба ҳиссаи дар фоидаи оинномавӣ мутобиқ аст, ё як қисми онро ба иштирокчии дигари ширкат ва ё шахси сеюм супорад. Дар сурати ба шахси дигар супурдани ҳисса (қисми ҳисса) ба шахс ҳуқуқе, ки ба иштирокчии ҳисса (як қисми ҳисса)-ро супурда тааллуқ дошт, пурра ё қисман мегузарад. Агар иштирокчии ширкат ҳиссаи худро ба шахси дигар супорад, иштироки ӯ дар ширкат қатъ мегардад. Маблағ аз ҳиссаи иштирокчии молумулки ширкати комил аз рӯи қарзе, ки бо иштироки дар ширкат алоқаманд нест (қарзи шахсӣ), танҳо дар сурате руёнида мешавад, ки молумулки дигари иштирокчӣ барои пардохти қарзаш нокифоя бошад. Кредиторони чунин иштирокчӣ ҳақ доранд аз ширкати комил пардохти арзиши молу мулки ширкат, ки ба ҳиссаи қарздор дар фонди оинномавӣ мувофиқ аст ё ҷудо кардани ин молкумулкро бо мақсади аз он ситонидани маблағ талаб намоянд.

Иштирокчии ширкат ҳақ дорад аз ҳайати он барояд. Дар ин бора у бояд шаш моҳ пеш аз баромадан аз ҳайати ширкат хабар диҳад. Чунин тартибот мувофиқи қ. 1 м. 81 КМ ҶТ ба ширкати комиле дахл дорад, ки бемуҳлат таъсис дода шудааст. Аз ҳайати ширкати комиле, ки ба муҳлати муайян таъсис гардидааст, фақат бо сабабҳои узрнок баромадан мумкин мебошад. Иштирокчии ширкати комилро аз аъзогӣ хориҷ намудан мумкин аст. Чунин тартибот бо қарори якдилонаи иштирокчиёни боқимонда ва дар сурати бедарак ғоиб шудан, ғайри қобили амал ё дорои қобилияти маҳдуд эътироф гардидани иштирокчӣ мумкин мебошад. Шахси ҳуқуқие, ки нисбати он бо қарори суд иҷрои расму қоидаҳои азнавташкилдиҳӣ оғоз гардидааст, мумкин аст бо ҳамин тартиб аз ҳайати ҷамъият хориҷ карда шавад.

Дар сурати мавҷуд будани сабабҳои узрнок, дағалона вайрон кардани уҳдадориҳо ё надоштани қобилияти пешбурди оқилонаи кор яке аз ҳамаи иштирокчиёни ширкат метавонанд бо қарори якдилона ва бо тартиби судӣ аз ҳайати ширкат хориҷ намудани онро талаб намоянд. Дар чунин маврид иштироки ӯ дар ширкат қатъ гардида, аз рӯи уҳдадории ширкат вай баробари аъзои боқимонда дар давоми се сол масъулият ба зимма дорад. Ба иштирокчии аз ҳайати ширкати комил хориҷшуда арзиши қисми молумулки ширкат, ки ба ҳиссаи ӯ дар сармояи асосӣ мувофиқ аст, ба шарте, ки дар шартномаи таъсисӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, пардохта мешавад. Бо созиши тарафҳо ба ивази пардохти арзиши молумулк мумкин аст молумулк дар шакли асл дода шавад.

Агар дар шартномаи таъсис ё созишномаи иштирокчиён тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, дар сурати аз ширкат хориҷ шудани яке аз иштирокчиён ҳиссаи иштирокчиёни боқимонда дар фонди оинномавии ширкат ба андозаи баробар зиёд мешавад.

Дар холати вафоти иштирокчии ширкати комил вориси ӯ танҳо бо розигии ҳамаи иштирокчиёни дигар метавонад ба ширкати комил аъзо шавад. Шахси ҳуқуқие, ки дар ширкати комил вориси (намояндаи) шахси ҳуқуқии азнавташкилшуда

мебошад, сарфи назар аз ризоияти иштирокчиёни ширкат ба шомили ширкат гардидан ҳуқуқ дорад, ба шарте, ки дар шартномаи таъсисӣ тартиби дигар пешбинӣ карда нашуда бошад. Ворисони ҳуқуқии (меросгирӣ) иштирокчии ширкати комил шомили ширкат нагардида аз рӯи уҳдадориҳои ширкат дар назди шахсони сеюм, ки иштирокчии хориҷгардида мутобиқи қонун масъулият медошт, дар доираи молумулки ба ӯ мерос гузоштаи иштирокчии хориҷгардидаи ширкат масъулият дорад. ( қ.3. м. 84 КМ ҶТ). Мувофиқи талаботи м. 62 КМ ҶТ ширкати комил бо қарори муассисон (иштирокчиён)-и он ё мақоми шахси ҳуқуқӣ, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ чунин ваколат дорад, аз ҷумла бо сабаби гузаштани муҳлате, ки шахси ҳуқуқӣ барои он таъсис шуда буд, ноил шудан ба мақсадҳои таъсиси он, ё аз ҷониби суд беъэтибор дониста шудани бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ бо сабаби ҳуқуқвайронкунӣ ҳангоми таъсиси он барҳам дода мешавад. Ширкати комил, инчунин,мумкин аст бо қарори суд дар сурати бе иҷозатнома фаъолият кардан,машғул шудан бо фаъолияти манъкардаи қонун, ё чандин карат ва ё дағалона ҳуқуқвайронкунӣ, инчунин, дар сурати машғул гаштан бо фаъолияте, ки хилофи мақсадҳои оинномавии он мебошад, барҳам дода шавад. Бояд қайд кард, ки ширкати комил мувофиқи қ. 1 м. 85 КМ ҶТ дар сурати боқӣ мондани ҳатто як иштирокчӣ барҳам дода мешавад. Ширкати комил дар мавриди муфлис эътироф карда шуданаш низ барҳам дода мешавад. Иштирокчие, ки дар ширкат танҳо мемонад, ҳуқуқ дорад дар давоми шаш моҳи пас аз иштирокчии ягонаи ширкат шуданаш онро ба ҷамъияти хоҷагӣ табдил диҳад. Дар ҳолати баромадан аз ҳайати ширкат, ё вафот кардани ягон иштирокчии ширкати комил, аз ширкат хориҷ намудани яке аз онҳо, барҳам хурдани шахси ҳуқуқӣ ё аз ҷониби кредиторони яке аз иштирокчиён рӯёнидани маблағ аз қисми молумулке, ки ба ҳиссаи ӯ дар фонди оинномавӣ мувофиқ аст, ширкат метавонад фаъолияти худро идома диҳад.

2) Ширкати ба боварӣ асосёфта. Ширкати ба боварӣ асосёфта (ширкати коммандитӣ) ширкатест, ки дар он

баробари иштирокчиёне, ки аз номи ширкат фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда, аз рӯи уҳдадориҳои ширкат ба молумулки худ масъулият доранд, (ширкати комил), як ё якчанд иштирокчии амонатгузоре ҳастанд, ки таваккали зиёни аз фаъолияти ширкат мерасидаро дар доираи маблағи амонати гузоштаашон ба уҳда дошта, дар фаъолияти соҳибкории ширкат иштирок намекунанд. ( қ.1 м. 87 КМ ҶТ).

Ҳамин тариқ, дар ширкати ба боварӣ асосёфта ду гурӯҳи иштирокчиён мавҷуд аст. Гурӯҳи аввал - шарикони комил, ки аз номи ширкат бо фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд ва ҳангоми камомади молу мулки ширкат аз рӯи уҳдадории он ҷавобгаранд.

Гурӯҳи дуюм - амонатгузороне, ки дар ташкили фаъолияти соҳибкории ширкат бевосита иштирок накарда, танҳо амонат мегузоранд ва таваккали зарари фаъолияти шарикиро дар доираи амонати хеш ба дӯш доранд.

Моҳияти иқтисодии чунин ширкат дар он аст, ки як қисми иштирокчиёни он ба қисми дигар воситаҳои муайянро барои фаъолияти соҳибкорӣ бовар карда медиҳанд. Ба ҳамин сабаб чунин ташкилотро ширкати ба боварӣ асосёфта меноманд.

Аз ин рӯ, ба ин ширкат шахсони аз лиҳози вазъи ҳуқуқӣ мухталиф шомил шуда метавонанд. Дар ин маънӣ чунин ширкат гӯё омехта аст.

Вазъи ҳуқуқии ширкати ба боварӣ асосёфта айнан мисли вазъи ҳуқуқии иштирокчиёни ширкати комил мебошад. Бинобар ҳамин барои танзими ҳуқуқии фаъолияти ширкати ба боварӣ асосёфта қоидаҳои Кодекси маданӣ, ки ба ширкатҳои комил дахл доранд, истифода мешаванд. Вобаста ба ҳамин мақоми ҳуқуқии ширкати ба боварӣ асосёфта дар Кодекси маданӣ хеле мухтасар ифода гардидааст. Иштирокчии ширкати ба боварӣ асосёфта мисли иштирокчии ширкати комил танҳо соҳибкори алоҳида ва ташкилоти тиҷоратӣ шуда метавонад. Дар ин маврид танҳо дар як ширкат иштирок кардан мумкин аст. Ҳамзамон, дар як вақт ҳам иштирокчии ширкати ба боварӣ асосёфта ва ҳам

иштирокчии ширкати комил шудан мумкин нест. Моҳияти чунин тартибот дар он аст, ки шарикони комил дар ширкати ба боварӣ асосёфта мисли иштирокчиёни ширкати комил аз рӯи уҳдадории ширкат масъулияти муштарак ва иловагӣ доранд ва аз ин рӯ, иштироки онҳо дар якчанд ширкат, бешубҳа, заминаи моддии чунин масъулиятро суст мекунад. Дар номи ширкати ба боварӣ асосёфта номи ақаллан як ширкати комил дохил карда мешавад. Амонатгузорон дар номи чунин ширкат бояд зикр нашаванд. Агар зикр шуда бошад, он амонатгузори ширкати комил ҳисоб меёбад. Дар ин сурат ӯ бояд аз рӯи уҳдадории ширкат масъулият дошта бошад.

Ширкати ба боварӣ асосёфта дар асоси шартномаи таъсисӣ, ки танҳо шарикони комил имзо мекунанд, ташкил мешавад. Дар шартномаи таъсисӣ ҳиссаи ҳар як аъзои ширкати комил алоҳида нишон дода мешавад. Дар он амонатгузоронро танҳо ҳаҷми якҷояи амонаташон муайян мекунад.

Дар идораи корҳои ширкати ба бовариасосёфта танҳо аъзои ширкатҳои комил иштирок мекунанд. Дар ин маврид қоидаи идора ва пешбурди шарикони кор қабул карда мешавад. Амонатгузорон салоҳият надоранд, дар идораи умумӣ ширкати ба боварӣ асосёфта иштирок кунанд. Вале аз рӯи ваколатнома метавонанд, аз номи он баромад кунанд. Амонатгузорон, инчунин, салоҳият надоранд, ки оид ба амали шарикони комил дар бобати идора ва пешбурди кори ширкат мубоҳиса кунанд (м. 89 КМ ҶТ).

Вазифаи амонатгузорони ширкати ба боварӣ асосёфта амонатгузорӣ дар сармояи асосӣ мебошад. Амонатгузорӣ бо шаҳодатномаи аъзогӣ, ки аз ҷониби ширкат дода мешавад, тасдиқ мегардад.

Амонатгузори ширкати ба боварӣ асосёфта ҳуқуқ дорад бо ҳисоботи солона ва тавозуни ширкат шинос шавад; дар охири сол аз ҳайати ширкат барояд ва амонати худро гирад; тамоми саҳми худро дар сармояи асосӣ ё як қисми онро ба амонатгузори дигар ё шахси сеюм диҳад. Дар ин маврид

амонатгузор нисбат ба шахсони сеюм дар харидории саҳм (як қисми саҳм) бартарӣ дорад.

Дар ширкати ба боварӣ асосёфта ҳатман бояд ҳам ширкати комил ва ҳам амонатгузорон бошанд. Ҳангоми аз ширкат баромадани ҳамаи амонатгузорон он ширкат барҳам дода мешавад. Бо қарори шарикони комил ширкати ба боварӣ асосёфта мумкин аст ба ширкати комил табдил дода шавад. Агар дар ширкати ба боварӣ асосёфта ақаллан як амонатгузор ва як шарики комил боқӣ монад, он нигоҳ дошта мешавад.

Дар мавриди барҳам хӯрдани ширкати ба боварӣ асосёфта, аз ҷумла ҳангоми муфлисшавӣ амонатгузорон дар гирифтани амонаташон аз моликияти ширкӣ баъди қонеъ гардонидани талаби кредиторҳои боқимонда нисбат ба шарикони комил бартарӣ доранд. Молу мулки баъди он боқимондаи ширкат байни шарикони комил ва амонатгузорон аз рӯи ҳиссаашон дар сармояи асосӣ тақсим карда мешавад. Зимнан, ҳангоми барҳам хӯрдани ширкати ба боварӣ асосёфта амонатгузорон нисбат ба шарикони комил афзалият доранд, зеро онҳо молу мулки худро ба ширкати ба боварӣ асосёфта гузоштаанд ва он молумулкро танҳо шарикони комил идора ва роҳбарӣ мекунанд ва амонатгузоронро хавфи он таҳдид менамояд, ки бояд товони зарарро ҷуброн кунанд.

### §2.Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ

1)Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд.Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд чунин ҷамъиятест, ки аз ҷониби як ё якчанд шахс таъсис гардида, сармояи оинномавиаш ба ҳиссаҳои ба андозаи ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ муайяннамуда тақсим шуда, иштирокчиёнаш аз рӯи уҳдадориҳои он ҷавобгар нестанд ва таваккали зиёни марбут ба фаъолияти ҷамъиятро дар доираи арзиши саҳми гузоштаашон ба дӯш доранд (м. 91 КМ ҶТ ва м.2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд»).

Ҳамин тариқ, ҷавобгарии онҳо аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъият дар ҳаҷми маблағи амонати гузоштаашон маҳдуд

мегардад ва ба ин сабаб «ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» номида мешавад. Зимнан сухан на дар бораи маҳдудияти ҷавобгарии ҷамъият, балки дар хусуси маҳдудияти масъулияти аъзои ҷамъият меравад.

Дуруст аст, ки дар як маврид ҳамаи аъзои ҷамъият ба ҳар ҳол аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъият масъулият ба дӯш доранд. Сухан аз масъулияти иштирокчиёне меравад, ки амонаташонро пурра нагузоштаанд. Онҳо мутобиқи уҳдадориҳои ҷамъият дар андозаи амонати напардохтаашон масъулияти муштарак доранд. Вале ин тартибот аз қоидаи умумӣ истисно буда, ба сохтори умумии ташкилоти мазкур таъсир намерасонад.

Баробари ба табъ расидани қисми якуми Кодекси гражданӣ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2002 «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд»[76] мафҳуми дақиқи ҷамъияти масъулияташ маҳдуд барқарор шуд. Пештар ин масъала дар қонунгузорӣ равшан муайян нашуда буд.

Бо вуҷуди он ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва ҷамъияти саҳомӣ намудҳои мухталифи ҷамъиятҳои хоҷагӣ мебошанд. Тафовут дар он мебошад, ки дар ҷамъияти саҳомӣ фонди оинномавӣ ба саҳмияҳо тақсим мешавад, вале дар ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ба ҳаққи иштирок, ғайр аз ин ҷамъияти саҳомӣ низоми нисбатан мураккаби идоракунӣ хоҷагидорӣ мебошад. Шумораи иштирокчиёни ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд на бояд аз сӣ нафар зиёд бошад. Ҳангоми зиёд шудани шумораи иштирокчиёни ҷамъият он дар давоми сол бояд ба ҷамъияти саҳомӣ табдил ёбад. Агар дар давоми сол ин кор иҷро нагардад, чунин ҷамъият бо қарори суд бояд барҳам дода шавад.

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдудро як ё якчанд шахс ташкил дода метавонанд. Ҳуҷҷати ташкилшавии он шартномаи таъсиси аз ҷониби муассисони он имзогардида

[76] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №4, қисми 2, мод. 314; соли 2008, №10, мод. 810.

ва оинномаи тасдиқнамудаи онҳо мебошад. Агар ҷамъият аз ҷониби як шахс таъсис дода шавад, ҳуҷҷати таъсисӣ танҳо оинномаи тасдиқкардаи ҳамин шахс хоҳад буд (м.13. Қонуни мазкур).

Сармояи оинномавии ҷамъият аз амонати иштирокчиён ташкил дода мешавад. Ҳаҷми сармояи оинномавии ҷамъият набояд аз панҷсад сомонӣ кам бошад (м.16 Қонун).

Сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бояд андозаи ҳадди ақали молумулки онро, ки манфиати кредиторҳоро кафолат медиҳад, муайян намояд. Сармояи оинномавии ҷамъият бояд дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатии он пурра аз ҷониби муассисони он пардохта шавад. Ҷамъият ҳақ надорад сармояи оинномавии худро аз ҳаҷми ақалли камтарини сармояи оинномавӣ, ки он мутобиқи Қонуни мазкур муайян шудааст, кам намояд. Ҳамзамон, камшавии сармояи оинномавии ҷамъият бо роҳи камшавии арзиши номиналии ҳиссаи ҳамаи иштирокчиёни ҷамъият бояд бо нигоҳ доштани ҳаҷми ҳиссаи ҳамин иштирокчиёни ҷамъият сурат гирад. Дар сурати пурра пардохт накардани сармояи оинномавии ҷамъият дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатии он, ҷамъият бояд дар хусуси кам кардани сармояи оинномавии худ то андозаи воқеан пардохтшудаи он эълон кунад ва дар ин хусус бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдтирии давлатӣ барои ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқи ва соҳибкорони инфиродӣ ариза пешниҳод намояд ё дар бораи барҳамдиҳии ҷамъият қарор қабул намояд. Агар баъди ба охир расидани соли дуюм ва ҳар соли минбаъдаи молиявӣ арзиши дороиҳои софи ҷамъият аз сармояи оинномавии он камтар гардад, ҷамъият уҳдадор аст дар хусуси кам кардани сармояи оинномавии худ то андозае, ки аз арзиши дороиҳои софи он зиёд намебошад, эълон кунад ва дар ин хусус бо тартиби муқарраршуда ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ барои ворид намудани маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ

ариза пешниҳод намояд ё дар бораи барҳамдиҳии ҷамъият қарор қабул намояд. Агар баъди итмоми соли дуюм ва ҳар соли минбаъдаи молиявӣ арзиши дороиҳои софи ҷамъият аз ҳаҷми камтарини сармояи оинномавӣ, ки м. 22 Қонуни ҶТ «Дар бори ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд» муқаррар кардааст, кам бошад, ҷамъият барҳам дода мешавад. Қайди давлатии камшавии сармояи оинномавии ҷамъият танҳо дар сурати пешниҳоди далели огоҳии кредиторон бо тартиби муқарраркардаи қонун амалӣ гардонда мешавад.

Сармояи оинномавӣ танҳо баъди огоҳ кардани ҳамаи кредиторҳои он кам карда мешавад.

Фонди оинномавии ҷамъият на танҳо кам, балки зиёд ҳам шуда метавонад. Фонди оинномавии ҷамъият танҳо баъди аз ҷониби иштирокчиёни ҷамъият пурра пардохта шудани амонаташон имконпазир аст. Зиёдшавии фонди оинномавии ҷамъият аввалан, аз ҳисоби молумулки он; сониян, аз ҳисоби саҳми иловагии иштирокчиёни ҷамъият ва баъдан аз ҳисоби саҳмҳои шахсони сеюме, ки ба ҷамъият қабул мегарданд, зиёд мешавад (м.19 Қонун).

Бо қарори маҷлиси умумии иштирокчиёни ҷамъият, ки бо иштироки аз се ду ҳиссаи иштирокчиёни ҷамъият қабул шудааст, уҳдадориаш метавонад баробари он ҳиссаи ба фонди оинномавии ҷамъияти дохилнашудаи амонати иловагӣ муқаррар карда шавад.

Иштирокчиёни ҷамъият ҳуқуқ, доранд тамоми ё як қисми ҳиссаи худро дар сармояи оинномавии ҷамъият ба як ё якчанд иштирокчии ҷамъият ё шахси сеюм фурӯшанд. Ҳангоми ба шахси сеюм фурӯхтани ҳисса дигар иштирокчиёни ҷамъият барои харидории он имтиёз доранд. Агар иштирокчиёни ҷамъият дар давоми як моҳи огоҳӣ ёфтан ё дар муҳлати дар оиннома ё созишнома нишондодашуда аз ҳуқуқи афзалиятноки худ истифода нанамоянд, ҳиссаи онҳо мумкин аст ба шахси сеюм фурӯхта шавад.

Дар оинномаи ҷамъият ба шахси сеюм фурӯхта нашудани ҳисса зикр шуда метавонад. Дар ин маврид, агар дигар аъзои ҷамъият ҳиссаи фурӯхташавандаро харидан нахоҳад, он бояд аз ҷониби ҷамъият харидорӣ шавад. Дар

чунин ҳолат ҷамъият уҳдадор аст, ки ба иштирокчиён арзиши воқеии онро бо пул ё бо молумулк пардозад.

Агар ҳиссаи (қисми) иштирокчӣ аз ҷониби худи ҷамъият харида шавад, он гоҳ ҷамъият уҳдадор аст, ки онро ба иштирокчиёни дигар ё шахси сеюм фурӯшад, ё сармояи оинномавии худро кам кунад. Иштирокчиёни ҷамъият салоҳият доранд, ки на танҳо амонати дар моликияти ҷамъият доштаашонро фурӯшанд балки ҳар вақт аз он ҷамъият бароянд.

Дар баробари ҳамин иштирокчии ҷамъиятро аз ҳайати он хориҷ намудан низ мумкин аст. Мувофиқи м. 100 КМ ҶТ агар иштирокчии ҷамьият оинномаи ҷамъиятро дағалона вайрон намояд ва бо ҳамин ба манфиати он зарар оварад, онро бо қарори маҷлиси умумии иштирокчиёнаш, ки бо аз се ду ҳиссаи овози ҳамаи иштирокчиёнаш қабул шудааст, аз ҷамъият хориҷ кардан мумкин аст. Дар чунин ҳолат иштирокчӣ нисбати қарори маҷлиси умумӣ метавонад ба суд мурофиат намояд. Иштирокчие, ки аз ҳайати ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд баромадааст, ё хориҷ карда шудааст, ҳуқуқ дорад арзиши ҳиссаи худро дар сармояи оинномавӣ аз ҳисоби ҷамъият талаб намояд. Бо созиши байни иштирокчӣ ва ҷамъият арзиши молумулкро мумкин аст бо худи молумулк иваз кард. Вале бояд қайд намоем, ки агар ба сифати ҳиссаи иштирокчӣ ба фонди оинномавии ҷамъият ҳуқуқи истифода аз молу мулк пешниҳод шуда бошад, молумулки дахлдор ба иштирокчии аз ҷамъият хориҷшуда баргардонида мешавад ( қ.2 м. 101 КМ ҶТ).

Азнав ташкилшавӣ ва барҳамхурии ҷамъият бо қарори якдилонаи ҳамаи аъзои ҷамъият сурат мегирад. Ҷамъият метавонад, инчунин, бо қарори суд дар асосҳои пешбиникардаи Кодекси маданӣ барҳам дода шавад. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд метавонад ба ҷамъияти саҳҳомӣ ё кооперативи тиҷоратӣ табдил дода шавад.

2)Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ.Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ ҷамъияте мебошад, ки аз ҷониби як ё якчанд шахс таъсис дода шуда, фонди оинномавии он мувофиқи андозаи дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муайянгардида ба

ҳиссаҳо тақсим шавад. Иштирокчиёни чунин ҷамъият аз рӯи уҳдадориҳои он бо молумулки худ ба андозаи дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муайянгардидаи барои ҳамашон баробари арзиши амонати (саҳми) гузоштаашон масъулият доранд (қ. 1 м. 102 КМ ҶТ).

Ин намуди ҷамъият комилан нав аст. То қабули қисми аввали Кодекси маданӣ чунин ҷамъиятҳо ташкил намешуданд. Дуруст аст, ки кӯшиши ташкили ҷамъияти масъулияти иловагӣ ҳануз дар асосҳои қонунгузории мадании ИҶШС ва ҷумҳуриҳо аз 31 май соли 1991 сурат гирифта буд. Аммо чунин ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ дар Тоҷикистон пазируфта нашуд, зеро ин гуна шакли ташкили ҳуқуқии ташкилотҳоро Қонун дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ ва корхонаҳо, ки ҳамон вақт амал мекард, пешбинӣ накарда буд.

Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ аслан шакли дигаршудаи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд мебошад. Фарқи ин ҷамъият аз ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд дар он аст, ки иштирокчиёнаш масъулияти уҳдадориҳои ҷамъиятро баробари амонати гузоштаашон бар дӯш доранд. Барои қонеъ гардонидани талаботи кредиторҳо иштирокчиён ҷамъият мумкин аст дар доираи молумулки шахсии ба онҳо тааллукдошта ба ҷавобгарии иловагӣ кашида шаванд. Чунин тарзи ҷавобгариро ҷавобгарии муштараки иловагӣ меноманд.

Доираи ин гуна ҷавобгарӣ низ маҳдуд мебошад. Вай на ба ҳамаи молумулк, чи хеле ки барои ширкати комил хос аст, балки ба ҳамон қисме дахл дорад, ки бо ҳамаи иштирокчиён ба андозаи яккаратаи маблағи амонати гузоштаи онҳо баробар аст. Иштирокчиёни ҷамъият шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Мақомоти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ иштирокчии ҷамъият буда наметавонанд. Ташкилоте, ки аз тарафи соҳибмулк маблағгузорӣ карда мешавад, фақат бо розигии соҳибмулк иштирокчии ҷамъият шуда метавонад.

Нисбати ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ қоидаҳои Кодекси маданӣ дар бораи ҷамъияти масъулияти маҳдуд

истифода мешаванд. Дар айни ҳол қоидаҳои махсус оид ба ҷамъияти масъулияти иловагӣ дар м. 102 КМ ҶТ ифода гардидааст.

Ғайр аз ин дар моддаи мазкур қоидаҳои махсус ҳангоми эҳтимолияти муфлисшавии ягон узви ҷамъияти масъулияти иловагӣ дар назар дошта шудааст. Мувофиқи он дар ҳолати муфлисшавии яке аз иштирокчиёнаш масъулияти он аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъият дар байни аъзои боқимонда ба андозаи амонати гузоштаашон тақсим карда мешавад. Ин дар сурате ҷоиз аст, ки дар оинннома ва шартномаи таъсисотӣ, ягон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Азбаски имконияти ташкили ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ ба наздикӣ фароҳам омад, дар амал вусъат ёфтани чунин ҷамъиятҳоро пешгӯӣ кардан мумкин аст. Моҳиятан он барои соҳибкорон чандон ҷолиб нест, чунки аз рӯи уҳдадориҳои ингуна ҷамъиятҳо масъулияти иловагии иштирокчиҳо дар назар дошта мешавад, ҳол он ки субъектҳои соҳибкорӣ баръакс, кӯшиш мекунанд, ки масъулияташон маҳдудтар бошад.

### § 3. Ҷамъияти саҳомӣ ва намудҳои он

Ҷамъияти саҳомӣ шакли нисбатан паҳншудаи ташкилотҳои корпоративӣ ба шумор меравад. Чунин ҷамъиятҳо дар собиқ Давлати Шуравӣ ҳанӯз солҳои 20-уми давраи сиёсати нави иқтисодӣ ташкил ёфта буданд. Соли 1927 дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ низомномаи махсус тасдиқ шуда буд. Вале баробари дар иқтисодиёт пурзӯр шудани низоми маъмурию идоракунӣ ҷамъияти саҳомӣ дар солҳои 30-юм барҳам додашуда, ба ҷои онҳо корхонаҳои давлатӣ ташкил карда шуданд. Танҳо баъзе ҷамъияти саҳомии бо муносибатҳои хориҷӣ алоқаманд, ба монанди «Интурист» ва «Бонки савдои беруна» боқӣ монданд.

Дар ибтидои солҳои 90-ум асари гузашта дар баробари гузаштан ба иқтисоди бозорӣ фаъолияти ҷамъияти саҳомӣ аз нав авҷ гирифт. Дар бораи чунин ҷамъиятҳо санадҳои меъёрии махсус қабул гардиданд. Аз ҷумла, 12 июни соли 1990 Низомнома дар бораи ҷамъияти саҳомӣ ва ҷамъияти

масъулияти маҳдуд қабул карда шуданд. Қонуни аввалин «Дар бораи ҷамъияти саҳомӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» 23 декабри соли 1991[77] қабул карда шуда буд. Дар замони ҳозира қонуни асосие, ки ҳолати ҳуқуқии ҷамъиятҳои саҳомиро ба танзим медарорад, Қонуни ҶТ аз 5 марти соли 2007 «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»[78] мебошад. Баъзе қоидаҳо дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ дар м. 103 - 114 КМ ҶТ ифода гардидаанд.

Омили инкишофи ҷамъиятҳои саҳомӣ дар марҳилаи ҳозира на танҳо мутобиқати ин шакли ташкилот ба шароити иқтисоди бозорӣ, балки хусусигардонии корхонаҳои давлатӣ ва коммуналӣ низ мебошад, ки ин одатан бо роҳи табдили онҳо ба ҷамъияти саҳомӣ амалӣ мегардад.

Ҷамъияти саҳомӣ - ташкилоти тиҷоратие мебошад, ки сармояи оинномавии он ба миқдори муайяни саҳмияҳо тақсим шуда, иштирокчиёни (саҳмдорони) он аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ масъулият надоранд ва таваккали зарари вобаста ба фаъолияти онро дар доираи арзиши саҳмияҳои марбуташон ба зимма доранд (м.1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»). Ҷамъияти саҳомӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ таъсисёфта ба ҳисоб меравад. Ҷамъияти саҳомӣ ба ду шакл тақсим мешавад. Шакли кушода ва пӯшида. Он дар оинннома ва номи фирмавиаш ҷамъият инъикос карда мешавад.

Ҷамъияти саҳомии кушода бо аломатҳои зеринаш баҳо дода мешавад. Саҳмияҳои он бо тартиби обунаи кушод паҳн карда шуда, саҳмдорони он метавонанд саҳмияҳои худро бе розигии дигар саҳмдорони ҷамъият бегона кунанд. Саҳмдор нисбат ба ихтиёрдорӣ намудани саҳмияҳо ҳуқуқи номаҳдуд дорад. Шумораи саҳмдорони ҷамъияти саҳомии кушода

[77] Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1992, №4, моддаи 39; с.1996, №23, моддаи 362; с.1998, №10, моддаи 131; с.2005, №12, моддаи 643.

[78] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2007, №3, мод.170; соли 2010, №1, мод. 9; №12, қ.1, мод. 816; с. 2011, №12, мод. 844;

маҳдуд карда намешавад. Сармояи ҳадди ақалли оинномавии ҷамъияти саҳомии кушода бояд на камтар аз панҷ ҳазор сомониро ташкил диҳад.

Ҷамъияти саҳомие, ки саҳмияҳояш танҳо байни муассисони он ё гурӯҳи дигари шахсони қаблан муайян гардида тақсим карда мешавад, ҷамъияти саҳомии пӯшида эътироф мегардад. Чунин ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ надорад ба саҳмияҳои баровардааш обунаи кушода доир намояд ё ба тарзи дигар онҳоро барои харид ба гурӯҳи номаҳдуди шахсон пешниҳод кунад. Ҳисоботи ошкоро мавҷуд нест. Шумораи саҳмдорони ҷамъият саҳомии пӯшида набояд аз панҷоҳ нафар зиёд бошад. Агар шумораи саҳмдорони ҷамъияти саҳомии пӯшида аз шумораи зикршуда бештар бошад, ин ҷамъияти саҳомӣ дар муддати як сол бояд ба ҷамъияти саҳомии кушода табдил дода шавад. Агар шумораи саҳмдорони он то шумораи ниҳоии муқарарнамудаи ҳамин қисм кам нагардад, ҷамъияти саҳомӣ бояд бо тартиби судӣ барҳам дода шавад.

Саҳмдорони ҷамъияти саҳомии пӯшида барои аз рӯи нархи ба дигар шахс пешниҳодшуда харидорӣ намудани саҳмияҳои саҳмдорони ҳамин ҷамъияти саҳомӣ афзалият доранд. Муҳлати татбиқи ҳуқуқи афзалиятнок наметавонад аз рӯзи ба фурӯш баровардани саҳмияҳо камтар аз 30 рӯз ва бештар аз 60 рӯз бошад.

Ҷамъияти саҳомӣ метавонад дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон филиалҳо таъсис диҳад ва намояндагиҳо кушояд. Филиали ҷамъияти саҳомӣ воҳиди махсуси он мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии ҷамъияти саҳомӣ воқеъ гашта, ҳамаи вазифаҳои он, аз ҷумла вазифаҳои намояндагӣ ё як қисми онро анҷом медиҳад. Намояндагии ҷамъияти саҳомӣ воҳиди махсуси он мебошад, ки берун аз маҳалли ҷойгиршавии ҷамъияти саҳомӣ воқеъ гашта, манфиатҳои онро намояндагӣ ва ҳифз менамояд. Филиал ва намояндагӣ шахсони ҳуқуқӣ набуда, дар асоси низомномаи тасдиқнамудаи ҷамъияти саҳомӣ амал мекунанд. Роҳбари филиал ё роҳбари намояндагиро

ҷамъияти саҳомӣ таъин менамояд, ки дар асоси низомнома ва ваколатномаи аз ҷониби ҷамъияти саҳомӣ додашуда амал мекунад. Филиал ва намояндагӣ фаъолиятро аз номи ҷамъияти саҳомии таъсиснамудаи он анҷом медиҳад. Аз рӯи уҳдадориҳои филиал ё намояндагӣ ҷамъияти саҳомии онҳоро таъсиснамуда масъул мебошад.

Ҷамъияти саҳомӣ бо қарори муассисон (муассис) таъсис дода мешавад. Муассисони ҷамъияти саҳомӣ шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқие мебошанд, ки дар бораи таъсис ва тасдиқи оинномаи он қарор қабул кардаанд. Онҳо байни худ шартномаи таъсисӣ мебанданд, ки муносибатҳои байни онҳоро ба танзим медарород. Мақомоти давлатӣ, агар дар қонунҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, муассиси ҷамъияти саҳомӣ буда наметавонад. Корхонаҳои воҳиди давлатӣ танҳо бо розигии давлат дар шахси мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба идоракунии молумулки давлатӣ метавонанд муассиси ҷамъияти саҳомӣ бошанд. Ҷамъияти саҳомӣ наметавонад ба сифати муассиси ягона (саҳмдор) дигар ҷамъияти саҳомии хоҷагӣ иборат аз як шахсро дошта бошад. Муассисони ҷамъияти саҳомӣ аз рӯи уҳдадориҳои вобаста ба таъсиси он, ки то лаҳзаи бақайдгирии давлатии ҳамин ҷамъияти саҳомӣ ба миён омадаанд, масъулияти иловагӣ доранд.

Оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ҳуҷҷати таъсисии ҷамъияти саҳомӣ мебошад. Талаботи оинномаи ҷамъияти саҳомӣ барои иҷро аз ҷониби ҳамаи мақомоти ҷамъияти саҳомӣ ва саҳмдорони он ҳатмӣ мебошад.

Молумулки ҷамъияти саҳомӣ сармояи оиномавии онро ташкил медиҳад. Сармояи оинномавӣ – сармояи ҳадди ақалли ҷамъияти саҳомӣ дар рӯзи таъсиси он муайян карда мешавад. Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ аз арзиши номиналии саҳмияҳои паҳнкардае, ки саҳмдорон ба даст овардаанд, мураттаб мегардад. Арзиши номиналии ҳамаи саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ бояд баробар бошад. Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ андозаи минималии молумулки ҷамъияти саҳомиро, ки манфиати кредиторонро

кафолат медиҳад, муайян мекунад. Тағйирот ба оинномаи ҷамъият дар асоси қарори ҷамъияти саҳомӣ амали карда мешавад. Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ метавонад бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё баровардани саҳмияҳои иловагӣ зиёд карда шавад. Қарор дар мавриди зиёд кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё баровардани саҳмияҳои иловагӣ аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон қабул карда мешавад. Саҳмияҳои иловагиро ҷамъияти саҳомӣ метавонад танҳо дар доираи миқдори саҳмияҳои эълоншуда, ки оинномаи ҷамъияти саҳомӣ муқаррар намудааст, паҳн кунад. Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ бо роҳи паҳн намудани саҳмияҳои иловагӣ метавонад аз ҳисоби молумулки ҷамъияти саҳомӣ зиёд карда шавад. Маблағе, ки бо он сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ аз ҳисоби молумулки ҷамъияти саҳомӣ зиёд мегардад, набояд аз фарқи байни арзиши дороии софи ҷамъияти саҳомӣ, маблағи сармояи оинномавӣ ва сармояи эҳтиётии ҷамъияти саҳомӣ бештар бошад. Ҳангоми зиёд кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ аз ҳисоби молумулки он бо роҳи паҳн кардани саҳмияҳои иловагӣ ин саҳмияҳо байни саҳмдорон тақсим карда мешаванд. Ҳамзамон, ба ҳар саҳмдор мутаносибан баробари теъдоди саҳмияҳояшон саҳмияҳои ҳамон намуд (навъ) тақсим карда мешавад ( м. 18).

Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад сармояи оинномавии худро кам кунад. Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ метавонад бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё кам кардани миқдори умумии онҳо ё дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун бо роҳи ба даст овардани қисми саҳмияҳо кам карда шавад. Агар дар натиҷаи кам кардани сармояи оинномавӣ ҳаҷми он аз ҳаҷми ҳадди ақалли сармояи оинномавии муайянгардида кам шавад, вай ҳақ надорад, ки сармояи оинномавиашро кам кунад. Қарори кам кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ бо роҳи кам намудани арзиши номиналии саҳмияҳо ё бо роҳи харида

гирифтани як қисми саҳмияҳо бо мақсади кам кардани миқдори умумӣ аз ҷониби Маҷлиси умумии саҳмдорон қабул карда мешавад. Ҷамъияти саҳомӣ дар давоми 30 рӯзи қабул гардидани қарори кам кардани сармояи оинномавии худ вазифадор аст ба таври хаттӣ кредиторонашро дар хусуси кам кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ ва ҳаҷми нави он огоҳ созад.

Ба ҳайати молумулки ҷамъият фондҳои дигар низ дохил мешаванд. Онҳо тибқи ҳаҷм ва тартиби пешбининамудаи оинномаи ҷамъияти саҳомӣ таъсис дода мешаванд. Фонди захиравии ҷамъияти саҳомӣ бо роҳи маблағгузаронии ҳатмии ҳарсола то расидан ба ҳаҷми муқаррарнамудаи оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ташаккул меёбад. Фонди захиравӣ аз ҳисоби фоидаи софи ҷамъият бо тартиби ҳатмӣ бо андозаи 5% сармояи оинномавӣ ташкил карда мешавад. Ҳадди ниҳоии фонди захиравӣ ва андозаи маблағгузаронии ҳарсоларо Маҷлиси умумии саҳмдорон муқаррар мекунад. Ҷамъияти саҳомӣ, инчунин, метавонад дигар фондҳоро ташкил намояд.

Ҷамъияти саҳомӣ саҳмия мебарорад. Дигар ташкилотҳо чунин ҳуқуқро надоранд. Саҳмия коғази қимматнокест, ки ҷамъияти саҳомӣ мебарорад ва он вобаста ба намуд ва категорияҳо ҳуқуқҳои саҳмдоронро барои гирифтани суди саҳмия, иштирок дар идораи ҷамъияти саҳомӣ ва ба як қисми молумулки ҷамъияти саҳомӣ, ки баъди барҳамдиҳӣ боқӣ мондааст муайян менамояд.

Саҳмия ҳуқуқи саҳмдорро нисбат ба ҷамъият, на ҳуқуқи моликиятро ба қисми молумулки ҷамъият муайян менамояд. Ҳамзамон, нисбат ба саҳмия ҳамчун коғази қимматнок саҳмдор ҳуқуқи моликиятӣ дорад.

Вобаста ба тарзи барасмиятдарорӣ ва тартиби супоридан саҳмияҳо ба номӣ ва манзурӣ ҷудо мешаванд.

Саҳмияи номӣ - саҳмияе, ки ба номи шахси муайян дода шуда, дар феҳристи саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ ба қайд гирифта мешавад. Фурӯш ва ба каси дигар додани ин намуди саҳмия дар асоси санади интиқолӣ (индоссамент) амалӣ

гардонида мешавад. Барои саҳмияи номӣ он чи характернок мебошад, ки дар он номи саҳмдор нишон дода мешавад. Додани (бегона) кардани чунин саҳмия дар феҳристи саҳмдорон бояд ба қайд гирифта шавад.

Саҳмияи манзурӣ - саҳмияе, ки ному насаби дорандаи он дар феҳристи саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ сабт намешавад ва аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ саҳмдори комили ҷамъияти саҳомӣ мебошад. Суди ин намуди саҳмия дар мавриди пешниҳоди саҳмия пардохта мешавад. Дар саҳмияи манзурӣ номи дорандаи он ифода карда намешавад. Вай бе ягон бақайдгирӣ бо роҳи одӣ бегона карда мешавад. Чунин саҳмияҳо аз лиҳози қобилияти муомилотӣ мувофиқ, вале аз лиҳози назорат кардан аз болои даромади дорандагони он ноқулай мебошад.

Вобаста ба салоҳият саҳмияҳо ба муқаррарӣ ва имтиёзнок ҷудо мешаванд. Ҷамъияти саҳомӣ саҳмияҳои одӣ (муқаррарӣ) ва имтиёзнок мебарорад. Саҳмияи одӣ ба ҳар як саҳмдори дорои он ҳаҷми баробари ҳуқуқҳоро фароҳам меорад. Саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои одии ба гирифтани суди саҳмияҳо аз фаъолияти ҷамъият, ба гирифтани қисми молумулки ҷамъияти саҳомӣ, ки баъд аз барҳамдиҳии он боқӣ мондааст ва дар маҷлиси умумии саҳмдорон бо ҳуқуқи овоздиҳӣ иштирок намоянд, ҳуқуқ доранд. Ҳар як саҳмияи муқаррарӣ ҳаҷми якхелаи ҳуқуқро медиҳад. Саҳмияи овоздор–саҳмияе, ки дорандаи он шахсан ва ё ба воситаи намояндаи ваколатдори худ дар маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқи овоздиҳиро дорад.

Саҳмдорони дорои саҳмияҳои имтиёзнок нисбат ба соҳибони саҳмияҳои одӣ барои гирифтани суди саҳмияҳо дар ҳаҷми пешакӣ муайянгардидаи кафолатнок, ки эъломияи барориши муқаррар намудааст, инчунин, ба қисми молу мулк баъди барҳамдиҳии ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқи афзалиятнок доранд. Арзиши умумии номиналии саҳмияҳои имтиёзноки паҳнкардашуда набояд аз 25 фоизи сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ бештар бошад.

Табдили саҳмияҳои имтиёзнок ба вомбаргҳо иҷозат

дода намешавад. Табдили саҳмияҳои имтиёзнок ба саҳмияҳои одӣ ва саҳмияҳои имтиёзноки навъҳои дигар танҳо дар сурате, ки агар он тибқи оинномаи ҷамъияти саҳомӣ пешбинӣ шуда бошад, инчунин, ҳангоми азнавташкилшавии ҷамъияти саҳомӣ мумкин аст. Соҳибони саҳмияҳои имтиёзнок дар маҷлисҳои умумии саҳмдорон ҳангоми ҳалли масъалаҳои азнавташкилдиҳӣ ё барҳамдиҳии ҷамъияти саҳомӣ бо ҳуқуқи овоздиҳӣ иштирок мекунанд. Ҳамзамон, соҳибони саҳмияҳои имтиёзноки дар маҷлиси умумии саҳмдорон ҳангоми ҳалли масъалаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи ҷамъияти саҳомӣ, ки ҳуқуқҳои саҳмдорон- соҳибони саҳмияҳои имтиёзноки чунин намудро маҳдуд месозанд, дар ҳолатҳои муайян ё зиёд кардани ҳаҷми суди саҳмияҳо; ҳангоми муайян ё зиёд кардани арзиши барҳамдиҳӣ, ки тибқи саҳмияҳои имтиёзноки навбати аввал пардохта мешаванд ва ҳангоми ба саҳмдорон–соҳибони саҳмияҳои имтиёзноки намуди дигар фароҳам овардани имтиёз дар мавриди навбати пардохти суди саҳмияҳо ва (ё) арзиши барҳамдиҳии саҳмияҳо дорои ҳуқуқи овоздиҳӣ мегарданд.

Шакли махсуси саҳмияҳои имтиёзнок саҳмияи кумулиятивӣ мебошад. Саҳмияи кумулятивӣ (саҳмияи имтиёзноки ҷамъшаванда) - саҳмияе, ки суди саҳмияаш аз ҳисоби набудани фоидаи ҷамъияти саҳомӣ пардохта нашудааст ва дар солҳои минбаъда ҷуброн карда мешавад.

Саҳмияҳои ҷамъиятҳои саҳомӣ, инчунин, ба саҳмияи паҳнкардашуда (эълоншуда) ва бадастоварда ё аз нав харида ҷудо мешаванд. Саҳмияи паҳнкардашуда – саҳмияе, ки дар муомилоти бозори коғазҳои қимматнок мебошад. Миқдори ин саҳмияҳо ҳамчун фарқи миқдори умумии саҳмияҳо ва миқдори саҳмияҳое, ки дар тавозуни худи ҷамъияти саҳомӣ мебошанд, муайян карда мешавад. Тибқи оинномаи ҷамъияти саҳомӣ бояд миқдор, арзиши номиналии саҳмияҳои паҳнкардашуда муайян гардад. Саҳмияҳои бадастоварда ё аз нав харидаи ҷамъияти саҳомӣ, инчунин, саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ, ки ҳуқуқи моликияти онҳо ба

ҷамъияти саҳомӣ гузаштааст, то пардохтани арзиши онҳо паҳнкардашуда ба ҳисоб мераванд. Онҳо мумкин аст дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ нишон дода шавад ё нишон дода нашаванд.

Вобаста ба шакли барориш саҳмияҳо ба ҳуҷҷатӣ ва беҳуҷҷат ҷудо мешаванд. Саҳмияҳои ҳуҷҷатнок дар шакли ҳуҷҷатҳои хаттӣ ва беҳуҷҷатӣ ба воситаи ба ҳисоб гирифтани онҳо дар низоми феҳрист бароварда мешаванд.

Бояд қайд намоем, ки ҳангоме сухан дар бораи саҳмияҳои ҳуҷҷатӣ меравад, он ҳамчун қоида барориши саҳмияи ҳуҷҷатии алоҳидаро дар назар надошта, балки сертификати саҳмияро дар назар дорад. Дар назар дошта мешавад, ки ба ҳар як саҳмдор ҳуҷҷати ягона ба ҳамаи саҳмияҳои ба ӯ тааллуқдошта дода мешавад. Албатта, истифодаи сертификати саҳмия корро оид ба барориши саҳмия осон намуда, вале зарурияти ҳар маротиба аз нав ба расмият даровардани сертификати саҳмиро ҳангоми фурӯши қисми онҳо ба дорандаи сертификат талаб менамояд.

Ҳуқуқи саҳмдор вобаста ба намуди саҳмияе, ки ба ӯ тааллуқ дорад, муайян карда мешавад. Дар ин сурат саҳмдорони дорандаи саҳмияи номӣ дар феҳристи саҳмдорон ба ҳисоб гирифта мешаванд. Феҳристи саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ аз ҷониби дорандаи феҳрист пеш бурда мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ мақоми ваколатдори танзими бозори коғазҳои қимматнок метавонад феҳристи саҳмдорони ҷамъияти  саҳомиеро, ки дар он ҳиссаи давлат мавҷуд мебошад ва тибқи фаъолияти худ иншоотҳои муҳим ба ҳисоб мераванд, пеш барад. Дар феҳристи саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ маълумот дар бораи ҳар шахси ба қайд гирифташуда, миқдор ва намуди (навъи) саҳмияҳо, ки ба номи ҳар шахси ба қайд гирифташуда сабт карда мешаванд. Ҷамъияти саҳомии пӯшида ҳуқуқ дорад худаш пешбурд ва нигаҳдории феҳристи саҳмдоронро таъмин намояд ё пешбурд ва нигаҳдории феҳристро ба дорандаи феҳрист супорад.

Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад дар бораи коғазҳои

қимматнок вомбаргҳо паҳн кунад. Вомбаргҳо аз ҷониби ҷамъияти саҳомӣ бо қарори Шурои директорони (Шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ паҳн карда мешавад. Вомбаргҳо бояд дорои арзиши номиналӣ бошанд. Арзиши номиналии ҳамаи вомбаргҳои баровардаи ҷамъияти саҳомӣ набояд аз ҳаҷми сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ ё ҳадди ба ҷамъияти саҳомӣ барои мақсадҳои бароришии вомбаргҳо фароҳамовардаи шахсони сеюм бештар бошад. Паҳн кардани вомбаргҳо аз ҷониби ҷамъияти саҳомӣ баъди пурра пардохтани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ иҷозат дода мешавад. Вомбаргҳо бо қарори барориши онҳо ба пул фурӯхта ё ба дигар молумулк иваз карда мешаванд. Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад вомбаргҳои бо гарави молумулки муайяни ҷамъияти саҳомӣ таъмингардида ё вомбаргҳои таҳти таъминотро, ки шахсони сеюм ба ҷамъияти саҳомӣ барои мақсадҳои барориши вомбаргҳо фароҳам овардаанд ё вомбаргҳои бетаъминотро паҳн кунад.

Вомбаргҳо коғазҳои қимматноки номӣ (унвонӣ) ва манзурӣ мебошанд. Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад имконияти пеш аз муҳлат пардохтани арзиши вомбаргҳоро бо хоҳиши соҳибони онҳо пешбинӣ намояд. Зимнан, дар қарори барориши вомбаргҳо бояд арзиши пардохт ва муҳлате, ки пештар аз он барои пардохти пеш аз муҳлат пешниҳод карда намешавад, муайян гардад. Агар миқдори саҳмияҳои намуд ва навъҳои муайяни эълоннамудаи ҷамъияти саҳомӣ нисбат ба миқдори чунин намуд ва навъе, ки ҳуқуқи ба даст овардани онҳоро чунин коғазҳои қимматнок фароҳам меоваранд, камтар бошад, ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ надорад вомбаргҳои ба саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ табдилшавандаро паҳн кунад.

Ҳуқуқи саҳмдорон мумкин аст ба молумулкӣ ва ғайримолумулкӣ ҷудо карда шаванд. Ҳуқуқи молумулкии асосии саҳмдор, ҳуқуқ барои гирифтани суди саҳмия мебошад. Суди саҳмия– қисми даромади софи ҷамъияти саҳомӣ, ки байни саҳмдорон мутаносибан ба миқдори саҳмия тақсим карда мешавад. Ҷамъияти саҳомӣ вазифадор

аст соле на кам як маротиба (метавонад ҳар семоҳа ё нимсола) оид ба пардохти суди саҳмияҳо аз рӯи саҳмияҳои паҳнкардашуда қарор қабул кунад. Суди саҳмияи эълонгардида аз рӯи ҳар намуди саҳмия пардохта мешавад. Суди саҳмияҳо аз фоидаи софи ҷамъияти саҳомӣ бо пули миллӣ пардохта мешавад. Суди саҳмияҳои имтиёзноки навъҳои муайян метавонад аз ҳисоби сармояи махсуси барои ҳамин мақсад таъингардидаи ҷамъияти саҳомӣ пардохта шавад. Дар баъзе ҳолатҳо ба пардохти суди саҳмия иҷозат дода намешавад.Тибқи талаботи моддаи 37 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ” Ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ надорад то пурра пардохтани тамоми сармояи оинномавии ҷамъият; то харида гирифтани ҳамаи саҳмияҳое, ки бояд харидорӣ шаванд; ҳангоми дар ҳолати муфлисшавӣ қарор доштан ва агар дар рӯзи қабули чунин қарор арзиши дороии софи ҷамъияти саҳомӣ аз сармояи оинномавӣ ва фонди захиравии он камтар бошад ё ҳаҷми онҳо дар натиҷаи қабули чунин қарор камтар гардад оид ба пардохти суди саҳмияҳо қарор қабул кунад.

Ҳамзамон, суди саҳмияҳои паҳншуда (эълоншуда) набояд дар ҳолатҳои зерин пардохт карда шавад:

- агар дар рӯзи қабули чунин қарор ҷамъияти саҳомӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муфлисшавӣ дорои аломатҳои муфлисӣ бошад ё агар дар натиҷаи пардохти суди саҳмияҳо аломатҳои зикршуда дар ҷамъияти саҳомӣ ба мушоҳида расанд;
- агар дар рӯзи пардохт арзиши дороии софи ҷамъияти саҳомӣ аз сармояи оинномавӣ, сармояи эҳтиётӣ камтар бошад ва арзиши барҳамдиҳии саҳмияҳои имтиёзноки фурӯхташуда аз арзиши номиналии муайяннамудаи оинномаи ҷамъияти саҳомӣ баландтар бошад ё дар натиҷаи пардохти суди саҳмияҳо аз маблағи мазкур камтар гардад (моддаи 39 Қонуни мазкур).

Ба ҳуқуқҳои молумулкии саҳмдор ҳуқуқи гирифтани қисми молумулки ҷамъият ҳангоми барҳамдиҳии он; ҳуқуқи афзалиятноки харид ва фурӯши саҳмияи ҷамъият ҳангоми

кам ё зиёд шудани сармояи оинномавӣ; ҳуқуқи афзалиятноки хариди саҳмияе, ки ба саҳмдорон дар ҷамъияти пушида тааллуқ дорад ва ҳуқуқи талаб кардани хариди саҳмияи тааллуқ дошта ба саҳмдоре, ки зид овоз додааст ё дар овоздиҳӣ оид ба масъалаҳои азнавташкилкунии ҷамъият, бастани аҳдҳои калон ё тағйири оиннома бо сабаби маҳдуд гаштани ҳуқуқаш иштирок накардааст, дохил мешаванд:

Ҳуқуқи ғайримолумулкии саҳмдорон асосан ба иштироки онҳо дар идоракунии ҷамъият тааллуқ дорад. Ба ҳуқуқҳои ғайримолумулкии саҳмдорон ҳуқуқи иштирок дар маҷлиси умумии саҳмдорон; ҳуқуқи овоз ҳангоми ҳалли масъалаҳо дар маҷлиси умумӣ; ҳуқуқи талаби даъвати маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорон; ҳуқуқи пешниҳоди таклиф ба рӯзномаи маҷлиси умумӣ ва пешбарӣ намудани номзади барои интихоб ба шурои директорон ва комиссияи тафтишотӣ; ҳуқуқи ба воситаи суд шикоят кардан аз болои қарори маҷлиси умумии саҳмдорон ва дигар ҳуқуқҳо дохил мешаванд:

Тибқи моддаи 27 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ, ки ҳангоми таъсиси он тақсим шудаанд, бояд дар давоми як сол аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии ҷамъияти саҳомӣ пурра пардохта шаванд. Дар сурати пардохти нопурраи саҳмияҳо дар давоми мӯҳлати мазкур ҳуқуқи моликияти ба саҳмия, ки нархи паҳн кардани он ба маблағи пардохтнашуда баробар аст, ба ихтиёри ҷамъияти саҳомӣ мегузарад. Саҳмияҳое ки ҳуқуқи моликияти онҳо ба ҷамъияти саҳомӣ гузаштаасту ҳуқуқи овоз надоранд, ҳангоми овоздиҳӣ ба ҳисоб гирифта намешаванд ва вобаста ба онҳо суди саҳмияҳо ҳисоб карда намешавад. Чунин саҳмияҳоро бояд ҷамъияти саҳомӣ бо нархи на пасттар аз арзиши номиналӣ дар мӯҳлати на дертар аз як соли ба даст оварданаш фурӯшад. Саҳмияҳои иловагӣ ва вомбаргҳои ҷамъияти саҳомӣ бо роҳи обуна, бо шарти пардохти арзиши пурраи онҳо паҳн карда мешаванд. Арзиши саҳмияҳое, ки ҳангоми таъсиси ҷамъияти саҳомӣ байни муассисони ҷамъияти саҳомӣ тақсим мегарданд,

саҳмияҳои иловагие, ки тавассути обуна паҳн карда мешаванд, метавонанд бо пул, коғазҳои қимматнок, дигар молумулк ё ҳуқуқҳои молумулкӣ ё дигар ҳуқуқҳои дорои арзиши пулӣ пардохта шаванд. Ҳангоми бо пул напардохтани арзиши саҳмияҳои иловагӣ арзиши молумулки барои пардохти қимати саҳмияҳо гузаронидашаванда аз ҷониби шурои директорон (шурои нозирон) бо пул ҳисоб карда мешавад. Ҳангоми бо пул напардохтани арзиши саҳмияҳо ҷиҳати муайянсозии арзиши бозории чунин молумулк бояд нархгузори мустақил ё аудитор ҷалб карда шавад. Арзиши пулии молу мулк, ки муассисони ҷамъияти саҳомӣ ва Шурои директорони (Шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ муайян сохтаанд, наметавонад аз арзиши муайянкардаи нархгузори мустақил ё аудитор бештар бошад.

Шартномаро аз номи ҷамъият мақомоти иҷроияи он мебандад. Тартиби махсус барои бастани аҳдҳои калон муайян карда шудааст. Аҳди калон (аз ҷумла қарз, кредит, гарав, кафолат) як ё якчанд аҳде ба ҳисоб меравад, ки ба харид, бегона ё эҳтимоли аз ҷониби ҷамъияти саҳомӣ арзиши онҳо 30 фоиз ё бештари арзиши тавозунии дороии ҷамъияти саҳомиро ташкил медиҳад ва мутобиқи маълумоти муҳосибавии он дар санаи охирини ҳисоботӣ муайян гардидааст. Аҳдҳое, ки дар ҷараёни фаъолияти маъмулии хоҷагидории ҷамъияти саҳомӣ, аҳди вобаста ба обунаи (фурӯши) саҳмияҳои одии ҷамъияти саҳомӣ ва аҳд вобаста ба паҳн кардани вомбаргҳое, ки ба саҳмияҳои оддии ҷамъияти саҳомӣ табдил карда мешаванд, аҳди калон эътироф карда намешаванд ( м. 80). Аҳди калон бояд аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон маъқул дониста шавад. Қарор дар мавриди маъқул донистани аҳди калон, ки мавзӯи он молу мулки дорои арзиши аз 30 то 50 фоизи арзиши тавозунии дороии ҷамъияти саҳомӣ мебошад, аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти аз се ду ҳиссаи овози саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои овоздори дар маҷлиси умумии саҳмдорон иштирокдошта қабул карда мешавад.

Қарор дар бораи маъқул донистани аҳди калон, ки мавзӯи он молумулки дорои арзиши беш аз 50 фоизи арзиши тавозунии дороии ҷамъияти саҳомӣ мебошад, аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти аз чор се ҳиссаи овози саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои овоздори дар маҷлиси умумии саҳмдорон иштирокдошта қабул карда мешавад.

Аҳди калон, ки бо вайрон кардани талаботи мазкур анҷом дода мешавад, метавонад бо даъвои ҷамъияти саҳомӣ ё саҳмдори дорои на камтар аз 1 фоизи саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомӣ аз ҷониби суд беэътибор দониста шавад (м. 81).

Қонуни мазкур тартиби бастани аҳдҳоео, ки нисбат ба онҳо манфиат аст, махсус б танзим медарорад. Аҳде, ки (аз ҷумла қарз, кредит, гарав, кафолат) дар анҷом додани он узви шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ, шахсони иҷрокунандаи вазифаҳои мақоми иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ, аз ҷумла ташкилоти идоракунанда ё сардор, узви мақоми дастаҷамъии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ ё саҳмдори ҷамъияти саҳомӣ, ки якҷоя бо шахсони бонуфузаш 20 фоиз ё бештари саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомиро дорад, инчунин, шахси дорои ҳуқуқи ба ҷамъияти саҳомӣ додани супоришҳои барояш ҳатмӣ манфиатдор мебошанд, аз ҷониби ҷамъияти саҳомӣ анҷом дода мешавад, аҳди манфиатдор эътироф карда мешавад. Шахсони зикргардида ба анҷом додани аҳд аз ҷониби ҷамъияти саҳомӣ ҳангоме манфиатдор эътироф мегарданд, ки агар худашон, ҳамсаронашон, падару модар, фарзандон, бародарон, хоҳарон, фарзандхондагон, фарзандхондашудагон ва (ё) шахсони бонуфузи онҳо:

а) дар аҳд тараф, манфиатбаранда, миёнарав ё намоянда бошанд;

б) дорои (ҳар кадом дар алоҳидагӣ ё дар маҷмӯъ) 20 % ё бештари саҳмияҳои шахси ҳуқуқӣ (ҳисса, пай) бошад, ки дар аҳд тараф, манфиатбаранда, миёнарав ё намоянда аст;

в) дар мақомоти идораи шахси ҳуқуқие, ки дар аҳд тараф, манфиатбаранда, миёнарав ё намоянда аст, мансаб

ишғол кунанд, инчунин, дар мақомоти идораи ташкилоти идоракунандаи чунин шахси ҳуқуқӣ мансаб ишғол намоянд.

Талабот оид ба аҳдҳои манфиатдор нисбат ба ҷамъиятҳои саҳомие, ки аз як саҳмдор иборатанд ва ҳамзамон ӯ вазифаҳои мақомоти иҷроияро анҷом медиҳад; нисбат ба аҳде, ки дар анҷом додани он ҳамаи саҳмдорони ҷамъияти саҳомӣ манфиатдоранд; ҳангоми татбиқи ҳуқуқи афзалиятноки ба даст овардани саҳмияҳои ба фурӯшбаровардаи ҷамъияти саҳомӣ; ҳангоми ба даст овардан ё аз нав харидани саҳмияҳои паҳнкардаи ҷамъияти саҳомӣ;

- ҳангоми азнавташкилшавии ҷамъияти саҳомӣ дар шакли муттаҳидшавии (ҳамроҳшавии) ҷамъияти саҳомӣ, агар ба ҷамъияти саҳомии дигари дар муттаҳидшавӣ (ҳамроҳшавӣ) иштирокдошта беш аз чор се ҳиссаи ҳамаи саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомии азнавташкилшаванда марбут бошад, татбиқ намегардад (м. 83).

Аҳде, ки дар анҷомдиҳии он манфиатдорӣ ҳаст, бояд то анҷом додани он аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон мутобиқи ҳамин модда маъқул дониста шавад. Дар ҷамъияти саҳомии дорои 500 нафар ва ё камтар саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои овоздор қарори маъқул донистани аҳд, ки дар анҷом додани он манфиатдорӣ ҳаст, аз ҷониби шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ бо аксарияти овози директороне, ки ба анҷом додани он манфиатдор намебошанд, қабул карда мешавад. Дар ҷамъияти саҳомии дорои бештар аз 500 нафар саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои овоздор қарори маъқул донистани аҳд, ки дар анҷом додани он манфиатдорӣ ҳаст, аз ҷониби шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ бо аксарияти овози директорони мустақил, ки ба анҷом додани он манфиатдор намебошанд, қабул карда мешавад. Агар ҳамаи аъзои шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ шахсони манфиатдор эътироф гарданд ва директорони мустақил набошанд, аҳд метавонад бо қарори маҷлиси умумии саҳмдорон, ки тибқи тартиби пешбининамудаи қисми 4 моддаи мазкур қабул гардидааст,

маъқул дониста шавад.

Қарори маъқул донистани аҳд, ки дар анҷом додани он манфиатдорӣ мавҷуд аст, аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти овози ҳамаи саҳмдорон – соҳибони саҳмияҳои овоздиҳанда, ки манфиатдор нестанд, дар ҳолатҳои зайл қабул карда мешавад:

- агар мавзӯи аҳд ё якчанд аҳди ба ҳам алоқаманд молу мулке бошад, ки арзиши он мутобиқи маълумоти баҳисобгирии муҳосибавии ҷамъияти саҳомӣ (нархи пешниҳодшудаи молу мулки харидашаванда) 2 % ё бештари арзиши тавозуни дороии ҷамъияти саҳомиро тибқи ҳисоботи муҳосибавии он дар рӯзи ҳисоботдиҳии охирин ташкил диҳад;

- агар як ё якчанд аҳди ба ҳам алоқаманд аз паҳн кардани саҳмияҳо тавассути обуна ё паҳн кардани саҳмияҳо ва вомбаргҳо иборат бошад, ки беш аз 10 фоизи саҳмияҳои одии қаблан паҳнкардаи ҷамъияти саҳомӣ ва саҳмияҳои одиро ташкил диҳад ва ба онҳо вомбаргҳои қаблан паҳнкардашудаи ба саҳмияҳо табдилшаванда метавонанд табдил карда шаванд ( м.85). Аҳде, ки ба анҷом додани он манфиатдорӣ мавҷуд аст ва бо вайрон кардани талабот ба аҳди калон пешбининамуда анҷом дода шудааст ё ин аҳд ба ҷамъияти саҳомӣ ва саҳмдорони он зиён расонидааст, метавонад тибқи даъвои ҷамъияти саҳомӣ ё саҳмдори дорои на камтар аз 1 фоизи саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомӣ аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад (м. 86).

Ҷамъияти саҳомӣ аз рӯи уҳдадориҳои худ бо тамоми молумулки марбутааш ҷавобгар мебошад. Ҷамъияти саҳомӣ аз рӯи уҳдадориҳои саҳмдорони худ ҷавобгар намебошад. Саҳмдороне, ки арзиши саҳмияҳоро пурра напардохтаанд, дар доираи уҳдадориҳои ҷамъияти саҳомӣ оид ба арзиши пардохтнашудаи саҳмияҳояшон дорои масъулияти муштарак мебошанд. Агар муфлисии ҷамъияти саҳомӣ натиҷаи амал ё беамалии саҳмдорони он ё дигар шахси бонуфузи он бошад, ҳангоми нокифоягии молумулки ҷамъияти саҳомӣ масъулияти иловагӣ ба зиммаи ҳамин саҳмдори бонуфуз ё

дигар шахсон аз рӯи уҳдадориҳои он мумкин аст гузошта шавад (м. 9).

### §4.Идоракунии ҷамъиятҳои корпоративии хоҷагӣ

Доир ба моҳияти идоракунии корпоративӣ дар адабиёти ҳуқуқӣ муносибати якхела намебошад. В. В. Долинская идоракунии корпоративиро ҳамчун ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ батанзимдарории низоми муносибатҳои ташкилӣ ва молумулкие мефаҳмад, ки ба ёрии онҳо ташкилоти корпоративӣ манфиати сармоягузорон, дар навбати аввал саҳмгузоронро амалӣ, муаррифӣ ва ҳифз менамояд[79]. Т.В. Кашанина чунин ҳисоб менамояд, ки бо сабабе, ки ҷамъияти хоҷагӣ корпоратсия мебошад, аз ин ҷо идоракунии корпоративӣ фаъолияти мақомоти ҷамъияти саҳомӣ мебошад[80].

Дигарон идоракниро дар аҳамияти функсионалӣ ҳамчун шакли амалинамоии муносибатҳои моликияти корпоративӣ баррасӣ менамоянд[81]. Андешаҳои мавҷударо оид ба «идоракунии корпоративӣ» ҷамъбаст намуда, Е. П. Губин қайд менамояд, ки идоракунии корпоративӣ дар маънои маҳдуд ҳамчун идоракнии саҳмия (ҳиссаи иштирок), яъне сармоя аз идоракунии истеҳсолот, ташкили истеҳсолот ва аз фаъолияти бевоситаи истеҳсолӣ (технологияи истеҳсолот) фарқ намуд. Идоракунии фаъолияти истеҳсолию хоҷагии корпоратсия, аз ҷумла сармоявӣ, технологӣ, кадрӣ, фӯруш номи «менеҷмент»-ро гирифт. Аҳмияти идоракунии фаъолияти истеҳсолию хоҷагиро набояд аз маддӣ назар дур намуд, зеро аз самаранокии ин фаъолият муваффақияти

---

[79] Ниг.:Долинская В.В. Акционерное право: основные положения и тенденции. -М., 2006. -С. 420 -421.

[80] Ниг.: Кашанина Т.В. Корпоративное право: право хозяйственных товариществ и обществ: Учебник. -М., 1999. -С. 82.

[81] Ниг.: Пахомова Н.Н. Основы теории корпоративных отношений (правовой аспект).-Екатеринбург, 2004. -С. 68; Ткаченко И.Н. Корпоративное управление: Учеб. пособие. -Екатеринбург, 2001. -С. 9.

ширкати тиҷоратӣ ва фоида гирифтани он вобастагӣ дорад[82]. Ба ҳайси субъектҳои идоракунии корпоративӣ мақомоти идоракунӣ ва шахсони мансабдори корпоратсия баромад менамоянд, ки вобаста ба салоҳияти ба зиммаи онҳо гузошташуда тарафи муносибатҳои идоракунӣ буда, таъсири мақсаднокро ба объекти идоракунии корпоративӣ анҷом медиҳанд. Бояд қайд намоем, ки «субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ» ва «субъектҳои идоракунии корпоративӣ» аз рӯи ҳаҷмашон мафҳумҳои гуногун мебошанд. Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии корпаративӣ ин субъектҳои ҳуқуқ буда, ба онҳо шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии дорои қобилияти ҳуқуқдорӣ (худи корпоратсия, муассисони онҳо, саҳомон (иштирокчиён), шахсони воқеӣ, аъзои мақомоти идоракунӣ) дохил мешаванд. Субъектҳои идоракунии корпоративӣ ин қисмҳои дар идоракуни иштироккунанда, инчунин, шахсоне шуда метавонанд, ки субъекти ҳуқуқ намебошанд.Масалан, мақомоти идоракунии ташкилот, субъекти идоракунии корпоративӣ буда, вале субъекти муносибатҳои ҳуқуқии корпоративӣ намебошад.Принсипи муҳимтарини идоракунии корпоративӣ дар он ифода меёбд, ки идоракунӣ дар корпоратсия ба воситаи мақомоти он амлӣ карда мешавад, на ба воситаи иштирокчиёни он.Мавҷудияти низоми мақомоти идоракунии дорои ваколати дахлдорбуда, ба ҳайси аломати асосии характернок, ягонагии ташкилии барои шахси ҳуқуқӣ, аз он ҷумла корпоратсия мебошад. Тибқи қоидаи умумӣ шахси ҳуқуқӣ ба воситаи мақомоташ, ки дар асоси қонунҳои амалкунанда ва ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ҳуқуқи маданӣ ба даст овардааст, иҷрои уҳдадориҳои маданиро ба зимма мегирад. (м.54 КМ ҶТ)[83].

---

[82]. Ниг.: Корпоративное право. Учебный курс. Второе издание, переработанное и дополненное /Отв. ред. - доктор юридических наук И.С. ШИТКИНА. - М., -С.263.

[83] Эзоҳ.: Аз қоидаи мазкур ду истиснои вуҷуд дорад: Авалло, иҷрои вазифаи маҷлиси умумӣ дар ширкати як шахс аз тарафи иштирокчиёнаш; сониян, аз тарафи мудири ташкилот иҷрои намудани вазифаи роҳбарии мақомоти иҷроияи.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ дер боз оид ба табиати ҳуқуқии мақомоти идоракнии корпоратсия андешаҳо гуногун мавҷуд мебошад. Маъмултаринаш ду нуқтаи назар мебошад: Тибқи нуқтаи назари якӯм шахси ҳуқуқӣ ҳамчун намояндаи он баррасӣ карда мешавад, ки аз номи ҷамъият дар асоси қонун ва оинннома амал намуда, барои ҳамин ба ваколатнома ниёз надорад[84]. Тибқи ақидаи дӯюм мақомоти шахси ҳуқуқӣ, субъекти мустақили ҳуқуқ ба ҳисоб нарафта, қисми барасмият даровардашудаи он мебошад. Аз ин ҷо мақомоти шахси ҳуқуқӣ механизми махсусӣ амалӣ намудани соҳибҳуқуқии шахси ҳуқуқӣ мебошад[85]. Нуқтаи назари охиронро аксарияти олимони ҳозиразамон дастгирӣ менамоянд. Зеро, мақомоти шахси ҳуқуқӣ воситаи ҳуқуқие мебошад, ки ба воситаи он шахси ҳуқуқӣ иштирокчии муомилоти маданӣ гардида, ҳуқуқҳои субъективиро ба даст меорад ва уҳдадории ҳуқуқиро ба зимма мегирад. Аз рӯи табиати ҳуқуқии худ мақомоти шахси ҳуқуқӣ қисми мустақили таркиби шахси ҳуқуқи буда, бо мақсади ифодаи иродаи шахси ҳуқуқӣ дар берун ва муаррифи кардани манфиатҳои он дар муносибатҳои ҳуқуқи бо шахсони дигар таъсис дода мешавад. Дар баробари ҳамин, мақомоти шахси ҳуқуқӣ иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳисобида намешавад, зеро тибқи қонунгузории амалкунандаи маданӣ субъекти мустақили ҳуқуқ намебошад. Далели он ки мақомоти шахси ҳуқуқӣ субъекти мустақили ҳуқуқ намебошад, инчунин, имконият намедиҳад, ки дар бораи дар байни шахси ҳуқуқӣ ва мақомоти он оид ба мавҷуд будани намояндагӣ сухан ронем. Тибқи қонунгузории мадании

[84]Ниг.:Степанов Д. Еще разо природе полномочий испольнительного органа и управляющего хозяйсственным обществом //Вестник ВАС РФ. 2006, №8. –С.43; №9.С.20-29; Рожкова М. А. Средства и способы правовой защиты сторон коммерческого спора. -М., 2006.-С.345.

[85] Ниг.: Ломакин Д.В. Корпоративные правоотношения. С. 281; Могилевский С.Д. Общество с ограниченной ответственностью: законодательство и практика его применения. М., 2010. С. 116 - 226; Филиппова С.Ю. Корпоративный конфликт: возможности правового воздействия. М., 2009. С. С. 38 – 47.

Ҷумҳурии Тоҷикистон намоянда ин ҳамеша шахс мебошад. Шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқ мебошад. (қ.1 м. 201 КМ ҶТ).Мақомоти шахси ҳуқуқӣ танҳо қисми алоҳидаи он буда, ваколати худро дар доираи муқаррарнамудаи қонун ва ҳуҷҷатҳои таъсисӣ ташкил намуда, иродаи шахси ҳуқуқиро дар берун, ифода карда, ба ҳамин восита қобилияти ҳуқуқдории онро амалӣ менамояд. Амалӣ мақомоти шахси ҳуқуқӣ ҳамчун амалӣ шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад.

Мақомоти шахси ҳуқуқӣ дорои аломатҳои зерин мебошад:

1)мақомоти шахси ҳуқуқӣ қисми барасмият даровардашудаи ташкилии шахси ҳуқуқӣ буда, аз ҷониби як ё якчанд шахси воқеӣ маруфӣ карда мешавад;

2)мақомоти шахси ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ва шартномаи таъсиснамоӣ ташкил карда мешавад;

3)мақомоти шахси ҳуқуӣ дорои салоҳияти муайян буда, амалӣ намудани он дар доираи ваколати худи он анҷом дода мешавад;

4).бавуҷудоӣ ва ифодаёбии иродаи шахси ҳуқуқӣ ба воситаи қабули санади махсуси мақомоти шахси ҳуқуқӣ, ки намудҳои он аз тарафи қонунгузорӣ муайян карда шудааст ба расмият дароварда мешавад[86]. Мақомоти шахси ҳуқуқӣ аз шахсони ҳуқуқӣ иборат буда, вале ба он як чиз нестанд. Ҳамзамон, тағйири ҳайати шахсии мақомоти идоракунӣ боиси бекор кардани қарори қабулкардаи пешина намегардад. Масалан, мақомоти нав ташкилдодашудаи мақомоти иҷроияи инфиродӣ ҳамаи аҳдҳои содиркардаи мақомоти аз он пеш қабулкардашударо ба зиммаи худ мегирад.

Аз рӯи ҳайаташон мақомоти идоракунии ҷамъияти хоҷаги (ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва ҷамъияти саҳоми)-ро ба инфиродӣ ва дастаҷамъӣ ҷудо менамоянд.

---

[86] Ниг.:Могилевский С.Д., Самойлов И.А. Корпорации в России. М., 2006. С. 55.

Барои мақомоти дастаҷамъӣ аломатҳои зерин хос мебошад:

1)вай бояд на камтар аз ду нафар бошад;

2)қарор дар бораи масъалаҳои муҳокимашаванда бояд аз тарафи аъзои мақомоти дастаҷамъӣ якҷоя қабул карда шавад ва ҳангоми андешаҳои гуногун мавҷуд будан бо аксарият овозҳои оддӣ. Ба мақомоти дастаҷамъии ҷамъияти хоҷагӣ комиссияи тафтишотӣ, мақомоти иҷроияи дастаҷамъӣ, шурои директорон, маҷлиси умумии иштирокчиён (саҳмдорон) дохил мешавад.

Ба мақомоти инфиродии шахси воқеии мушаххас дохил мешавад, ки дар доираи салоҳияти худ оид ба ин ё он масъала қарор қабул менамояд. Ба ҳайси мақомоти иҷроияи инфиродии ҷамъияти хоҷагӣ (директор, директори генералӣ) ва ревизор баромад менамоянд. Дар байни мақомоти иҷроияи ҷамъиятӣ хоҷагӣ ва шахсоне, ки функсияи мақомоти иҷроияи инфиродиро иҷро менамоянд муносибатҳои меҳнати бавуҷуд меояд. Дар байни мақомоти иҷроияи ҷамъиятӣ хоҷагӣ ва шахсоне, ки функсияи мақомоти иҷроияи инфиродиро иҷро менамоянд муносибатҳои меҳнати бавуҷуд меояд.

Дар идоракунии ҷамъиятҳои саҳомӣ ва ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд алоқамандии зиёде мавҷуд мебошад. Аз ин ҷо нисбат мақомоти идоракунии онҳо бо таври мушаххас ибрози ақида менамоем. Мақомоти олии роҳбарикунандаи ҷамъият маҷлиси умумии аъзои он мебошад. Маҷлиси умумии иштирокчиёни ҷамъият масъалаҳои зеринро ҳал мекунад: тағйир додани оинномa ва ҳаҷми сармояи оинномавӣ; таъсиси мақомоти иҷроияи ҷамъият ва қатъи пеш аз мухлати фаъолияти он; тасдиқи ҳисоботи солона ва тавозуни муҳосибавии ҷамъият бо тақсимоти фоидаю зиёни он; азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии ҷамъият, интихоби комиссияи тафтишотии ҷамъият ва ғ. (м.37 Қонуни мазкур).

Мақомоти иҷроияи ҷамъият метавонад инфиродӣ ва дастаҷамъӣ бошад. Он ба фаъолияти ҷории ҷамъият роҳбарӣ намуда, ба маҷлиси умумӣ гузориш медиҳад.

Фаъолияти молиявию хоҷагии ҷамъият ба зиммаи комиссияи тафтишотӣ аст. Дар баробари ин ҷамъият барои

тафтиши ҳисоботи молиявӣ аудитори мустақили касбиро метавонад ҷалб намояд. Санҷиши аудитории ҳисоботи солонаи молиявии ҷамъият ҳамчунин бо талаби ҳар як иштирокчии ҷамъият доир шуда метавонад.

Ҷамъияти саҳомӣ ба воситаи маҷлиси умумии саҳмдорон, шӯрои директорон (шурои нозирон), директор (директори генералӣ рёсат, маъмурият) ва комиссияи тафтишотӣ идора карда мешавад ( м. 43).

Мақоми олии идоракунии ҷамъияти саҳомӣ маҷлиси умумии саҳмдорони он мебошад. Вай масъалаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи ҷамъияти саҳомӣ; азнавташкилдиҳии ихтиёрии ҷамъияти саҳомӣ; барҳамдиҳии ҷамъияти саҳомӣ, таъини комиссияи барҳамдиҳӣ ва тасдиқи тавозуни фосилавӣ ва ниҳоии барҳамдиҳӣ; муайян намудани миқдор, арзиши номиналӣ, намуди (навъи) саҳмияҳои эълоншуда ва вомбаргҳо ва ҳамчунин ҳуқуқҳое, ки ба ин саҳмияҳо ва вомбаргҳо дода шудааст; зиёд кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ бо роҳи зиёд кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ё бо роҳи паҳн кардани саҳмияҳои иловагӣ; кам кардани сармояи оинномавии ҷамъият бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо; тасдиқи ҳисоботи солона, ҳисоботи муҳосибавӣ, инчунин тақсими фоида, аз ҷумла пардохти (эълони) суди саҳмияҳо ва товони зарари ҷамъияти саҳомӣ аз рӯи натиҷаҳои соли молиявӣ; қабули қарор дар бораи иштироки ҷамъияти саҳомӣ дар таъсис ё фаъолияти дигар шахсони ҳуқуқӣ бо роҳи супурдани як ё якчанд қисми доройӣ ба маблағе, ки дар маҷмӯъ 25 фоиз ё бештари ҳамаи дороии ҷамъияти саҳомиро ташкил медиҳад; пардохти суди (дивиденди) саҳмия ва дигар масъалаҳоро дар доираи салоҳияташ (м. 45 Қонуни мазкур) баррасӣ менамояд. Маҷлиси умумӣ солона ва ғайринавбатӣ мешавад. Ҷамъияти саҳомӣ вазифадор аст ҳар сол маҷлиси умумии саҳмдоронро доир намояд. Маҷлиси умумии солонаи саҳмдорон дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи оинномаи ҷамъияти саҳомӣ, вале на барвақттар аз 2 моҳ ва на дертар аз 6 моҳи баъди соли молиявӣ гузаронида мешавад. Маҷлисҳои умумии

саҳмдорон ба ғайр аз Маҷлиси солона ғайринавбатӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ҷамъияти саҳомӣ, ки ҳамаи саҳмияҳои овоздор ба як саҳмдор тааллуқ доранд, қарорҳо оид ба масъалаҳои марбути салоҳияти маҷлиси умумии саҳмдорон аз ҷониби ҳамин саҳмдор шахсан қабул гардида, хаттӣ ба расмият дароварда мешавад. Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорон бо қарори шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ бо ташаббуси худи шуро, бо талаби комиссияи тафтишотии ҷамъияти саҳомӣ, аудитори ҷамъияти саҳомӣ, инчунин, бо талаби саҳмдорон (саҳмдор), ки соҳиби на камтар аз 10 % саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомӣ дар санаи пешниҳоди талабот мебошанд, доир мегардад. Маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорон, ки бо талаби комиссияи тафтишотии ҷамъияти саҳомӣ, аудитори ҷамъият ё саҳмдорони (саҳмдори) дорои на камтар аз 10 фоизи саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомӣ даъват мегардад, бояд дар давоми 30 рӯз аз лаҳзаи пешниҳоди талабот оид ба доир намудани маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорон гузаронида шавад.

Дар маҷлиси умумии саҳмдорон соҳибони саҳмияҳои одии ҷамъияти саҳомӣ ва соҳибони саҳмияҳои имтиёзноки ҷамъияти саҳомӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун. ҳуқуқи овоз доданро ба масъалаҳои воҷиби овоздиҳӣ доранд.

Қарори маҷлиси умумии саҳмдорон оид ба масъалаҳои воҷиби овоздиҳӣ бо аксарияти овози саҳмдорон–соҳибони саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомӣ, ки дар маҷлис иштирок намудаанд, қабул карда мешавад. Оид ба баъзе масъалаҳо қарор аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон бо аксарияти аз чор се ҳиссаи овози саҳмдорон– соҳибони саҳмияҳои овоздор, ки дар маҷлиси умумии саҳмдорон иштирок намудаанд, қабул карда мешавад. Аз ҷумла, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба оинномаи ҷамъияти саҳомӣ; азнавташкилдиҳии ихтиёрии ҷамъияти саҳомӣ; барҳамдиҳии ҷамъияти саҳомӣ, таъини комиссияи барҳамдиҳӣ ва тасдиқи тавозуни фосилавӣ ва ниҳоии барҳамдиҳӣ; зиёд кардани сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ бо роҳи зиёд кардани

арзиши номиналии саҳмияҳо ё бо роҳи паҳн кардани саҳмияҳои иловагӣ; кам кардани сармояи оинномавии ҷамъият бо роҳи кам кардани арзиши номиналии саҳмияҳо ва ғ. Қароре, ки маҷлиси умумии саҳмдорон бе иштироки соҳиби «саҳмияи тиллоӣ» қабул менамояд, эътибор надорад. Саҳмдор ҳуқуқи дар маҷлиси умумии саҳмдорон ҳам шахсан ва ҳам тавассути намояндаи худ иштирок карданро дорад. Намояндаи саҳмдор дар маҷлиси умумии саҳмдорон мутобиқи салоҳиятҳои ба муқаррароти қонунҳо асосёфта ё ваколатнома амал мекунад. Агар саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ таҳти моликияти умумии саҳмии якчанд шахс қарор дошта бошад, пас ҳуқуқи овоздиҳӣ дар маҷлиси умумии саҳмдорон тибқи салоҳияти онҳо аз ҷониби яке аз иштирокчиёни моликияти умумии саҳмӣ ё намояндаи умумии онҳо анҷом дода мешавад. Ваколатҳои ҳар яке аз шахси зикршуда бояд ба таври дахлдор ба расмият дароварда шавад ( м. 56 Қонун). Маҷлиси умумии саҳмдорон дар сурате босалоҳият аст (дорои кворум мебошад), ки дар он саҳмдорони дар маҷмӯъ дорои беш аз нисфи овозҳои саҳмияҳои овоздори паҳнкардашудаи ҷамъияти саҳомӣ иштирок намоянд. Агар рӯзномаи маҷлиси умумии саҳмдорон масъалаҳоеро дар бар гирад, ки аз рӯи онҳо ҳайати мухталифи овоздиҳандаҳо овоз медиҳад, кворум барои қабули қарори ин масъалаҳо алоҳида муайян карда мешавад. Ҳамзамон, мавҷуд набудани кворум барои қабули қарори масъалаҳое, ки овоздиҳӣ аз рӯи онҳо бо як ҳайати овоздиҳандаҳо сурат мегирад, ба қабули қарори масъалаҳое, ки овоздиҳӣ бо ҳайати дигари овоздиҳандагон сурат гирифта, барои қабули он кворум вуҷуд дорад, монеа намебошад.

Ҳангоми мавҷуд набудани кворум барои гузаронидани маҷлиси умумии солонаи саҳмдорон бояд маҷлиси умумии саҳмдорон бо ҳамон рӯзнома такроран гузаронида шавад. Ҳангоми мавҷуд набудани кворум барои гузаронидани маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорон метавонад маҷлиси умумии такрории саҳмдорон бо ҳамон рӯзнома гузаронида шавад. Маҷлиси такрории умумии саҳмдорон ба

шарте салоҳиятдор (дорои кворум) ҳисобида мешавад, ки дар он саҳмдорони дар маҷмӯъ дорои на камтар аз 30 фоизи овозҳои саҳмияҳои паҳнкардашудаи овоздори ҷамъияти саҳомӣ иштирок дошта бошанд. Оинномаи ҷамъияти саҳомии дорои беш аз 5 ҳазор саҳмдор метавонад барои гузаронидани маҷлиси умумии такрории саҳмдорон кворуми камтарро пешбинӣ намояд (м.57 Қонун). Овоздиҳӣ дар маҷлиси умумии саҳмдорон аз рӯи қоидаи «як саҳмияи овоздори ҷамъияти саҳомӣ – як овоз» анҷом дода мешавад, ба истиснои ҳолатҳои гузаронидани овоздиҳии кумулятивӣ, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст (м. 58). Овоздиҳӣ аз рӯи масъалаҳои рӯзномаи маҷлиси умумии саҳмдорон бо усули овоздиҳии кушода анҷом дода мешавад. Овоздиҳӣ аз рӯи масъалаҳои рӯзномаи маҷлиси умумии саҳмдорон, ки дар шакли овоздиҳии ғоибона сурат мегирад, танҳо тавассути бюллетенҳои овоздиҳӣ анҷом дода мешавад (м. 59 Қонун).

Шурои директорон мақоми умумии роҳбарикунандаи ҷамъият мебошад. Шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ ба фаъолияти ҷамъияти саҳомӣ роҳбарии умумӣ мекунад. Дар ҷамъияти саҳомии дорои беш аз панҷоҳ саҳмдор шурои директорон (шурои нозирон) таъсис дода мешавад. Дар ҷамъияти саҳомии дорои панҷоҳ ва аз он камтар саҳмдор оинномаи ҷамъияти саҳомӣ метавонад пешбинӣ намояд, ки вазифаи шурои директорон (шурои нозирон)-ро маҷлиси умумии саҳмдорон ба ҷо оварад. Дар ин маврид дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ бояд шахс ё мақоми муайяни ҷамъияти саҳомӣ зикр шуда бошад, ки ҳалли масъалаи гузаронидани маҷлиси умумии саҳмдорон ва тасдиқи рӯзномаи он дар салоҳияти он аст ( м. 63).

Аъзои шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомиро маҷлиси умумии саҳмдорон муҳлати то Маҷлисиояндаи солонаи умумии саҳмдорон интихоб менамояд. Узви шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ метавонад танҳо шахси воқеӣ бошад. Узви шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ метавонад саҳмдори ҷамъият набошад. Аъзои дастаҷамъии мақоми

иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ наметавонанд бештар аз чор як ҳиссаи ҳайати шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ бошанд. Шахсе, ки вазифаҳои мақоми инфиродии иҷроияро анҷом медиҳад, наметавонад ҳамзамон раиси шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ бошад. Саҳмдороне, ки миқдори муайяни саҳмияҳои дар оинномаи ҷамъият муқарраршударо соҳибӣ мекунанд, метавонанд аъзои шурои директорон (шурои нозирон) интихоб гарданд. Шумораи аъзои шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ дар асоси оинномаи ҷамъияти саҳомӣ  муайян мегардад. Барои ҷамъияти саҳомӣ-соҳибони саҳмияҳои одӣ ва дигар саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомӣ, ки шумораашон аз 500 нафар бештар аст, ҳайати аъзои шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ наметавонад камтар аз 5 нафар ва барои ҷамъияти саҳомӣ–соҳибони саҳмияҳои оддӣ ва дигар саҳмияҳои овоздори ҷамъият, ки шумораашон зиёда аз 2 ҳазор нафар аст, камтар аз 7 нафар бошад.

Аъзои шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ–соҳибони саҳмияҳои одии овоздори шумораашон беш аз 500 бо овоздиҳии кумулятивӣ интихоб карда мешаванд. Дар оинномаи ҷамъияти саҳомии дорои камтар аз 500 нафар саҳмдорон–соҳибони саҳмияҳои одии ҷамъияти саҳомӣ метавонад ҳангоми интихоби аъзои шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъият овоздиҳии кумулятивӣ пешбинӣ гардад. Овоздиҳии кумулятивӣ – усули овоздиҳие, ки ҳангоми он ба ҳар як саҳмияи дар овоздиҳӣ иштирокдошта миқдори овозе рост меояд, ки ба шумораи умумии аъзои мақоми идоракунии дастаҷамъии ҷамъияти саҳомӣ баробар аст. Ҳангоми овоздиҳии кумулятивӣ шумораи овозҳои мансуб ба ҳар як саҳмдор ба шумораи шахсоне, ки бояд ба шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ интихоб шаванд, зарб гардида, саҳмдор ҳуқуқ дорад овозҳои ба ин васила гирифтаро пурра ба тарафдории як номзад диҳад ё онҳоро байни ду ва ё бештар номзадҳо тақсим кунад. Ба шурои директорони (шурои

нозирони) ҷамъияти саҳомӣ номзадҳое интихобшуда ба ҳисоб мераванд, ки овози бештарро ба даст овардаанд (м.64). Ба салоҳияти шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҷамъияти саҳомӣ; даъвати маҷлиси солона ва ғайринавбатии умумии саҳмдорон; тасдиқи рӯзномаи маҷлиси умумии саҳмдорон; тасдиқи буҷети солона ва бизнес-нақшаи ҷамъияти саҳомӣ; таъсиси мақоми иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ ва пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколатҳои он, агар бо оинномаи ҷамъияти саҳомӣ чунин ҳуқуқ ба салоҳияти шурои директорон (шурои нозирон) вогузор гардида бошад; маъқул донистани аҳдҳои калон дар ҳолатҳое, ки Қонуни мазкур пешбинӣ намудааст; аз ҷониби ҷамъияти саҳомӣ паҳн кардани саҳмияҳо, вомбаргҳо ва дигар коғазҳои қимматноки эмиссионӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур; муайян намудани нархи (арзиши пулии) молу мулк, нархи паҳн кардан ва хариди коғазҳои қимматнок дар ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур; таъсиси филиалҳо ва кушодани намояндагиҳои ҷамъияти саҳомӣ ва дигар масъалаҳои пешбининамудаи Қонун дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ ва оинномаи ҷамъияти саҳомӣ дохил мешаванд.

Раиси шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ бо овоздиҳии пинҳонии аъзои шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ, бо аксарияти овози шумораи умумии аъзои шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ интихоб мегардад.Шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад ҳар вакт раиси худро бо аксарияти овози шумораи умумии аъзои шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ аз нав интихоб намояд, агар дар оинномаи ҷамъияти саҳомӣ тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Дар набудани раиси шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ вазифаҳои ӯро бо қарори шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ яке аз аъзои шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъият иҷро

мекунад (м. 67).

Ба фаъолияти ҷории ҷамъияти саҳомӣ мақоми инфиродии иҷроияи ҷамъият (директор, директори генералӣ) ё мақоми дастаҷамъии иҷроияи ҷамъият (раёсат, маъмурият) роҳбарӣ мекунад. Мақомоти иҷроия ба шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ ва Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳисоботдиҳанда аст.

Бо қарори маҷлиси умумии саҳмдорон ваколатҳои мақомоти иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ метавонанд тибқи шартнома ба зиммаи ташкилоти тиҷоратӣ (ташкилоти идоракунанда) ё соҳибкори инфиродӣ (сардор) вогузошта шаванд. Қарор дар мавриди ваколатҳои мақомоти инфиродии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ ба ташкилоти идоракунанда ё сардор аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон танҳо дар асоси пешниҳоди шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ қабул карда мешавад.

Мақомоти иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ иҷрои қарорҳои маҷлиси умумии саҳмдорон ва шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомиро амалӣ мегардонад.

Мақоми инфиродии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (директор, директори генералӣ) бе ваколатнома аз номи ҷамъияти саҳомӣ баромад мекунад, аз ҷумла манфиатҳои ӯро ҳимоя карда, аз номи ҷамъияти саҳомӣ аҳдҳо мебандад, басти вазифаҳоро тасдиқ намуда, фармоишҳо мебарорад ва супоришҳо медиҳад, ки иҷрои онҳо барои ҳамаи кормандони ҷамъияти саҳомӣ ҳатмӣ мебошад.

Шартномаро аз номи ҷамъияти саҳомӣ раиси шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ ё шахси дигари ваколатдорнамудаи шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъият имзо мегузорад. Аз ҷониби шахси анҷомдиҳандаи вазифаи мақомоти инфиродии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (директор, директори генералӣ) ё аъзои мақомоти дастаҷамъии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (раёсат, маъмурият) таъвизи мансаб дар мақомоти идории дигар ташкилот танҳо бо иҷозати шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ мумкин аст.

Маҷлиси умумии саҳмдорон, агар таъсиси мақомоти иҷроия тибқи оиннома ба салоҳияти шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ вогузор нашуда бошад, ҳуқуқ дорад ҳар вақт дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ кардани ваколати мақомоти инфиродии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (директор, директори генералӣ), аъзои мақомоти дастаҷамъии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (раёсат, маъмурият) қарор қабул намояд. Маҷлиси умумии саҳмдорон ҳуқуқ дорад ҳар вақт дар бораи қатъи пеш аз мӯҳлати ваколати ташкилоти идоракунанда ё сардор қарор қабул намояд.

Агар таъсиси мақомоти иҷроия тибқи оиннома ба салоҳияти шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ вогузор шуда бошад, он ҳуқуқ дорад ҳар вақт дар мавриди қатъи пеш аз мӯҳлати ваколати мақомоти инфиродии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (директор, директори генералӣ), аъзои мақомоти дастаҷамъии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (раёсат, маъмурият) ва таъсиси мақомоти нави иҷроия қарор қабул намояд.

Агар мақомоти иҷроия аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмдорон таъсис дода шавад ва мақомоти инфиродии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (директор, директори генералӣ) ё ташкилоти идоракунанда (сардор) вазифаҳои худро иҷро карда натавонанд, шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ ҳуқуқ дорад дар бораи таъсиси мақомоти муваққатии инфиродии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (директор, директори генералӣ) ва гузаронидани маҷлиси умумии ғайринавбатии саҳмдорон барои ҳалли масъалаҳои пеш аз мӯҳлат қатъ намудани ваколати мақомоти инфиродии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (директор, директори генералӣ) ё ташкилоти идоракунанда (сардор) ва таъсиси мақомоти нави инфиродии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (директор, директори генералӣ) ё вогузории ваколати мақомоти инфиродии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ ба ташкилоти идоракунанда ё сардор қарор қабул кунад (м. 69 Қонуни мазкур).

Мақомоти дастаҷамъии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (раёсат, маъмурият) дар асоси оинномаи ҷамъияти саҳомӣ, инчунин, ҳуҷҷатҳои дохилии ҷамъияти саҳомӣ, ки маҷлиси

умумии саҳмдорон тасдиқ менамояд (низомнома, дастур ё дигар ҳуҷҷат) ва дар онҳо муҳлат ва тартиби даъват кардан ва гузаронидани маҷлисҳои онҳо, инчунин, тартиби қабули қарор муқаррар мегарданд, амал мекунад. Кворуми гузаронидани маҷлисҳои мақомоти дастаҷамъии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (раёсат, маъмурият) тибқи оинномаи ҷамъияти саҳомӣ ё ҳуҷҷатҳои дохилии ҷамъияти саҳомӣ муайян гардида, набояд камтар аз нисфи аъзои интихобгардидаи мақомоти дастаҷамъии иҷроияи ҷамъияти саҳомӣ (раёсат, маъмурият) бошад ( м. 70).

Ҷиҳати анҷом додани назорати фаъолияти молиявию хоҷагии ҷамъияти саҳомӣ маҷлиси умумии саҳмдорон тибқи оинномаи ҷамъияти саҳомӣ комиссияи тафтишотӣ ё ревизори ҷамъияти саҳомиро интихоб менамояд. Аъзои Комиссияи тафтишотӣ ё ревизори ҷамъияти саҳомӣ наметавонанд ҳамзамон аъзои шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ бошанд, инчунин, дар мақомоти идораи ҷамъияти саҳомӣ мансабҳои дигарро ишғол намоянд. Саҳмияҳои марбут ба аъзои шурои директорони (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ ё шахсоне, ки дар мақомоти идораи ҷамъияти саҳомӣ мансаб ишғол мекунанд, наметавонанд ҳангоми интихоби аъзои комиссияи тафтишотӣ ё ревизори ҷамъияти саҳомӣ дар овоздиҳӣ иштирок намоянд. Салоҳияти комиссияи тафтишотӣ ё ревизори ҷамъият оид ба масъалаҳое, ки қонуни мазкур пешбинӣ нанамудааст, бо оинномаи ҷамъияти саҳомӣ муайян мегардад. Тафтиши (ревизор) фаъолияти молиявию хоҷагии ҷамъияти саҳомӣ вобаста ба натиҷаи фаъолияти яксолаи ҷамъияти саҳомӣ, инчунин, ҳар вақти дигар бо ташаббуси комиссияи тафтишотӣ ё ревизори ҷамъияти саҳомӣ, қарори маҷлиси умумии саҳмдорон, шурои директорони мешавад. (шурои нозирони) ҷамъияти саҳомӣ ё бо ташаббуси саҳмдоре (саҳмдороне), ки дар маҷмӯъ дорои на камтар аз 10 фоизи саҳмияҳои овоздори ҷамъияти саҳомӣ мебошад, гузаронида мешавад.

## §5.Гурӯҳои корпоративӣ, ҷамъияти хоҷагии фаръӣ ва вобаста. Шахсони бонуфуз

Бояд қайд намоем, ки гурӯҳои корпоративӣ (ҷамъиятҳои фаръӣ ва вобаста) ва шахсони бонуфуз аз ҷамъиятҳои хоҷагӣ (асосӣ) вобастагии иқтисодӣ доранд. Вобастагии иқтисодӣ аз рӯи табиати худ барои танзими фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ аҳамият дошта, предмети батанзимдарории соҳаҳои қонунгузории гуногун мебошад.Ҳар яке аз ин қонунгузоринҳо мақсади ба худ хос, вазифаи ҷудо кардан ва танзими ин падидаи иқтисодию ҳуқуқиро доранд. Дар байни субъектҳои хоҷагӣ дар ҷараёни амали намудани фаъолияти соҳибкорӣ бисёр вақт муносибати вобастагии иқтисодӣ бавуҷуд меояд.

Дар муносибатҳои вобастагии иқтисодӣ иродаи шахси вобаста расман нигоҳ дошта мешавад. Яъне, муносибат дар байни субъектҳои мустақил аз лиҳози ҳуқуқӣ нигоҳ дошта шуда, вале ҷараёни ташаккулёбии ирода тағйир ёфта, пурра зери назорати шахси бонуфуз қарор мегирад. Аз ҳамин ҷо мақсади асосии танзими ҳуқуқии вобастагии иқтисодӣ сарчашма гирифта, ҷудокунии нобаробарии муносибатҳо ва имконияти бартараф намудани он барои ҳимояи манфиатҳои иқтисодии субъектҳои тобеъ, инчунин, ҳимояи манфиати давлат бавуҷуд меояд. Дар назарияи ҳуқуқӣ вобастагии иқтисодӣ ҳамчун муносибати ду субъекти иқтисодӣ муайян карда шуда, ҳангоми он мавҷудият ва фаъолияти як субъект пурра ё қисман ба иродаи дигар субъект вобаста мебошад. Бояд қайд намоем, ки аз лиҳози қонунгузории ҶТ категорияи «вобастагии иқтисодӣ» нисбат ба баъзе категорияҳои ҳуқуқие, ки дар соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ барои танзими муносибатҳои вобастагии субъектҳои хоҷагӣ истифода бурда мешавад хислати умумӣ дорад. Дар қонунгузории корпоративӣ вобастагии иқтисодӣ бо роҳи муайян намудани хусусиятҳои ҳолатҳои ҳуқуқии ҷамъиятҳои асосӣ ва фаръӣ ба танзим дароварда мешавад. Аз ҷумла, дар қонунгузории андоз ба воситаи танзими муносибат бо иштирокӣ шахсони баҳамвобаста, дар

қонунгузории рақобат ба воситаи категорияи «гурӯҳи шахсон», нисбат ба муносибатҳо оид ба бозори коғазҳои қимматнок бошад бо ёрии категорияи шахсони назоратшаванда ва зери назорат буда. Дар ин маврид мафҳуми заминавии ифодакунандаи вобастагии иқтисодии субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ нуфузнокӣ ҳамчун қобилияти таъсир расонидан ба фаъолияти соҳибкории дигар шахсон мебошад.

а) Ҷамъияти хоҷагии фаръӣ ва вобаста.

Ҳамчун қоида гурӯҳои корпоративӣ барои пурзӯр кардани таъсирӣ корпоратсияҳои калон ва маҳдуд кардани рақобат дар соҳаҳои гуногуни муносибатҳои бозорӣ таъсис дода мешаванд. Онҳо новобаста аз шаклҳои мутаҳидшавиашон мақсади инҳисорӣ доранд. Мафҳуми ҷамъияти фаръӣ ва вобаста дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди қабули Кодекси маданӣ ҷорӣ карда шуда, минбаъд дар Қонуни ҶТ дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва саҳомӣ мустаҳакам карда шуд. Бояд дарк намоем, ки мавҷудияти гурӯҳои корпоративӣ ва иттиҳодияҳои корпоративии соҳибкорон худ ба худ ғайриқонунӣ намебошанд ва барои инкишофи иқтисодиёт манфиатнок мебошанд. Дар баробари ҳамин аз мавқеӣ худ дар бозор истифода кардани иттиҳодияҳои корпоративии соҳибкороне, ки ба ягон ҳайати гурӯҳои корпоративӣ дохил намешаванд ва истеъмолкунандагони молҳои (корҳо, хизматҳо) пешниҳодмекардаи иттиҳодияҳои соҳибкорон бо таври ҷиддӣ зарар мебинанд. Ҳамзамон, гурӯҳои корпоративии амалкунандае, ки фаъолияташон ба танзим доворда нашудааст метавонад ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва иқтисодии соҳаҳои фаъолияти гуногун (таҷрибаи андоз, кредитикунонии бонкӣ, бозори коғазҳои қимматнок, танзими зиддинҳисорӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодӣ бозорӣ ) зарари ҷиддӣ расонанд[87].

[87] Ниг.: Карагусов Ф. С. Правовое положение коммерческих организақий по законодателйству Республики Казахстан.-Алмато, 2012. -С.185.

Бо дарназардошти ҳамин барои таъминӣ нишондоди моддаи 10 КМ дар бораи роҳ надодани истифодаи ҳуқуқҳои маданӣ бо мақсади маҳдуд сохтани рақобат, инчунин, сӯиистифода аз мавқеи афзалиятноки худ дар бозор қонунгузории ҶТ мафҳуми «гурӯҳи шахсон»-ро ҷори намуд. Он дар моддаи 12 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» ифода карда шуд. Тибқи он гурӯҳи шахсон маҷмӯи шахсони воқеӣ ва (ё) шахсони ҳуқуқӣ шуда метавонанд. Онҳо дорои як ё якчанд аломатҳои зерин мебошанд:

- шахс ё якчанд шахс якҷоя дар натиҷаи созиш (амали мувофиқашуда) ҳуқуқ доранд, мустақим ва ғайримустақим (аз ҷумла дар асоси шартномаҳои хариду фурӯш, идоракунии ба боварӣ асосёфта, фаъолияти якҷоя, супориш ё бастани дигар аҳдҳо) зиёда аз панҷоҳ фоизи шумораи умумии овозҳоро, ки ба саҳмияҳо ва ҳиссаҳои овозҳо мувофиқ меоянд ва сармояи оинномавии (шариконаи) шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ намоянд. Ҳамзамон, овозҳои шахси ҳуқуқӣ, имконияти ихтиёрдории воқеии ӯ ба воситаи шахсони сеюм, ки нисбати онҳо шахси якум ҳамаи он ҳуқуқу салоҳияти дар боло номбаршударо дорад, ихтиёрдории ғайримустақим ҳисобида шавад;

- шахс ё якчанд шахс дар асоси шартнома ё бо роҳи дигар имконият пайдо мекунанд, ки қарори қабулшавандаи шахси дигар ё шахсонро, аз ҷумла шартҳои аз тарафи дигар шахс ё шахсон амалӣ гардидани фаъолияти соҳибкориро муайян намоянд, ё ин ки салоҳияти дигари мақомоти иҷроияи дигар шахс ё шахсонро ба ҷо оваранд;

- шахси ҳуқуқӣ ҳуқуқ дорад мақомоти иҷроияи ягона ё зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати мақомоти иҷроияи дастаҷамъӣ, ё бо пешниҳоди ӯ зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати шурои директорон (шӯрои сарпарастон), ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъии шахси ҳуқуқиро таъйин намояд;

- шахси воқеӣ метавонад салоҳияти мақомоти ягонаи иҷроияи шахси ҳуқуқиро иҷро намояд;

- худи ҳамон шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падарону модарон, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо ё

шахсонеро, ки ҳамон шахси ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст, зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати мақомоти иҷроияи дастаҷамъӣ ё шурои директорон (шурои сарпарастон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъии ду ва зиёда шахсони ҳуқуқиро ташкил диҳанд. Мақомоти идоракунии дастаҷамъии ду ва зиёда шахсони ҳуқуқӣ, инчунин, мақомоте мебошад, ки бо пешниҳоди ҳамон шахсони ҳуқуқӣ зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати шурои директорон (шурои сарпарастон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъӣ интихоб мешавад;

- худи ҳамон шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падарону модарон, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳо ё шахсони ҳуқуқӣ метавонанд мустақилона ё ба воситаи намояндаҳо (вакилон) дар маҷмӯъ зиёда аз панҷоҳ фоизи овозҳоеро, ки ба саҳмияҳо ва ҳиссаҳо мувофиқанд сармояи оинномавии (шариконаи) ҳар кадом аз ду ва зиёда шахсони ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ намоянд;

- шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ мустақилона ё ба воситаи намояндаҳо (вакилон) дар маҷмӯъ зиёда аз панҷоҳ фоизи овозҳоеро, ки ба саҳмияҳо ва ҳиссаҳо мувофиқанд ва сармояи оинномавии (шариконаи) шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ҳуқуқи ихтиёрдорӣ доранд ва худи ҳамон шахсони воқеӣ, ҳамсарони онҳо, падарону модарон, фарзандон, бародарону хоҳарони онҳоро ҳамон як шахси ҳуқуқӣ пешниҳод кардааст, зиёда аз панҷоҳ фоизи ҳайати мақомоти иҷроияи дастаҷамъӣ ё шурои директорон (шурои сарпарастон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъии дигар шахси ҳуқуқиро ташкил диҳанд. Тибқи талаботи қонунгузорӣ гурӯҳи шахсон ҳамчун субъекти ягонаи хоҷагӣ ҳисобида шуда, муқаррароти Қонуни мазкур дар бораи ҳифзи рақобат, ки ба субъектҳои алоҳидаи бозор тааллуқ доранд, инчунин, ба гурӯҳи шахсон паҳн мегардад.

Чи тавре, ки аз гузориши боло маълум мегардад фаъолияти гурӯҳои корпоративӣ ба иштироки як ташкилот дар сармояи дигар ташкилот асос меёбад. Низоми иштирок дар сармояи субъектҳои хоҷагӣ, имконият медиҳад, ки ҷавобгарӣ ба зиммаи дигар субъектҳо гузошта шавад.

Ҳамзамон, фаъолияти гурӯҳои корпоративӣ метавонад барои кредиторҳо боиси натиҷаи манфӣ гардад, зеро дараҷаи шафофиятро дар ҳаракати дороиҳои байни аъзои гурӯҳ паст(кам) намуда, ва ба субъектҳои назорати имконият медиҳад, ки шартҳои аҳдҳои дохилихоҷагиро бо истифодаи афзалиятноки механизми гузашти талаботҳо дар байни аъзоёни гурӯҳ муайян намуда, боиси беасос зиёд гардидани хараҷоти кредиторҳо гардад. Оқибати чунин аҳдҳо барои саҳомони монитари низ манфи мебошад. Ин дар ҳолате манфи мебошад, ки субъекти назорати молумулки аъзои гурӯҳро чунон аз нав тақсим намояд, ки дорои дар дасти ширкати асоси ҷамъ оварда шуда, яке аз аъзоёни гурӯҳ бо саҳомони монитарӣ то ба муфлисӣ оварда расонида шавад, ва боиси бо таври ҷиддӣ кам шудани арзиши молумулки монoритарии дахлдор гардад. Аз инҷо манфиати қонунии ишторкчиён муомилоти корӣ бояд мавриди ҳифз қарор дода шавад. Дар ин маврид низоми чораҳои ҳуқуқии ҳифзи мустақилияти иктисодӣ ва молумулкии шахсони сеюм аз суиқасдӣ гурӯҳои корпоративӣ ва татбиқи чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои амалӣ бевиҷдононаи гурӯҳои корпоративиро дар қонунгузории ҶТ пешбини намудан лозим аст. Воситаи асосии ҳифзи ҳуқуқии шахсони сеюм метавонад руёнидани зарари молумулки аз гурӯҳои корпоративӣ бошад. Чораи дигари накамтар муҳимтар, ба роҳ мондани фаъолияти оммавӣ ва ошкорои гурӯҳҳои корпаративӣ ба ҳисоб меравад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси гурӯҳои корпоративӣ муттаҳидшавии ширкату ҷамъиятҳои хоҷагиро бо ҷамъиятҳо фаръӣ ва вобаста пешбини менамояд. Тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъият ё ширкати хоҷагӣ метавонад ҷамъияти хоҷагии фаръӣ ва вобаста таъсис намоянд. Онҳо бо роҳи иштироки як ташкилот дар сармояи дигар ташкил амал намуда, дар ҳолати вобастагӣ аз ҷамъият ё ширкати хоҷагӣ қарор доранд. Дараҷаи вобастагии ҷамъияти фаръӣ нисбат ба ҷамъияти вобаста зиёд аст. Ҳолати ҳуқуқии онҳо тибқи меъёрҳои Кодекси маданӣ, Қонуни ҶТ «Дар

бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд»(м.8) ва Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ»(м. 7) муайян карда мешавад.

Ҳуқуқи таъсис додани ҷамъиятҳои фаръи ва вобастаро тибқи қонунгузории ҶТ на танҳо ҷамъиятҳои хоҷагӣ, балки ширкатҳои хоҷагӣ доранд. Ҷамъияти хоҷагии фаръӣ ва вобаста, шакли ташкили ҳуқуқи махсус набуда, вале шахси ҳуқуқи мебошанд. Онҳоро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, берун аз ҳудуди он таъсис додан мумкин аст.

Ҷамъияти хоҷагӣ ҳангоме фаръӣ эътироф карда мешавад, ки агар дигар ҷамъияти хоҷагӣ ё ширкати асосӣ бо сабаби иштироки афзалиятноки худ дар сармояи оинномавии он ё мутобиқи шартномаҳои байни онҳо ё ба тариқи дигар имконияти муайян намудани қарорҳои аз ҷониби чунин ҷамъияти фаръӣ қабулшавандаро дошта бошад (м.113 КМ ҶТ, м. 7 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» ва м. 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъятҳои саҳомӣ»).

Ҳамин тавр, қонунгузории ҶТ се намуди ҷамъиятҳои фаръиро пешбини менамояд.

Ба ҳайси намуди якум ҷамъияти хоҷагиии фаръиеро ҷудо менамоянд, ки дар он дигар ҷамъият ё ширкати хоҷагӣ бо сабаби афзалиятнокии иштирок дар молумулки (фонди оинномавӣ) он имконияти муайян кардани қарори қабулкардаи ҷамъияти хоҷагии фаръиро дорад.

Ба ҳайси намуди дуюми ҷамъияти фаръӣ қонунгузорӣ ҷамъияти хоҷагиеро нишон медиҳад, ки дар он дигар ҷамъият ё ширкати хоҷагӣ мутобиқи шартномаи байни онҳо имконияти муайян кардани қарори қабулкардаи ҷамъияти хоҷагии фаръиро дорад.

Намуди сеюми ҷамъияти фаръӣ ҷамъияти хоҷагие мебошад, ки дигар ҷамъият ё ширкати хоҷагӣ ба тариқи дигар нисбат ба намудҳои дар боло зикркардашуда имконияти муайян намудани қарорҳои аз ҷониби чунин ҷамъият қабулшавандаро дорад.

Ҷамъияти хоҷагии фаръӣ аз рӯи ухдадориҳои ҷамъият ё ширкати хоҷагии асосӣ масъулият надорад. Ҷамъият ё ширкати хоҷагии асосие, ки ҳуқуқи ба ҷамъияти хоҷагии фаръӣ додани дастурҳои барояш ҳатмиро дорад, аз рӯи аҳдҳое, ки ҷамъияти хоҷагии фаръӣ бо мақсади иҷрои чунин дастурҳо бастааст, бо ин ҷамъият ё ширкати хоҷагӣ масъулияти муштарак дорад. Ҷамъият ё ширкати хоҷагии асосӣ вақте дорои ҳуқуқи ба ҷамъияти хоҷагии фаръӣ додани дастурҳои барои иҷро ҳатмӣ мегардад, ки агар ин ҳуқуқ дар шартнома бо ҷамъияти хоҷагии фаръӣ ё оинномаи ҷамъияти хоҷагии фаръӣ пешбинӣ шуда бошад. Дар сурати бо гуноҳи ҷамъият ё ширкати хоҷагии асосӣ муфлис шудани ҷамъияти хоҷагии фаръӣ ҷамъият ё ширкати хоҷагии асосӣ вобаста ба қарзҳои он масъулияти иловагӣ дорад. Саҳмдорони ҷамъияти хоҷагӣ фаръӣ ҳуқуқ доранд аз ҷониби ҷамъият ё ширкати хоҷагии асосӣ ҷуброн намудани зарари ба ҷамъияти хоҷагии фаръӣ расонидаашро талаб кунанд. Чи тавре ки дар боло қайд намудем, ҷамъиятҳои хоҷагӣ ҳуқуқ доранд ҷамъиятҳои вобаста низ таъсис диҳанд. Дар қонунгузории амалкунанда ҳолати ҳуқуқии ҷамъиятҳои вобаста бо таври мушаххас ба танзим дароварда нашудааст. Ҷамъияти хоҷагӣ вақте вобаста эътироф мегардад, ки агар дигар ҷамъияти хоҷагӣ (бартаридошта) беш аз 20 фоизи саҳмияҳои овоздори ҷамъияти хоҷаги якумро дошта бошад. Ҷамъияти хоҷагие, ки бештар аз 20 фоизи саҳмияҳои овоздори ҷамъияти хоҷагиро ба даст овардааст, вазифадор аст дар ин бора ба мақомоте, ки бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқиро ба роҳ мемонанд, фавран маълумотро барои нашр намудан пешниҳод намояд. (м. 7 ва 8 Қонунҳои зикршуда). Бояд қайд намоем, ки мавҷудияти муносибати вобастагӣ барои муайян кардани вазъӣ ҳуқуқии ҷамъияти хоҷагӣ аҳамият надорад. Моҳиятан танҳо муносибати бонуфузро ташкил намуда, ва дар худ оқибатҳои вобаста ба бонуфузро, аз ҷумла фош намудани иттиллоот, бастани аҳдҳоро бо мақсади ҳавасмандӣ ба вуҷуд мебиёрад. Аз ин ҷо

ба мақсад мувофиқ мебуд, ки аз Кодекси маданӣ хориҷ карда шавад.

б). Шахсони бонуфуз

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, таъсис додани шахсони бонуфуз манъ намебошад. Категорияи шахсони бонуфуз дар кишвари мо ҳангоми гузариш ба иқтисоди бозорӣ, дар шароити васешавӣ ва муракабшавии муносибатҳои иқтисодӣ ба вуҷуд омад. Ҳолати бонуфузии субъектҳои хоҷагиро, қонунгузории корпоративӣ ба танзим медарорад.Танзими ҳуқуқии нуфузнокӣ аз тарафи қонунгузории рақобат анҷом дода мешавад. Вай хислати боқимондагӣ (аъзои боқимондаро) дорад. Новобаста аз он, ки мафҳуми шахсони бонуфуз дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» дода шудааст , худи бонуфузи ва оқибати он моҳиятан ҳеҷ гоҳ предмети батанзимдарории қонунгузории зиддиинҳисорӣ набуд. Инчунин, бояд қайд намоем, ки дар қонунгузории оид ба ҳимояи рақобат муқаррарот оид ба хусусияти назорати зиддинҳисори барои фаъолияти шахсони бонуфуз, оид ба таъсири онҳо ҳангоми баҳо додан ба муҳити рақобатӣ ва дар бораи имконияти таъсиррасони ба шахсоне, ки бонуфуз мебошанд мавҷуд намебошад. Аз ин ҷо мақомоти зиддиинҳисории ҶТ наметавонанд ҳеҷ гуна механизми таъсиррасониро нисбат ба шахсони бонуфуз татбиқ намоянд, ба истиснои он шахсони бонуфузе, ки ба гурӯҳи шахсон тааллуқ доранд. Шахсони бонуфуз шахсони ҳуқуқи ва воқеие мебошанд, ки дар муносибатҳои ташкили, шартномавӣ ва молумулкӣ бо ҳамдигар дар алоқамандӣ қарор дошта ва ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Бо сабаби чунин алоқамандӣ онҳо ҳамчун субъекти ягонаи бонуфузи хоҷагӣ ҳисобида мешаванд.

Тибқи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» шахсони бонуфуз – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул буда, қобилияти ба дигар субъектҳои хоҷагӣ, инчунин, ба бозори мол таъсир расониданро доранд (м. 2). Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар

ҳолате шахсони бонуфуз ҳисобида мешаванд, ки ба фаъолияти субъектҳои хоҷагӣ дар бозори мол (кор, хизматрасонӣ) фаъолиятдошта, тавонанд таъсир расонанд. Шахсони бонуфуз ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии бонуфуз ҷудо мешаванд.

Дар замони ҳозира тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон категорияи нуфузнокӣ дар ҳуқуқи корпоративӣ дар мавридҳои зерин истифода бурда мешавад:

1)ҳангоми муайян кардани ҳавасмандии шахсон дар содир намудани аҳдҳои ҷамъиятҳои хоҷагӣ (м. 81 Қонуни ҶТ дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ, м.52 Қонун дар бораи ҶДММ);

2)ҳангоми муайян кардани директорҳои мустақил, ки ҳуқуқи қабул намудани қарор дар бораи аз тарафи ҷамъиятӣ саҳомие, кизиёда аз 500 нафар мебошад аҳдҳое, ки ба онҳо ҳавасманди зошир карда мешавад (м. 82 Қонун дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ);

3) ҳангоми муайян кардани шумораи шахсоне, ки дар бораи онҳо иштирокчиёни ҷамъиятӣ хоҷагӣ ба ҳамин ҷамъият пешниҳод менамоянд (м. м. 82 ва 93 Қонуни ҶТ дар Бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ, м. 52 Қонун дар бораи ҶДММ);

4)Ҳангоми муқаррар намудани номгӯӣ шахсоне, ки иттилоот дар бораи онҳо дар ҷамъиятӣ хоҷагӣ нигоҳ дошта мешавад ва ошкор карда мешавад (м. 84 ва 86 Қонун дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ, м.5: Қонун дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд);

5) ҳангоми муайян кардани шахсони уҳдадоре, ки тибқи боби X11 Қонун дар бораи ҶС бо тартиби муайянкарда зиёда аз 20 фоизи саҳмияҳои ҷамъиятҳои кӯшодаи саҳомиро дар даст доранд

Ба шахсони бонуфузи шахси воқеӣ, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ мегардонанд, инҳо дохил шуда метавонанд:

1) шахсоне, ки ба гурӯҳи ба шахси воқеӣ тааллуқдошта дохил мешаванд;

2)шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳайати он шахси воқеии мазкур ҳуқуқ дорад ба зиёда аз бист % маҷмӯи умумии овозҳо, ки ба

саҳмияҳо ва ҳиссаҳо мувофиқанд ва сармояи оинномавии (шариконаи) ҳамин шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ намояд.

узви мақомоти иҷроияи дастаҷамъии он, инчунин, шахсе, ки салоҳияти мақомоти шахсони бонуфузи шахси ҳуқуқӣ ҳисобида мешаванд:

- узви шурои директорон (шурои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъӣ, ягонаи иҷроияи онро амалӣ мегардонад;

- шахсоне, ки ба гурӯҳи ба шахси ҳуқуқӣ тааллуқдошта дохил мешаванд;

- шахсоне, ки ҳуқуқи дар маҷмӯъ зиёда аз бист % овозҳоеро, ки ба саҳмияҳо ва ҳиссаҳо мувофиқанд ва сармояи оинномавии (шариконаи) ҳамин шахси ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, ихтиёрдорӣ кунанд. Агар шахси ҳуқуқӣ иштирокчии иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ бошад, ба қатори шахсони бонуфузи вай, аъзои шурои директорон (шурои нозирон) ё дигар мақомоти идоракунии дастаҷамъӣ, инчунин, шахсоне, ки салоҳияти мақомоти ягонаи иҷроияи иштирокчиёни гурӯҳи саноатию молиявиро амалӣ мегардонанд, дохил мешаванд (м. 13 Қонуни мазкур). Ҳамин тавр, мафҳуми «шахсони бонуфуз» нисбат ба мафҳуми дараҷаи гуногуни алоқаҳои байни «гурӯҳи шахсон» васеъ мебошад. Онҳо субъекктҳоро ифода менамоянд. Ҳамзамон, шахсони бонуфуз субъекти ягонаи ҳуқуқро ташкил намедиҳанд, вале алоқаи байни онҳо аҳамияти ҳуқуқи доранд.Баръакс гурӯҳи шахсон агарчанде, ки на дар ҳамаи муносибатҳои соҳибкорӣ ҳам бошад, вале соҳибҳуқуқиро дар соҳаи қонунгузории зиддинҳисорӣ доро мебошанд. Барои ҳамин ҳам мафҳуми шахсони бонуфуз ба сифати навъ (хел) ва мафҳуми гурӯҳи шахсон ба сифати намуд баррасӣ карда мешавад[88].

[88] Ниг.: Тотьев К. Ю. Конкурентное право. Учебник. – М., 2000. -С.122- 137.

## §6. ИТТИҲОДИЯҲОИ КОРПОРАТИВӢ ТИҶОРАТӢ

Дар замони шуравӣ, ки иқтисодиёт дар асоси нақша амал менамуд комплексҳои истеҳсолию хоҷагии калон ба таври васеъ таъсис дода мешуданд. Онҳо ҳамчун иттиҳодияҳои хоҷагӣ амал менамуданд. Дар даврони гузариш ба иқтисоди бозорӣ бошад комплексҳои истеҳсолию хоҷагӣ дар натиҷаи ҳамгироии (якшавии) ду ва зиёда субъектҳои хоҷагии ба ҳам алоқаманд, ки мақсади умумӣ доранд, бавуҷуд меоянд. Зеро, қонунгузорӣ ба ташкилотҳои тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ имконият медиҳад, ки бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти худ, инчунин, муаррифӣ ва ҳимояи манфиатҳои молумулкӣ ва дигари умумии худ дар асоси шартнома иттиҳодияҳои гуногуни корпоративӣ (соҳибкорӣ) ташкил намоянд. Иттиҳодияҳои корпоративӣ субъекти ҳуқуқи соҳибкорӣ буда, дорои қобилияти ҳуқуқдории махсус мебошанд. Онҳо ба иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ[89] ҷудо мешаванд. Иттиҳодияҳои ташкилотҳои тиҷоратӣ яке аз шаклҳои ҳаҷагидорие мебошанд, ки дар асоси созиш фаъолияти соҳибкориро амалӣ менамоянд. Қайд кардан бамаврид аст, ки мутаҳидшавии корхонаҳоро аз мутаҳидшавии соҳибкорон бояд фарқ намуд. Муттаҳидшавии корхонаҳо, ҳамагуна муттаҳидшавии ду ва зиёда ташкилоти тиҷоратӣ (шахсони ҳуқуқӣ) мебошад. Муттаҳидшавии соҳибкорон бошад муттаҳидшавии ду ва зиёда субъектҳои хоҷагӣ (соҳибкорони инфиродӣ,ташкилотҳо, иттиҳодияҳои соҳибкорон ва ғ.)-ро бо мақсади ҳифзи манфиатҳои умумӣ, ҳамоҳангсозии кушишҳо оид ба ҳалли проблемаҳои мураккаб, амалӣ намудани лоиҳаҳо ва барномаҳои мақсаднок мебошад. Иттиҳодияҳои корхонаҳо ва иттиҳодияҳои соҳибкорон

---

[89] Эзоҳ:Оид ба иттиҳодияҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ (ассосиатсияҳо, иттифоққҳо) дар параграфи 6 боби 4 ибрози ақида карда мешавад.

метавонанд ҳам тиҷоратӣ (соҳибкорӣ) ва ҳам ғайритиҷоратӣ (иттифоқ, асотсиатсия), бошанд. Ҳамчун иттиҳодияҳои корпоративӣ, иттиҳодияҳои соҳибкорон ҳамеша фаъолияти худро дар асоси алоқаҳои иқтисодии иштирокчиёнашон амал менамоянд. Инчунин, иттиҳодияҳои соҳибкорӣ дар фарқият ба иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ (асотсиатсияҳо, иттифоқҳо) дорои ҳуқуқи шахси ҳуқуқи намебошанд.

Меъёрҳо оид ба иттиҳодияҳои соҳибкорон дар м. 113-114 КМ ҶТ оид ба ҷамъиятҳои фаръӣ ва вобаста, дар м. 122 КМ ҶТ дар бораи корхонаҳои фаръии корхонаҳо воҳиди давлатӣ, дар м. 14 Кодекси андоз оид ба шахсони мутақобилан вобаста, дар бораи «гурӯҳи шахсон» дар Қонуни ҶТ аз 30 майи 2017 « Дар бораи ҳимояи рақобат»[90], дар хусуси сармоягузории ташкилотҳои ватанӣ ва хориҷие, ки фаъолияти сармоягузориро бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ амалӣ менамоянд (м.1.), оид ба ҷамъияти ҳолдингии ташкилоти қарзӣ дар Қонуни ҶТ аз 15 марти соли 2016 «Дар бораи сармоягузорӣ»[91], инчунин, дар Қонуни ҶТ аз 19 майи соли 2009 «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»[92] пешбинӣ карда шудааст.

Мақсади таъсис додани иттиҳодияҳои корпоративӣ гуногун шуда метавонад. Аз ҷумла, ба даст овардани фоидаи барзиёд, ҳукмронии иқтисодӣ дар бозор, баланд бардоштани рақобатпазирӣ, анҷом додани фаъолият оид ба маҳсулоти муайян дар бозор ва ғ.

Бояд қайд намоем, ки Иттиҳодияҳои корпоративиро вобаста ба тарзи таъсисёбӣ, соҳаи тааллуқдорӣ, ҳудуди амал ва шакли ташкили ҳуқуқиашон ба намудҳои гуногун тасниф намудан мумкин аст. Аз ҷумла, онҳо вобаста ба иродаи иштирокчиёнашон ҳангоми ташкилшавӣ ба иттиҳодияҳои

---

[90]Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2017, №5, қ1, мод. 274.

[91]Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016, №3 , мод.152, соли 2018 №7-8, мод.530.

[92] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №5, мод.331; соли 2014, №11, мод.663, соли 2018, №7-8, мод. 532;соли 2019, №6, мод.328: соли 2020.№7-9, мод.628.

ихтиёрӣ ва маҷбурӣ таъсисшаванда ҷудо мешаванд. Иттиҳодияҳои ихтиёрӣ таъсисшаванда дар асоси бастани созишнома (шартнома) дар байни иштрокчиёнашон фаъолият менамоянд. Мисоли равшани таъсисдиҳии онҳо таъсиси ширкати оддӣ (картелҳо, пулҳои суғуртавӣ) ва созишномаи ҷамъият (холдингҳо) шуда метавонад. Бо тартиби маҷбурӣ, яъне новобаста аз иродаи иштирокчиёнашон ширкати холдинге шуда метавонад, ки дар натиҷаи аз ҷониби он ба даст овардани ҳиссаи сармояи оинномавии ташкилотҳои фаръӣ ё ин ки азнавташкилкунӣ (ҷудокунӣ) таъсис дода шудааст. Инчунин, иттиҳодияҳои соҳибкоронро вобаста ба соҳаи тааллуқдориашон ба соҳавӣ (инноватсионӣ, металургӣ ва ғ.) ва байнисоҳавӣ (илмӣ – истеҳсолӣ, сохтмонию сармоявӣ ва ғ.), ё ин ки вобаста ба доираи фаъолияташон (ҳудуди ҷойгиршавиашон) онҳоро ба дар ҳудуди як давлат таъсисдодашуда ё ин ки дар ҳудудӣ давлатҳои гуногун таъсисдодашуда (байнидавлатӣ, трансмиллӣ ) ҷудо намудан мумкин аст.

Иттиҳодияҳои корпоративиро вобаста ба шакли ташкили ҳуқуқиашон қонунгузории ҶТ ба холдинг ва ширкати (рафоқати) одӣ ҷудо менамоянд. Зери шакли ташкили ҳуқуқии иттиҳодия конструксияи ҳуқуқии ташкил ва идораи иттиҳодия, инчунин, муносибати байни иштирокчиёни он фаҳмида мешавад.

Истилоҳи «ҳолдинг» аз низоми ҳуқуқии англосаксонӣ ба мо ворид шуда, калимаи англисии «Hold» мебошад, ки маънои «нигоҳ доштан», «дарбар гирифтан»-ро дорад. Вале мафҳуми «холдинг» қонунан дар мо мустаҳакам карда нашудааст. Умуман, ҳолдинг иттиҳодӣ ду ва зиёда ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошад. Ба ҳайати он ташкилоти (компанияи) холдингӣ ва ташкилотӣ фаръӣ дохил буда, дар байни онҳо вобастагии муносибатҳо дар асоси иштироки афзалиятноки ҷамъияти фаръӣ дар сармояи оинномавӣ муайян ва дар асоси шартнома (созишнома) ё дигар имкониятҳо қарори қабулкардаи ташкилоти фаръӣ бо мақсади амалӣ намудани сиёсати ягонаи иқтисодӣ муайян

карда мешавад. Ҳамзамон, холдингро бояд аз компанияи холдингӣ фарқ намуд. Ташкилоти (компанияи) холдингӣ ташкилотӣ асосӣ бо ҳуқуқи шахси ҳуқуқӣ буда, имконияти муайян кардани қарори қабулкардаи ҷамъияти фаръиро дорад (м. 113 КМ ҶТ). Тибқи Қонуни ҶТ аз 19 майи соли 2009 «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»[93] ҷамъияти ҳолдингии ташкилотӣ қарзӣ – шахси ҳуқуқие мебошад, ки ташкилоти қарзӣ ба ӯ тааллуқ дорад ё аз ҷониби ӯ назорат карда мешавад. Инчунин, Қонуни ҶТ «Дар бораи бонкҳои исломӣ» таъсис додани ҷамъияти холдигии ташкилотҳои қарзии исломиро пешбини менамояд. Фаъолияти Ширкати саҳомии холдингии кушодаи «Барқи Тоҷик», ки бо Қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 октябри соли 2008 тасдиқ карда шудааст, дар асоси Оинномаи он ба роҳ монда шудааст. Холдингҳо метавонанд дар ҷараёни хусусигардонии корхонаи давлатӣ, дар натиҷаи азнавташкилкунӣ (ҷудошавӣ), бадастоварданӣ пакети назоратии саҳмияи сармояи оинномавии ҷамъиятӣ фаръӣ, дар натиҷаи созишнома (шартнома) ё дигар асосҳо, ки дар натиҷаӣ он муносибатҳои холдингӣ барқарор карда мешаванд, бавуҷуд оянд.

Шакли дигари иттиҳоди соҳибкорон ширкати оддӣ ба ҳисоб меравад. Дар бораи итиҳодияи корпоративӣ сухан ронда мо ширкати оддиеро низ дар назар дорем, ки бо мақсади соҳибкорӣ таъсис дода мешавад ва иштирокчиёни худро дорад. Тибқи м. 1146 КМ ҶТ ширкати оддӣ иттиҳодӣ ду ё зиёда шахсоне мебошад, ки уҳдадор мегарданд, то ҳиссаҳои худро муттаҳид намуда, якҷоя, бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ барои ба даст овардани фоида ё ноил шудан ба мақсади дигар, ки хилофи қонун намебошад, амал кунанд. Иштирокчиёни он соҳибкорони инфиродӣ ва (ё) ташкилотҳои тиҷоратӣ мебошанд, ки ихтиёран дар асоси шартнома фаъолияти якҷоя ба роҳ мемонанд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ баъзе муаллифон шартномаи фаъолияти якҷояро дар

---

[93] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод.331; с.2013, №11, мод. 786; Қонуни ҶТ аз 27.11.2014 с.,№ 1154.

маънои васеъ ва маҳдуд барраси менамоянд. Дар маънои васеъ ба ғайр аз шартномаи фаъолияти якҷоя, инчунин, шартнома дар бораи таъсисӣ ҷамъияти саҳомиро низ дар назар доранд. Дар маънои маҳдуд бошад шартномаи фаъолияти якҷояро ҳаммаъно ба ширкати оддӣ мефаҳманд[94]. Ба ақидаи А. Б. Савельева дар байни ин намуди шартномаҳо фарқияти ҷиддӣ мавҷуд мебошад. Шартномаи фаъолияти якҷоя муттаҳид намудани молу мулк ва ё дигар саҳмҳои иштирокчиёнро талаб наменамояд. Танҳо созиш намудан барои ноил шудан ба ягон мақсад ба ақидаи муаллиф барои он кифоя мебошад. Дар шартномаи фаъолияти якҷоя яке аз элементи муҳим ҳатман муттаҳид намудани саҳмӣ шарикон мебошад. Муаллиф чунин ҳисоб менамояд, ки хотирнишон кардани шартномаи фаъолияти якҷоя дар моддаи 1041 КГ ФР (1146 КМ ҶТ) маънои онро надорад, ки шартномаи фаъолияти якҷоя ва шартномаи шарикии оддӣ як чиз мебошанд. Ин танҳо як тарзи ҳуқуқӣ- техникие мебошад,ки имконият медиҳад меъёрҳои дахлдори шартномаи ширкати оддиро ба он паҳн намоем[95].Ақидаи мазкурро тақвият дода дар адабиёти ҳуқуқӣ қайд менамоянд, ки шартномаи шарикии оддӣ яке аз намудҳои шартномаи фаъолияти якҷоя мебошад[96].

Бояд қайд намоем, ширкати оддӣ иттиҳодияи корпоративие мебошад, ки вазъӣ ҳуқуқии шахси ҳуқуқиро надорад, вале ягонагии ташкилие мебошад, ки ба заминаи ягонаи ташкили асос меёбад.Шарикии оддиро аз намудҳои гуногуни шартномаҳо дар бораи ҳамкорӣ, дар бораи ёрии байниҳамдигарӣ ва ғ., ки аз рӯи табиати худ дутарафа буда,

---

[94] Ниг.: Авилов Г.Е. Гражданский кодекс Российской Федерации. Часть вторая.Комментарий к главе 55. М., 1996. С. 563; Коммерческое (предпринимателйское) право. Учебник.-М., 2009.-С.593-594.

[95] Ниг.:Савельев А.Б. Договор простого товарищества в российском гражданском праве // Актуальные проблемы гражданского права. М., 1998. С. 283.

[96] Ниг.: Корпоративное право /Ответ. ред.- доктор юридических наук.. И.С. Шиткина.- М.,- С. 121.

ба ҳар ҳуқуқӣ як тараф, уҳдадории тарафи дигар рост меояд ва ин тарафҳо дорои мақсади ба созиш ба даст оварда шуда намебошанд ва ҳар як тараф маннфиати худро дорад, фарқ менамоянд.

Аломатҳои муҳими шартномаи фаъолияти якҷоя (ширкати оддӣ), ки онро аз дигар намудҳои шартномаҳо фарқ менамояд чунинанд:,

1. Мавҷудияти манфиат ягонаи иқтисодӣ ва мақсади мувофиққардашудаи иштирокчиён. Бо сабаби манфиат ва мақсади умумӣ доштан иштирокчиёни шартномаи фаъолияти якҷоя наметавонанд ба монанди қарздор ва кредитори анъанавӣ бо якдигар муқовимат намоянд. Субъектҳои он якбора фаъол ва пассив буда, дорои мақсади ягона мебошанд. Хислати бисёртарафи дошта, дар фарқият аз шартномаҳои дутарафаи муқаррарӣ, ҳеҷ гуна манфиатҳои ба ҳам зид бо ҳам надоранд.

2.Хислати ташкилӣ дорад. Мақсади ягонаи шартномаи фаъолияти якҷоя ташкил кардани ягонагии ташкилӣ мебошад.Чунин ягонагии ташкилӣ ба иштирокчиёни он имконият медиҳад, ки дар муносибатҳои молумулкӣ муттаҳидона баромад намуда, мақсади мувофиққар-дашударо амалӣ намоянд.

Пешбурди корҳои умумии шарикони шартнома оид ба фаъолияти якҷоя бо тартиби пешбининамудаи шартнома анҷом дода мешавад. Ҳангоми пешбурди корҳои умумӣ ҳар як шарик ҳуқуқ дорад аз номи ҳамаи шарикон баромад кунад, агар дар шартнома муқаррар нагардида бошад, ки ҳамаи шарикон корро якҷоя пеш мебаранд ва ё пешбурди кор ба зиммаи шарикони алоҳида вогузор карда шудааст. Ҳангоми пешбурди яҷояи кор барои анҷом додани ҳар як аҳд розигии ҳамаи шарикон талаб карда мешавад. Дар муносибат бо шахсони сеюм ваколатҳои шарик барои аз номи ҳамаи шарикон бастани аҳд тибқи ваколатномае, ки ба он шарикон додаанд, тасдиқ карда мешавад ё аз шартнома бармеоянд. Дар муносибат бо шахсони сеюм шарикон наметавонанд ба маҳдуд будани ҳуқуқ оид ба пешбурди

корҳои умумии шарике, ки аҳдро анҷом додааст, истинод намоянд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар онҳо исбот намоянд, ки ҳангоми бастани аҳд дар мавриди мавҷуд будани чунин маҳдудият шахси сеюм медонист ё мебоист донад. Шарике, ки аз номи ҳамаи шарикон аҳд содир кардааст ва барои пешбурди онҳо ҳуқуқи он маҳдуд буд ё ба манфиати ҳамаи шарикон аҳдро аз номи худаш бастааст, агар зарурати ин аҳд дар мухлатҳои оқилона аз ҷониби шарикони дигар мавриди баҳс қарор нагирифта бошад, ба ҷуброни маблағҳои хароҷоти аз ҳисоби худ масрафнамудааш ҳуқуқ дорад. Агар бо чунин аҳд ба шарикони дигар зиён расонда шуда бошад, онҳо ҳуқуқ доранд ҷуброни зиёнро талаб намоянд. Агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, қарорҳои вобаста ба корҳои умумӣ аз ҷониби шарикон бо мувофиқаи умум қабул карда мешаванд (м. 1149 КМ ҶТ). Фоидаи дар натиҷаи фаъолияти якҷоя бадастовардаи шарикон, агар дар шартнома ё дигар созишномаи шарикон тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад, мутаносибан ба арзиши ҳиссаи шарикон ба кори умумӣ тақсим карда мешавад (м. 1152 КМ ҶТ)..

Яке аз намудҳои ширкати оддӣ, ширкати сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Мақсади таъсис додани онҳо ҷалб намудани сармоя ба иқтисодиёти Тоҷикистон, инчунин, амалӣ намудаи лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва навоварӣ бо роҳи амали намудани фаъолияти якҷоя оид ба сармоягузории молумулкӣ муштараки онҳо мебошад.

Намудҳои гуногуни ширкати оддӣ дар таҷрибаи ҷаҳонии хоҷагидорӣ консорсум, картел, синдикат, пул ва ғ. мебошанд. Қонунгузории амалкунанда тоҷикистон таъсис додани пулҳоро дар кишвари мо низ дар назар дорад. Пулҳо муттаҳидшавии иштирокчиёни онҳоро бо мақсади ғун кардани маблағҳояшон (воситаҳо) барои якҷоя истифода бурдани қисми муайяни бозор ва тақсими даромад дар охири давраи пули бо пешаки муайян кардани таносиби онҳо таъсис дода мешаванд. Намуди махсуси пулҳо, пулҳои суғуртавӣ мебошанд. Тибқи Қонуни ҶТ аз 23 июли соли 2016

«Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»[97] пулҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), иттиҳодияи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мебошанд, ки фаъолияти суғуртавиро аз рӯи намудҳои алоҳидаи суғуртавӣ ё тавакалҳои (хавфҳои) суғуртавӣ дар асоси шартномаи рафоқати оддӣ (шартнома дар бораи фаъолияти муштарак) якҷоя бо мақсади таъмини устувории фаъолияти суғуртавӣ амалӣ менамоянд(м. 2 ). (Муфассал, дар ин бора ба параграфи 2 боби 6 нигаред).

## §7. Кооперативҳои тиҷоратӣ

Кооперативҳои тиҷоратӣ яке аз намудҳои корпоратсияҳои тиҷоратӣ буда, субъекти мустақили фаъолияти соҳибкорӣ ба шумор мераванд. Дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ нақши онҳо дар фаъолияти хоҷагидорӣ хело меафзояд. Дар Иттиҳоди Шуравӣ соли 1988 Қонун «Дар бораи кооператсия» қабул шуда буд. Он барои инкишофи кооператив асос гузошта, барои гузаштан ба иқтисоди бозорӣ замина муҳайё намуд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992 Қонуни ҶТ «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»[98] қабул карда шуд. Баъди қабули қ. 1. Кодекси гражданӣ «Кооперативҳои истеҳсолӣ» ба сифати як намуди ташкилоти тиҷоратӣ эътироф карда шудаанд. Дар асоси талаботи Кодекси маданӣ, Қонуни ҶТ аз 2 декабри соли 2002 «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ»[99] қабул карда шуд. Мақсад аз қабули Қонуни мазкур рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар Тоҷикистон буд. Зеро, шаклҳои ташкили ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти тиҷоратӣ дар кишвари мо ниҳоят зиёд мебошанд. Бо ворид намудани тағйиру иловаҳо

---

[97] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2016, №7, мод. 627; Қонунҳои ҶТ аз 02.01.2018 с., №1487; аз 2.01.2019 с., № 1573.

[98] Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992, № 7, мод.105; соли 1995, №22, мод. 268, соли 2002, №11, мод. 702; соли 2008, №1 қисми 2, мод. 13.

[99] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2002, №11, мод. 687.

ба Кодексӣ маданӣ (соли 2013) ва қабули Қонуни ҶТ аз 22 июли соли 2013 «Дар бораи кооперативҳо»[100], Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳои истеҳсолӣ» беъэтибор дониста шуда, кооперативҳои истеҳсолӣ яке аз намудҳои кооперативҳои тиҷоратӣ эътироф карда шуданд. Дар замони ҳозира ҳолати ҳуқуқии кооперативҳои тиҷоратӣ дар асосӣ Кодекси маданӣ (м.115-120 КМ ҶТ) ва Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳо» ба танзим дароварда мешавад. Тибқи моддаи 1 Қонуни ҶТ дар бораи копеpативҳо, кооператив иттиҳодияи мустақил ва ихтиёрии бо тартиби муқаррааргардида бақайдгирифташуда мебошад, ки дар асоси узвияти шахсон бо мақсади қонеъ намудани талаботи муштараки иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар талаботи онҳо, инчунин, саъю кӯшиши шахсони мазкур тавассути муттаҳидкунии молу мулк (аъзоҳаққии саҳмӣ) ва таъсиси ташкилоти ба таври демократӣ идорашавандаи молумулки якҷоя таъсис дода мешаванд. Дар моддаи мазкур аломатҳои фарқкунандаи кооператив аз дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла ширкат ва ҷамъиятҳои хоҷагӣ муайян карда мешавад. Онҳо ба мо дар маҷмӯъ имконият медиҳад, ки кооперативро ҳамчун иттиҳодӣ сармоя ва шахсон баҳо диҳем. Ҳолати мазкур дар он маънӣ аҳамияти муайян дорад, ки ё як омил (муттаҳид кардани сармояҳо), ё дигар (муттаҳидшавии шахсон), ё ин ки таъсири якҷояи онҳо дар ҳолати ҳуқуқии кооператив аҳамияти афзалиятнок доранд. Танҳо дар якҷоягӣ ҳамаи ин омилҳо вазъӣ ҳуқуқии кооперативро ҳамчун шакли ташкилӣ ҳуқуқии соҳибкорӣ муайян менамоянд.

Маҳз барои он, ки копеpативӣ тиҷоратӣ аз муттаҳиднамоии сармояҳо иборат мебошад мақсади он гирифтани фоида мебошад. Ва баръакс танҳо барои он, ки кооператив аз муттаҳидшавии шахсон иборат мебошад вай наметавонад манфиати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар

[100] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 519.

манфиатҳои аъзои кооперативро ба назар нагирад. Дар натиҷа мақсади гирифтани фоида бо мақсади шахсон дар якҷоягӣ асоси фаъолияти кооперативро ташкил медиҳад. Аз ин ҷо ба хулоса омадан мумкин аст, ки мақсади асосии кооператив дар иқтисодӣ бозорӣ нисбат ба мақсади ҷамъиятӣ хоҷагӣ дигар мебошад. Аммо, танҳо барои он, ки кооператив аз иттиҳоди шахсоне иборат мебошад ҳангоми ҳаллӣ масъалаҳои идора кардани он дар қатори аъзои кооператив дигар аъзои кооператив низ овоз медиҳад, на сармояи гузоштаи он. Аз ин ҷо новобаста аз андозаи аъзоҳақӣ (пай) ҳар як аъзои кооператив аз рӯи принсипи як овоз амал менамояд. Дар охир бо дарназардошти он, ки кооператив аз итттиҳоди сармоя ва шахсон иборат мебошад вай наметавонад ташкилоте бошад, ки ба худидоракунӣ ва сармоя, инчунин, шахсон асос (строяҳейся) ёбад.

Амалан ин чунин маъно дорад: аввало, аъзоёни кооператив ҳуқуқ ба иштирок ва ба фоида, инчуни, идоракунӣ доранд ва баъдан, дар кооператив сухан мумкин ва бояд дар бораи худи идоракунӣ, сармоя ва шахсон равад. Аз лиҳози ҳуқуқ ин дар он ифода меёбад, ки дар қонунгузорӣ масалан, муқаррар карда шудааст, ки аъзои кооператив - шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие шуда метавонанд, ки ба қарори таъсисёбии аъзои кооператив имзо гузоштаанд ё ин ки ба узвияти кооператив баъд аз бақайдгирии қабул гардидаанд. (м.1 Қонуни мазкур), на кормандони кироя.

Кооперативҳо метавонанд дар ду шакли зерин таъсис дода шаванд:

а) кооперативи ғайритиҷоратӣ;

б) кооперативи тиҷоратӣ.

Кооперативи ғайритиҷоратӣ ташкилоти ғайритиҷоратӣ буда, мутобиқи оинномаи кооператив асосан ба аъзои худ хизмат намуда, даромади софи он, ки дар натиҷаи хизматрасониҳо ба шахсони сеюм ба даст оварда шудааст, дар байни аъзои он тақсим карда намешавад.

Кооперативи тиҷоратӣ ташкилоти тиҷоратӣ буда, асосан ба шахсони сеюм хизмат расонда, даромади софи он

дар байни аъзои он тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни зикршуда ва оинномаи кооператив тақсим карда шавад (м. 115 КМ ҶТ).

Кооперативҳои тиҷоратӣ метавонанд фаъолияти худро дар соҳаҳои истеҳсолот, сохтмон, коркард, фурӯши маҳсулот, хизматрасонӣ, савдо, кишоварзӣ, суғурта, қарздиҳӣ (кредитдиҳӣ) ва дигар соҳаҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ намоянд.

Чи тавре, ки мебинем кооперативҳои тиҷоратӣ дар соҳаи қарздиҳӣ низ таъсис дода шуданаш мумкин аст. Ба хотири фаъолият намудани онҳо Қонуни ҶТ аз 19 марти соли 2013 «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ»[101] қабул карда шуд. Тибқи он **иттифоқҳои қарзӣ** ташкилотҳои ғайритиҷоратии қарзие мебошанд, ки дорои ҳуқуқҳои шахси ҳуқуқӣ буда, барои ба аъзои худ расонидани хизматҳои молиявӣ бо роҳи муттаҳид намудани воситаҳои пулии шахсии аъзояш ва қарздиҳии байниҳамдигарии онҳо таъсис дода мешаванд (м. 1 Қонун).

Бояд қайд намоем, ки аз мавриди қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳо» вақти зиёде гузашта бошад ҳам дар ҳолати то 2 августи соли 2022 дар Феҳристи ягонаи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкоони инфиродӣ дар сайти Бонки миллии Тоҷикистон ва бюллетени омории бонкии БМТ оид ба аз қайди давлатӣ гузаштани кооперативҳои қарзӣ маълумот мавҷуд намебошад. Ин ба мо ҳуқуқ медиҳад, ки оиди дар кишвар набудани кооперативҳои қарзӣ ибрози ақида намоем[102]. Сабаби асосии фаъолият накардани онҳо аз

---

101 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, №3, мод. 185.

(дата обращения: 02.08.2022г.); Список кредитных организаций, функционирующих на территории Республики Таджикистан. Режим доступа: https:// 102 Единый государственный реестр. Сведения о юридических лицах налогоплательщиках. Режим доступа: https://andoz.tj/Fehrist/Ur?culture=ru-RUnbt.tj/ru/banking_system/spisok_audit.php (дата обращения: 02.08.2022г.); Национальный банк Таджикистана. Статистический банковский бюллетень. Март 2022 (320). Режим доступа:

он иборат мебошад, ки иттифоқҳои қарзӣ аз кооперативҳои қарзӣ вобаста ба фаъолияташон аз ҳамдигар фарқ наменамоянд. Таҳлилӣ моддаҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи кооперативҳо» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ» нишон медиҳад, ки кооперативҳои қарзӣ дар шакли ташкилоти тиҷоратӣ ва иттифоқҳои қарзӣ дар шакли ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таъсис дода мешаванд. Вале вазифаи ягонаро иҷро менамоянд. Дар бораи монандии онҳо дар адабиёти иктисодии ватанӣ ибрози ақида намудаанд[103]. Дар давлатҳое, ки кооперативҳои қарзӣ фаъолият менамоянд, одатан иттифоқҳои қарзӣ мавҷуд намебошанд. Дар Тоҷикистон расман мавҷудияти ҳардуи онҳо эътироф карда шудаанд. Новобаста аз ин ҳам баъзе муаллифон дар байни иттифоқҳои қарзӣ ва кооперативҳои фарқ мегузоранд. Ба ақидаи онҳо Иттифоқи қарзӣ манфиати шаҳрвандонро муаррифӣ менамояд. Кооперативи қарзӣ бошад манфиати шаҳрванди соҳибкорро, ки мақсадаш гирифтани фоида мебошад[104].Ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ иттифоқи қарзӣ аз рӯи принсипи фаъолият тиҷоратӣ амал менамояд[105].

Итифоқҳои қарзӣ ва кооперативҳои қарзӣ (кредитӣ) функсияи ягонаи молиявиро иҷро менамоянд. Он дар дастгирии молиявии аъзоёнашон ифода меёбад. Пешбини намудани ҳарду субъектҳои номбаршуда дар қонун муқарраротӣ беназакотонаи ҳуқуқӣ мебошад. Дар як низоми ҳуқуқӣ ду субъекти бо номҳои гуногуни бо ҳам монанд, ки вазифаи молиявии ягонаро иҷро менамоянд қобили қабул намебошад. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки зарурияти

https://nbt.tj/ru/statistics/statistical_bulletin.php (дата обращения: 02.08.2022г.).

[103] *Хикматов У. С.* Микрофинансирование: теория, методология, перспективы развития. -Душанбе: ИРФОН, 2016. -С. 19-20.

[104] *Кульматова Р. У.* Кредитные союзы – особое звено банковской системы // Дайджест-Финансы. -2006. -№ 3 (135). -С. 17, 19..

[105] *Темирбекова Б. М., Карабаева Н. Ш.* Кредитные союзы - важнейший источник финансового обеспечения сельских товаропроизводителей // Вестник Бишкекского гуманитарного университета. -2016. -№ 3-4 (37-38).- С. 274.

яке аз ин ташкилотҳоро аз низоми банкии Тоҷикистон хориҷ намудан ба миён омадааст. Ҳамзамон, зарурият ба омехта кардани иттифоқҳои қарзӣ ба иттифоқҳои (ассатсияҳои) ташкилотҳои қарзӣ намебошад. Онҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд.

Копеоативҳои тиҷоратӣ дар асоси принсипҳои узвияти ихтиёрӣ ва ошкоро дар кооператив; кӯмаки мутақобила ва ҳифзи бартариҳои иқтисодӣ барои аъзои кооператив; идоракунии демократӣ; расидан ба ҳадафҳо доир ба беҳтаркунии шароити иқтисодӣ ва иҷтимоии аъзои кооператив; нигоҳдории мустақилияти иқтисодӣ ва соҳибкории аъзои кооператив; таъмини дастрасии аъзои кооператив ба таҳсилот ва омӯзиш, инчунин пешбурди фаъолияти шаффофи кооператив (м. 5 Қонун) амалӣ менамоянд. Кооперативи тиҷоратӣ аз ҷониби на камтар аз се шахси воқеӣ ё шахсони ҳуқуқӣ таъсис дода мешавад. Кооператив аз рӯзи бақайдгирии давлатиаш мақоми шахси ҳуқуқиро доро мешавад. Давлат ва мақомоти давлатӣ ҳуқуқи дахолат намудан ба фаъолияти кооперативҳоро, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ кардааст, надоранд (м. 6). Кооперативӣ тиҷоратӣ дорои ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои муайян мебошанд. Аз ҷумла, ҳуқуқ дорад, ки аъзои кооперативи дигар ё иттиҳодия (ассотсиатсия) ва ташкилоти дигар бошад; оинномаи худро тасдиқ ва ба он тағйиру иловаҳо ворид намояд; аз аъзои кооператив пардохти зарари иқтисодиро талаб намояд, агар оинномаи кооператив инро пешбинӣ намуда бошад ва ғ.

Ҳамзамон, кооперативи тиҷоратӣ уҳдадор аст феҳристи аъзои кооператив ва саҳмҳои онҳоро ба роҳ монад; мутобиқи қонунгузорӣ баҳисобгирии муҳосибии мувофиқро ба роҳ монад; нусхаи оинннома, рӯйхати аъзои кооператив ва маълумотро дар бораи онҳо барои гузаронидани санҷиш дар ҳар вақти муносиб ва аз рӯи суроғаи бақайдгирифташудаи кооператив ройгон пешниҳод намояд; ҳуҷҷатҳои молиявии худро барои гузаронидани санҷиши аудиторӣ ба аудитори мустақил пешниҳод намояд ва ғ.

Ҳуҷҷати таъсисии он оинномаи буда, аз ҷониби маҷлиси умумии аъзои он тасдиқ карда мешавад. Оинномa маълумотҳоро дар бораи номи фирмавии кооператив; суроғаи кооператив; мақсадҳои кооператив; арзиши номиналии як саҳми кооператив; шартҳо ва тартиби қабул ба узвияти кооператив; тартиби пардохти аъзоҳаққиҳои саҳмӣ, дохилшавӣ ба узвияти кооператив ва дигар маблағҳо, инчунин, шартҳои интиқол ва ба пули накд табдил додани саҳмҳои кооператив; тартиби гузашт кардани саҳм; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзои кооператив ва дараҷаи ҷавобгарии онҳо вобаста ба қарзҳои кооператив; шартҳои баромадан аз узвияти кооператив; тартиби даъват ва гузаронидани маҷлисҳои умумии аъзои кооператив ва дигар маҷлисҳо, машваратҳо, тартиби овоздиҳӣ; тартиби тақсимоти даромади соф ва ҷуброни зарарҳои ҳамасолаи кооператив; тартиби намояндагии ташкилоти аъзои кооператив дар маҷлиси умумии аъзои кооператив, тартиби овоздиҳии вакилон, муҳлати иҷрои уҳдадориҳо, вале на зиёда аз се сол ва озод намудани вакилон аз вазифаҳояшон; уҳдадориҳои шахсони мансабдори кооператив ва дигар маълумотҳое, ки хилофи қонунгузорӣ намебошанд, амалӣ менамояд (м.10).

Аъзои кооператив шахси воқеӣ, ки ба синни шонздаҳ расидааст ва шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи Қонуни кооператив ҳамчун кооператив ё ҳамчун дигар шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст ва ба талаботи пешбининамудаи оинномаи кооператив ҷавобгӯ мебошад шуда метавонанд. Онҳо дорои ҳуқуқҳои истифода бурдан аз ҳамаи хизматрасониҳои кооператив; интихоб кардан ё интихоб шудан ба мақомоти идоракунии кооператив; дар бораи фаъолияти кооператив маълумоти пурра гирифтан; як ҳиссаи даромади софи кооперативро, ки барои тақсимот дар байни аъзои он пешбинӣ шудааст, инчунин намудҳои дигари маблағҳои дар оинномаи кооператив пешбинишударо гирифтан; аз имтиёзҳое, ки оинномаи кооператив барои аъзои худ пешбинӣ намудааст, истифода бурдан; бо ихтиёри худ аз кооператив баромадан ва гирифтани маблағҳои

пешбининамуда; барои ҳимояи ҳуқуқҳои худ ба суд муроҷиат намудан ва ғ. мебошанд.

Аъзои кооператив на танҳо ҳуқуқ балки ухдадори низ доранд. Аз ҷумла: риоя намудани талаботи оинномаи кооператив; пардохти аъзоҳаққии саҳмӣ мувофиқи тартиби дар оинномаи кооператив пешбинишуда; ширкати меҳнатии шахсӣ ва ё бо тарзи дигар ширкат варзидан дар фаъолияти кооператив; ҷавобгарии иловагӣ вобаста ба ӯҳдадориҳои кооператив аз рӯи андоза ва тартибе, ки Қонуни кооператив ва оинномаи кооператив пешбинӣ намудааст ва ғ. Сармояи аввалияи кооперативи тиҷоратиро аъзоҳаққии саҳмии аъзои он ташкил медиҳад, ки барои пӯшонидани хароҷоти вобаста ба таъсис ва ташкили фаъолияти он пешбинӣ шудааст. Аъзоҳаққии саҳмии ба кооператив воридшаванда метавонад аз пул, коғазҳои қиматнок, ашё, ҳуқуқи молумулкӣ, ҳуқуқ ба маҳсули натиҷаҳои моликияти зеҳнӣ ва дигар молу мулк иборат бошад. Узви кооператив ӯҳдадор аст, ки дар давоми на зиёда аз як сол аз санаи бақайдгирии давлатии кооперативи тиҷоратӣ пурра пардохти аъзоҳаққии саҳмии худро супорад.

Пардохти аъзоҳаққии саҳмии аъзои кооператив наметавонад молу мулки ба гаравмонда бошад. Ҳар як узви кооператив, новобаста ба миқдори саҳмҳои доштааш танҳо як овоз дорад. Узви кооператив шахсан овоз медиҳад. Агар оинномаи кооператив овоздиҳиро ба воситаи ваколатнома пешбинӣ намояд, дар ин ҳолат узви кооператив наметавонад зиёда аз ду аъзои дигари кооперативро дар маҷлиси умумии аъзои кооператив намояндагӣ кунад. Дар ҳолати намояндагии ташкилот ҳамчун узв, ҳуқуқи овоздиҳиро танҳо шахси ваколатдор дошта метавонад (м.14). Узви кооператив ҳуқуқ надорад, ки бештар аз сӣ фоизи саҳмҳои кооперативро соҳиб шавад. Ин маҳдудият ба кооперативе, ки узви кооператив мебошад, дахл надорад (м. 15). Узви кооператив, собиқ узв ё вориси узви фавтидаи кооператив метавонад саҳми худро танҳо ба узви амалкунанда ё ояндаи кооператив гузашт намояд, ба шарте

ки чунин гузаштномоӣ ба фоидаи кооператив бошад.Узви амалкунанда ё собиқи кооператив аз рӯи уҳдадориҳои кооператив дар доираи арзиши ақалли саҳмҳо, ки моликияти ӯ мебошанд ё аз тарафи ӯ имзо гардидаанд, масъул мебошад. Агар оинномаи кооператив андозаи масъулияти аъзоро аз арзиши ақалли саҳмҳо, ки моликияти онҳо мебошанд, ё аз тарафи онҳо имзо гардидаанд, бештар муайян намуда бошад, масъулият ба маблағи муқаррарнамудаи оинномаи кооператив паҳн мегардад (м.17).

Узви собиқи кооператив аз рӯи уҳдадориҳои кооператив дар он шакле ки онҳо дар давраи қатъи узвияти ӯ қарор доштанд, вале на зиёда аз ду сол пас аз баромадани ӯ аз кооператив, масъул мебошад. Ворисони узви фавтидаи кооператив дар доираи арзиши ақалли саҳмҳои дар моликият буда ё имзонамудаи узви фавтидаи кооператив барои уҳдадориҳои кооператив, дар он шакле, ки онҳо пас аз фавти узви кооператив вуҷуд доштанд, вале на зиёда аз ду сол баъд аз фавти ӯ, масъул мебошанд (м. 18). Узви кооператив зимни риояи шартҳо ва огоҳонидани кооператив метавонад мутобиқи тартиби дар оинномаи кооператив пешбинишуда аз кооператив барояд. Огоҳсозӣ дар бораи аз кооператив баромадани узви он дар муҳлатҳои пешбининамудаи оинномаи кооператив, вале на зиёда аз як сол амалӣ мегардад (м.19).

Узви кооператив дар сурате, ки ӯ муқаррароти Қонуни мазкур, оинномаи кооператив ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро риоя накунад, бо қарори на камтар аз се ду ҳиссаи иштироккунандагон ва овоздиҳандагон дар маҷлиси умумии аъзои он метавонад аз узвияти кооператив хориҷ карда шавад. Раёсати кооператив ба чунин узв маълумотро дар шакли хаттӣ на дертар аз ҳафт рӯз қабл аз баргузории маҷлиси умумии аъзои кооператив пешниҳод менамояд.

Идоракунии кооператив аз тарафи мақомоти идоракунии он амалӣ карда мешавад Мақомоти идоракунӣ ва назоратии кооператив маҷлиси умумии аъзои кооператив,

шӯрои нозирони кооператив ва раёсати кооператив мебошад.

Мақоми олии идоракунии кооператив маҷлиси умумии аъзои он мебошад. Маҷлиси умумии аъзои кооператив аз ҷониби раёсат ҳар сол аз рӯи зарурат, вале на дертар аз шаш моҳ баъд аз ба итмом расидани соли молиявӣ, даъват карда мешавад.

Шумораи умумии аъзои кооператив агар зиёда аз сад нафарро ташкил диҳад, дар он сурат маҷлиси вакилони кооператив метавонад маҷлиси умумии аъзои кооперативро, ки дар он ҳар як вакил шумораи муайяни аъзоро намояндагӣ мекунад, иваз намояд. Шумораи вакилон дар кооператив набояд аз панҷоҳ нафар камтар бошад. Маҷлиси умумии аъзои кооператив ваколатҳои тасдиқи оинннома ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба он; баррасӣ ва тасдиқи протоколи маҷлиси умумии аъзои кооператив; баррасии ҳисоботи аудиторҳо, раёсат ва дигар ҳисобот; тасдиқи ҳисоботи молиявӣ; қабули қарорҳо дар бораи пардохтҳои кооператив, даромадҳо ва тартиби ҷуброни зарар ва фоидаи соф оинномаи кооператив; тасдиқи қарорҳо дар бораи қабул ва хориҷ намудани аъзои кооператив; интихоби аъзои раёсат; таъини аудиторҳои кооператив; баррасӣ ва муқаррар намудани андозаи ҳадди аксари қарзгирӣ аз ҷониби кооператив; муқаррар намудани фондҳои кооператив ва тартиби истифодаи онҳо; таъсис ва барҳамдиҳии намояндагӣ ва филиалҳои кооператив; ҳалли масъалаҳои вобаста ба пардохти аъзоҳаққии иловагӣ; ҳалли масъалаҳои вобаста ба азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии кооператив ва баррасии дигар масъалаҳои қонунгузорӣ ва оинномаи он пешбиннамударо дорад (м.23).

Шурои нозирони кооператив метавонад дар ҳолати зарурӣ маҷлиси умумии ғайринавбатии аъзои кооперативро даъват намояд. Маҷлиси умумии ғайринавбатии аъзои кооператив аз ҷониби раёсати кооператив, инчунин ҳангоми гирифтани дархости дахлдор дар бораи гузаронидани чунин маҷлис, ки на кам аз сеяки аъзои кооператив ба он имзо

гузоштанд, даъват карда мешавад. Дар сурате ки, агар кооператив бештар аз сесад нафар аъзо дошта бошад, дархост дар бораи гузаронидани маҷлиси ғайринавбатии аъзои кооператив бояд аз ҷониби на камтар аз сад нафар имзо карда шавад. Чунин дархост бояд ба рӯзномаи маҷлиси умумии ғайринавбатии аъзои кооператив ворид карда шавад.

Дар маҷлиси умумии аъзои кооператив қарорҳо бо аксари овозҳои аъзои иштироккунандаи кооператив ё вакилон қабул карда мешаванд. Агар дар оинномаи кооператив ҳолати дигаре пешбинӣ нашуда бошад, дар сурати ба таври баробар тақсим шудани овозҳо, қарорҳо қабулнашуда ҳисобида мешаванд.

Интихоби шахсони мансабдори кооператив ба таври овоздиҳии кушода гузаронида мешавад. Зимнан бо талаби аъзои кооператив овоздиҳии пинҳонӣ низ гузаронида мешавад.

Маҷлиси умумии аъзои кооператив дар ҳолате салоҳиятнок мебошад, ки дар он аз се ду ҳиссаи аъзо ва ё вакилони кооператив иштирок дошта бошанд(м.26).

Дар кооперативи дорои шумораи зиёда аз сад аъзо, шурои нозирони кооператив таъсис дода мешавад, ки он аз рӯи фаъолияти раёсати кооператив назорат мебарад. Аъзои шурои нозирони кооператив дар маҷлиси умумии аъзои кооператив интихоб карда мешаванд. Шурои нозирони кооператив аз байни ҳайати худ раиси шурои нозирони кооперативро интихоб мекунад. Узви шурои нозирони кооператив наметавонад ҳамзамон узви раёсати кооператив ё раиси кооператив бошад. Аъзои шурои нозирони кооператив ҳуқуқи аз номи кооператив анҷом додани амалҳоро надоранд. Кооперативҳое, ки камтар аз сад аъзо доранд, метавонанд бе шурои нозирон фаъолият намоянд. Шурои нозирони кооператив дорои ҳуқуқҳои дархост намудани ҳисоботи раёсати кооператив дар бораи фаъолияти кооператив, санҷидани ҳуҷҷатҳо ва пули нақди хазинаи кооператив, назорат намудан аз болои захираҳои

моддиву истеҳсолӣ ва дигар ҳуқуқҳое, ки дар оинномаи кооператив муайян шудаанд, инчунин, вогузор намудани ин ваколатҳо ба уҳдаи дигар шахсон; талаб намудани гузаронидани аудити берунӣ ва боздошти ваколати раёсати кооперативро дорад. Шурои нозирони кооператив дорои уҳдадориҳо оид ба гузаронидани аудити ҳисоботи молиявии тавозунӣ ва солонаи кооператив, ибрози андешаҳои худ дар бораи тақсимоти пешниҳодшудаи даромади соф ва зарари солонаи кооператив, омода намудани пешниҳодҳо дар бораи пӯшонидани хароҷот, инчунин, иттилоотдиҳӣ оид ба натиҷаҳои санҷишҳои гузаронидашуда дар маҷлиси умумии аъзои кооператив; пешниҳоди ҳисобот ба маҷлиси умумии аъзои кооператив дар бораи фаъолияти худ; дар сурати боздоштани ваколати раёсати кооператив, дар муддати на камтар аз сӣ рӯз маҷлиси умумии аъзои кооперативро барои қабул намудани қарор дар бораи фаъолияти ояндаи раёсати кооператив даъват намояд ва барои зараре, ки бинобар сабаби иҷро нагардидани уҳдадориҳои худ ва риоя накардани оинномаи кооператив ё қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расонида шудааст ҷавобгариро ба зимма дорад (м. 27 Қонун).

Ҳар як кооператив дорои раёсат мебошад, ки онро на камтар аз ду нафар ва на зиёда аз панҷ нафар аъзо ташкил медиҳад. Ба ҳайати раёсат раис ва хазинадор, ки онҳоро аъзои раёсати кооператив аз байни аъзои синнашон ба ҳаждаҳ расида интихоб мекунанд, дохил мешаванд.(м.28).

Раёсати кооператив дорои ваколатҳои қабул намудани қарор дар бораи намояндагии манфиатҳои кооператив дар судҳо ва дигар мақомоти давлатӣ; қабул намудани қарор дар бораи бастани аҳдҳо бо шахсони сеюм; роҳандозӣ ё анҷом додани роҳбарии умумӣ ба фаъолият ва истифодаи молумулки кооператив; қабули қарор дар бораи ба кор қабул кардан ва аз кор озод намудани кормандони кирояи кооператив; кушодани суратҳисобҳо дар бонкҳо ва дигар ташкилоти қарзӣ; манзур намудани пешниҳодҳо дар бораи тақсимоти даромади соф ва зарарҳое, ки дар тӯли соли

гузаштаи молиявӣ ба вуҷуд омадаанд, андозаҳои мукофотпулӣ ва пардохтҳои кооперативӣ дар маҷлиси умумии аъзои кооператив тибқи қонун ва оинномаи кооператив; баррасӣ ва қабули тадбирҳои фаврӣ оид ба масъалаҳое, ки дар ҳисоботи аудиторҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд; истифодабарӣ аз ҳамаи ваколатҳои зарурӣ барои таъминоти ҳамаҷониба ва идоракунии муносиби фаъолияти кооператив ва ғ. мебошад.

Баргузории ҷаласаҳои раёсати кооператив аз рӯи зарурат муайян гардида, ҳар семоҳа на кам аз як маротиба гузаронида мешавад. Ҷаласаи раёсати кооперативро ҳангоми иштироки бештар аз нисфи шумораи умумии аъзои он гузаронидан мумкин аст. Қарорҳо бо шумораи бештари овозҳои аъзои иштироккунандаи раёсати кооператив қабул карда мешаванд.

Молумулки кооператив аз манбаъҳои аъзоҳаққиҳои саҳмии аъзои кооператив, ки андозаи ҳадди ақалли онҳо, тибқи оинномa ба соҳибмулкашон фақат баъд аз баромадан аз аъзогии кооператив бо дарназардошти маҳдудиятҳо дар муҳлат ва тақсимоти зарари муқаррарнамудаи оинномa баргардонида мешаванд; даромади софи ба фонди кооператив интиқолдодашуда; хайрияҳо аз ҷониби шахсони сеюм; аъзоҳаққиҳое, ки оинномаи кооператив пешбинӣ менамояд, аз ҷумла дар асоси ҳаҷму андозаи ширкати узви кооператив дар фаъолияти иқтисодии кооператив ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ташаккул меёбад (м.33).

Кооператив ҳамзамон метавонад дорои фондҳои захиравӣ бошад. Онро кооперативе ташкил дода метавонад, ки дорои даромад аз натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки маблағҳои онро барои кафолати пӯшонидани зарарҳои кооператив истифода менамояд. Маблағҳои фонди захиравии кооператив дар байни аъзои кооператив тақсим карда намешаванд. Дороиҳои пардохтпазири фонди захиравӣ бояд на камтар аз панҷоҳ фоизи маблағҳои онро ташкил диҳанд.

Ҳар як кооператив ба фонди захиравии худ на камтар аз бист фоизи даромадҳоро дар ҷамъбасти соли молиявӣ ҷудо менамояд. Агар андозаи фонди захиравӣ баробари панҷоҳ фоизи маблағи сармояи саҳмии кооператив бошад, кооператив ҳуқуқ дорад ҳиссаҷудокуниро ба фонди захиравӣ то панҷ фоизи даромад кам намояд.

Даромади софе, ки дар ҷамъбасти соли молиявӣ ба даст меояд, бо тартиби зерин тақсим карда мешавад: Аввало, пардохтҳои саҳмӣ ба аъзои кооператив. Андозаи пардохтҳои саҳмӣ дар таносуби фоизӣ бо аъзоҳаққии саҳмӣ набояд аз андозаи дукаратаи андозаи меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон зиёд бошад. Сониян, пардохтҳо ба аъзои кооператив мувофиқи иштироки онҳо дар фаъолияти хоҷагии кооператив; Солисан,пардохти мукофотпулиҳо ба шахсони мансабдори кооператив; ва баъдан ворид намудани ин маблағҳо ба дигар фондҳои кооператив бо андоза ва мувофиқи шартҳои дар Қонуни мазкур ё оиннома ва дигар ҳуҷҷатҳои кооператив пешбинишуда.

Зарарҳои кооператив аз фонди захиравии кооператив ва ё аз ҳисоби кам шудани андозаи саҳмҳои зиёдкардашуда ва ё аз ҳисоби пардохти иловагии аъзоҳаққии саҳмҳо пӯшонида мешаванд (м. 36 Қонун).

Аудити молиявӣ дар кооператив аз ҷониби аудитори мустақил ё кооперативи дар соҳаи аудит махсусгардонидашуда на кам аз як маротиба дар се сол гузаронида мешавад. Дар сурати аз тарафи аудитор ошкор намудани вайронкорӣ дар фаъолияти кооператив, ӯ вазифадор аст, ки дар бораи он ба раёсат, шурои нозирони кооператив, намояндагӣ ва филиалҳои он ва то ҳадди имкон, ба аъзои он хабар расонад.

# *БОБИ 5. ТАШКИЛОТҲОИ ҒАЙРИТИҶОРАТИИ КОРПОРАТИВӢ

## §1.Мафҳум ва намудҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ

Пеш аз он, ки ба баррасии шаклҳои ташкили ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратии аз рӯи принсипи ба аъзоги асосёфта, яъне корпоратсияҳои ғайритиҷоратӣ шуру намоем бо таври мухтасар дар бораи хусусиятҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ибрози ақида менамоем.

Бояд қайд намоем, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ низ яке аз субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин, ҳуқуқи соҳибкорӣ мебошанд.Танзими ҳуқуқии фаъолияти онҳо тибқи қонунгузорӣ аз ҷумла Кодекси маданӣ ва қонунҳои дигари танзимкунандаи намудҳои алоҳидаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалӣ карда мешавад.Шахси ҳуқуқие, ки ба даст овардани фоида мақсади асосии фаъолияташ намебошад ва фоидаи бадастовардаро дар байни иштирокчиён тақсим намекунанд, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ эътироф карда мешавад (қ.1. м. 50 КМ ҶТ). Қобилияти ҳуқуқдории ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ махсус буда, мақсадҳои мушаххасашон дар ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо нишон дода мешавад. Дар фарқият ба ташкилотҳои тиҷоратӣ, ки танҳо дар шаклҳои пешбининамудаи Кодекси маданӣ таъсис дода шуданашон мумкин аст, номгӯи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ошкоро буда, инчунин, дар дигар шаклҳои пешбининамудаи қонун таъсис дода шуданаш мумкин аст (қ. 3 м. 50 КМ ҶТ). Ташкилоти ғайритиҷоратӣ метавонанд дар шакли кооперативҳои ғайритиҷоратӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ё ташкилотҳои динӣ, муассисаҳо, фондҳо, шарикии ғайритиҷоратӣ, корпоратсияҳои давлатӣ, инчунин, дар дигар шаклҳои пешбининамудаи қонун таъсис дода шаванд.

Қайд намудан бамаврид аст, ки номуайяни дар номгӯи шаклҳои ташкили ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар шароити ҳозира боиси беасос зиёд шудани намудҳои

ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ гардида, қисми зиёди онҳо фаъолона ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуданд. Чунин ҳолат боиси дар адабиёти ҳуқуқӣ пайдо шудани ақида дар бораи муқаррар кардани номгӯи аниқи ҳамагуна намуди ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ гардид.[106]

Ҳамзамон, дар адабиёти ҳуқуқӣ масъалаи субъекти фаъолияти соҳибкорӣ ҳисобидани ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мавриди муҳокима қарор дода мешавад. Чунончӣ, Е. А. Суханов масъалаи таснифи шахсони ҳуқуқиро ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ баррасӣ намуда, аввалинро «ба иштирокчии доимии муомилотӣ касбӣ» дохил намуда, дуюминро бошад, аз он хориҷ менамояд[107]. В. В. Долинская ба он ризо шуда, қайд менамояд, ки шахсони ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба шумораи соҳибкорон дохил намешаванд[108]. Ба ақидаи мо С. Д. Могилевский оид ба ин масъала боадолатона қайд менамояд, ки дар амали намудани ҳуқуқ ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳама бояд баробар бошанд. Вале, зимнан барои ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун иштирокчии фаъолияти соҳибкорӣ чунин фаъолият ҳатмӣ мебошад, зеро мақсади асосии онҳо ба даст овардани фоида мебошад. Аз ин ҷо ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамеша дар фаъолияти соҳибкорӣ иштирок менамоянд, бо сабабе, ки:

1) ин ба табиати ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратӣ мутобиқат менамояд;

---

[106] Ниг.: Суханов Е.А. Проблемы развития законодательства о некоммерческих организациях // Хозяйство и право. 2002. N 5. С. 57 – 58; Беляев К.П. О делении юридических лиц на коммерческие и некоммерческие в гражданском законодательстве // Актуальные проблемы гражданского права / Под ред. С.С. Алексеева. М., 2000. С. 41.

[107]Ниг.: Гражданское право: Учебник: В 2 т. / Отв. ред. проф. Е.А. Суханов. 2-е изд., перераб. И доп. М., 1998. Т. 1. С. 181.

[108] Ниг.: Долинская В.В. Современные проблемы и тенденции теории юридических лиц. Государство и право на рубеже веков: Материалы всерос. конф. // Гражданское право. Гражданский процесс / Отв. ред. Т.Е. Абова. М., 2001. С. 111.

2) Онҳо бо сабаби бевосита дар қонун нишон дода шудан уҳдадоранд чунин фаъолиятро анҷом диҳанд[109].

Ташкилоти ғайритиҷоратӣ уҳдадор намебошад, ки ба ҳайси иштирокчии фаъолияти соҳибкорӣ баромад намояд, зеро қонун ба ҳайси мақсади асосӣ на ба даст овардани фоида , балки дигар мақсадро муқаррар менамояд. Барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ иштирокчии фаъолияти соҳибкорӣ будан ҳуқуқ, на уҳдадорӣ онҳо мебошад. Қонунгузории амалкунанда як қатор талаботҳоро оид ба амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муқаррар меномояд, ки риоя намудани он барои онҳо ҳатмӣ мебошад.

Аввалан, фаъолияти соҳибкорӣ набояд мақсади асосии фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бошад, вагарна онҳо ба ташкилотҳои тиҷоратӣ табдил меёбанд (қ.1. м. 50 КМ ҶТ). Баъдан, ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ танҳо ба қадре ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шуда метавонанд, ки барои мақсадҳои оинномавии онҳо зарур мебошад (қ.3.м. 50 КМ ҶТ). Талаботи охирин маънои онро дорад, ки фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ бояд ба ду шарт ҷавобгӯ бошад:

- барои ноил шудан ба мақсадҳояш хизмат намояд;

-ба мақсадҳои оинномавии ташкилот мутобиқ бошад ва аз доираи қобилияти ҳуқуқдории оинномавии он набарояд.

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ба ду намуд ҷудо мешаванд.

1.Ташкилотҳои ғайритиҷоратии ба аъзогӣ асос наёфта.

2.Ташкилотҳои ғайритиҷоратии ба аъзогӣ асосёфта, яъне ташкилотҳои корпоративии ғайритиҷоратӣ.

Ба ташкилоти ғайритиҷоратӣ ба аъзогӣ асоснаёфта пеш аз ҳама муассисаҳо дохил мешаванд. Муассиса ташкилоте, мебошад, ки молик барои амалӣ **гардондани** вазифаҳои идоракунӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва ё вазифаҳои дигари

[109] Ниг.: Могиловский С. Автономная некоммерческая организация: правовые вопросы. //Хозяйства и право. Приложение.2006, №10.-С13.

дорои хусусияти ғайритиҷоратӣ таъсис дода, онро пурра ё қисман маблағгузорӣ мекунад. Муассиса мумкин аст аз тарафи шахси воқеӣ **ё ҳуқуқӣ** (муассисаи хусусӣ) ва ё аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ (муассисаи давлатӣ) таъсис дода шавад (м. 128 КМ ҶТ). Вай ташкилоти ғайритиҷоратӣ (ғайрикорпоративӣ) мебошад. Муассиса ба молумулки дар **ихтиёраш** гузошташуда дар доираи муайяннамудаи қонун, мутобиқи мақсади **фаъолияташ**, супоришҳои молик ё мақомоти ваколатдорнамудаи он ва таъиноти молумулк ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдориро дорад (м. 337 КМ ҶТ). Муассиса ҳуқуқ надорад молумулки ба он вобасташуда ё молумулки аз ҳисоби воситаҳои тибқи харҷнома бадастовардаашро фурӯшад ё **онро** бо тарзи дигар ихтиёрдорӣ намояд.

Муассиса метавонад ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад. Дар чунин ҳолат вай ба ҳайси яке аз субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ (хоҷагидорӣ) баромад менамояд. Молумулк ва даромадеро, ки муассиса дар натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ ба даст медарорад, ҳамчун қоида моликияти он ҳисобида мешавад. Даромадҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ муассиса гирифтааст ва аз ин даромадҳо молумулки ба даст даровардашуда пурра ба ихтиёри муассиса гузашта ва дар тавозуни алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад (қ.2 м.339 КМ ҶТ). Бояд қайд намоем, ки дар фарқият ба ташкилоти тиҷоратӣ, ки аз рӯи ӯҳдадориҳояш дар асоси молумулк дар соҳибмулкиаш буда ҷавоб медиҳад, муассиса аз рӯи ӯҳдадориҳои худ бо маблағи пулии дар ихтиёраш буда ҷавобгар мебошад. Дар сурати нокифоя будани ин маблағ молики молумулки дахлдор аз рӯи ӯҳдадориҳои он масъулияти иловагӣ дорад (м. 128 КМ ҶТ). Ба ақидаи мо чунин мавқеи қонунгузор дар доираи маблағҳои пӯли маҳдуд кардани масъулияти муассиса, аз ҷумла аз рӯи ӯҳдадориҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ ба вуҷуд меояд, начандон адолатнок мебошад.Барои ҳамин ҳам аз рӯи ӯҳдадориҳои дар натиҷаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар ӯҳдадориҳои

даромадоваранда муассиса на танҳо бо маблағҳои пулӣ, балки бояд бо тамоми молумулкаш ҷавобгар бошад.

## §2.Корпоратсияҳои ғайритиҷоратии корпоративӣ ва намуди фаъолияти соҳибкорие, ки онҳо амалӣ менамоянд.

Қонунгузории амалкунанда барои ташкилотҳои ғайритиҷоратиро ба ҳайси корпоратсия эътироф намудан дар он иштирок (аъзо) карданро асос мешуморад. Ташкилотҳои корпоративии ғайритиҷоратӣ -шахси ҳуқуқие мебошанд, ки ба даст овардани фоида мақсади асосии фаъолияташ намебошад ва фоидаи бадастовардаро дар байни иштирокчиён тақсим намекунанд, инчунин, муассисони (иштирокчиёни) онҳо ҳуқуқи иштирокро (аъзогиро) ба даст оварда, мақомоти олии онро ташкил медиҳанд.

Ба корпоратсияҳои ғайритиҷоратӣ қонунгузории маданӣ, аз ҷумла Кодекси маданӣ кооперативи ғайритиҷоратӣ (м.128 КМ ҶТ), ташкилотҳои ҷамъиятӣ (м.125 КМ ҶТ), иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқи (ассотсиатсияҳо ва иттифоқҳо)-ро (м.129 КМ ҶТ) дохил менамояд. Чи тавре, ки дар боло қайд кардем дар Кодекси маданӣ номгӯи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ истиснои намебошад. Дар қонунгузорӣ мумкин аст дигар намудҳои ташкилотҳо корпоративии ғайритиҷоратӣ пешбинӣ карда шавад. Масалан, дар Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон намуди дигари ташкилотҳои корпоративии ғайритиҷоратӣ ширкати моликони манзил (м. 37. Кодекси манзили ҶТ аз 18 марти соли 2022[110]) пешбини карда шудааст. Ба онҳо инчунин, биржаҳои молӣ (Қонуни ҶТ аз 23 декабри соли 1991 «Дар бораи биржаҳои молӣ ва савдои биржавӣ»)[111], ташкилоти иттифоқи касаба ( м. 1 Қонуни ҶТ 2 августи соли

[110] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2022.

[111]Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1992, №3, мод.30. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1997, №9, мод.117; №23-24, мод.333; соли 2005, №12, мод. 660; с.2011, №3, мод. 165.

2011 «Дар бораи иттифоқи касаба»)[112], иттифоқи адвакатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 1 Қонуни ҶТ аз 15 марти 2015 «Дар бораи адвакатура ва фаъолияти адвакатӣ»)[113], палатаи савдои саноатӣ (Қонуни ҶТ аз 22 майи соли 1998 «Дар бораи палатаи савдои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»)[114], иттиҳодияҳо корфармоён (м. 1 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ғ. дохил мешаванд. Бояд қайд намоем, ки баъзе ташкилотҳои ғайритиҷоратие ҳастанд, дар таркиби дохилии онҳо ҳам аломатҳои корпоратсия ва ҳам муассиса мавҷуд мебошад. Қонунгузор то ба ҳол табиати чунин субъектҳоро аниқ муайян накардааст. Мисоли равшани он Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ) шуда метавонад, ки дорои ваколати шахси ҳуқуқӣ мебошад (б. 9 Оинномаи АМИТ)[115]. Аз як тараф Академия ба доираи муассисаҳое дохил мешавад, ки аз ҳисоби соҳибмулк молия карда шуда, дорои молумулки мустақил дар ҳуқуқи оперативии идоракунӣ буда, тавозуни мустақил дорад. Аз тарафи дигар мақоми олии идоракунии АМИТ Маҷлиси умумии идоракунии он мебошад (м.20 Қонуни ҶТ аз 20 апрели соли 2021 «Дар бораи АМИТ»[116], ки барои корпоратсия характернок мебошад. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар қонунгузорӣ барои ҷудо намудани шаклҳои мобайнии шахсони ҳуқуқӣ, ба мисли муассиса бо сохти корпоративӣ ва корпоратсия дар шакли муассиса асосҳои кофи мавҷуд намебошад. Ба ҳайси муассиса бо сохти корпоративӣ пешниҳод карда мешавад, ки ташкилотҳои

---

112 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2011, №6, мод. 611.

113 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2015, № 3, мод. 204; №11, мод. 958; с. 2016, №5, мод. 362; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1391.

114 Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1998, №10, мод. 100.

115 Оинномаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти ҶТ аз 14 январи соли 2022 тасдиқ карда шудааст.

116 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон». -Душанбе, 2021.

динӣ ва эҳсонкорӣ дохил карда шавад[117]. Аломатҳои муассиса дар чунин ташкилотҳое, ки ба иштирок (аъзогӣ) асос меёбад дар он дида мешавад, ки на ҳамаи аъзои он дар идоракунии корпоратсия ва молумулки он иштирок менамоянд. Ба назари мо хислати ҳуқуқи иштирокчиёни (аъзои) ташкилот асоси кифоя барои ба он эътироф намудани вазъӣ корпоратсия шуда наметавонад. Вай танҳо тааллуқ доштани корпоратсияро ба ин ё он намуд ифода менамояд. Дар ҳолати баръакс мо маҷбур мешавем, ки мавҷудияти вазъӣ корпаративии ширкатҳои ба бовари асосёфта ( 88 КМ ҶТ) ва ҳатто ҷамъиятҳои саҳомиеро, ки ҳамчун қоида дорандагони саҳмияҳои афзалиятнок ҳастанд ва аз ҳуқуқи овоздиҳи маҳрум мебошанд (м.32 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ») инкор намоем. Он чи ки ба корпоратсияҳои дар шакли муассиса таъсисдода тааллуқ дорад, истифодаи истилоҳи «корпоратсия» барои онҳо шубҳанок мебошад. Зеро равшан нест, ки чи тавр ташкилотеро, ки фаъолияташ ба аъзогӣ асос намеёбад корпоратсия эътироф намоем. Оне, ки баъзе муассисаҳо қисмҳои таркиби доранд, чи тавре, ки Н. В. Козлова қайд менамояд[118] ба ин сохторҳои таркиби ҳуқуқи иштирокчии (аъзои) ташкилот буданро намедиҳад. Ҳамзамон, далели барои баъзе ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ хос будани ҳам аломатҳое, ки барои корпоратсия ва ҳам барои муассиса хос мебошад, гувоҳи мавҷудияти шакли шахси ҳуқуқии мобайни шуда наметавонад. Ислоҳоти минбаъдаи қонунгузорӣ оид ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар кишвари мо бояд ба таснифи аниқи ташкилотҳо ба корпоратсия ва муассиса оварда расонад. Ташкилотҳои корпоративии ғайритиҷоратӣ дар асоси қарори муассисонашон, ки дар маҷлиси умумӣ, конференсия, съезд ва ғ. қабул карда шудааст, таъсис дода мешаванд. Мақомоти мазкур оинномаи ташкилотҳои

---

[117] Ниг.: Гражданское право. Учебник: Т.1. Общая часть/ Отв. Ред.Е, А, Суханов, 2004, -С.330

[118] Ниг.: Козлова Н. В. Гражданское право. Учебник: Т.1. Общая часть\Отв. ред. Е. А. Суханов. –М., 2004.-С.330-331.

корпоративии ғайритичратии дахлдоро тасдиқ намуда, ва мақомоти онҳоро ташкил менамоянд. Онҳо молики молумулки худ мебошанд.

Шаклҳои дар боло намбаркардашудаи ташкилотҳои ғайритиҷоратии корпоративӣ тибқи талаботи қонунгузории ҶТ метавонанд ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шаванд. Фаъолияти соҳибкории ташкилотҳои ғайритиҷоратии корпоративӣ дар натиҷаи истеҳсоли мол, расонидани хизмат, бадастдаровардан ва фурӯши коғазҳои қимматнок, ҳуқуқҳои молумулки ва ғайримолумулкӣ, иштирок дар ҷамъиятҳои хоҷагӣ ва ширкати ба бовари асосёфта ба сифати амонатгузор боиси гирифтани фоидаи онҳо мегардад. Чи тавре ки мебинем, фаъолияти ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ гуногун мебошад. Ин ба онҳо имконият медиҳад, ки сарчашмаи молумулкашонро ташаккул диҳанд, заминаи модию техникиашонро устувор намоянд, кормандони ташкилотро ба кор ҷалб намоянд, инчунин барои амалӣ намудани дигар мақсадҳои ба ҷамъият муфиди онҳо, аз ҷумла, барои бартараф намудани камбудии молиявии худ дар соҳаҳои гуногун мусоидат намоянд. Ташкилотҳои корпоративии ғайритиҷоратӣ метавонанд намудҳо зерини фаъолияти соҳибкориро амалӣ намоянд:

1)Дар доираи қобилияти ҳуқуқдории махсуси худ ба истеҳсолот ва расонидани хизмат бевосита машғул шаванд;

2)Коғазҳои қимматнокро ба даст биёранд ва фурӯшанд, инчунин, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст биёранд;

3)дар фаъолияти дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ иштирок намоянд.

Намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкориро, ки аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратии корпоративӣ амалӣ карда мешавад, ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1) фаъолияти соҳибкорие, ки бевосита ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ анҷом медиҳанд;

2) фаъолияти соҳибкорие, ки бо роҳи таъсис ва иштирок дар ташкилотҳои тиҷоратӣ амалӣ карда мешавад.

Бояд қайд намоем, ки барои баъзе намудҳои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ корпоративӣ барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ маҳдудият муқаррар карда шудааст. Чунончи, агар бо қарори иштирокчиён ба зиммаи ассотсиатсия (иттифоқ) фаъолияти соҳибкорӣ гузошта шавад, чунин ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ба ҷамъият ё ширкати хоҷагӣ табдил дода мешаванд. Барои татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ ассотсиатсияҳо (иттифоқҳо) ҳуқуқ доранд, ки ҷамъиятҳои хоҷагӣ таъсис диҳанд ё дар онҳо иштирок намоянд (м.129 КМ ҶТ). Мисоли маҳдуд кардани фаъолияти соҳибкории ташкилоти эҳсонкорӣ, ки манъ будани иштироки онҳо дар ҷамъиятҳои хоҷагӣ якҷоя бо шахсони дигар ва барои фароҳам овардани шароити моддии барои бадастоварии ҳадафҳояш зарур аст ва танҳо таъсис додани ҷамъиятҳои хоҷагӣ мебошад (м. 129 КМ ҶТ ва м. 14 Қонуни ҶТ аз 22 апрели соли 2003 «Дар бораи фаъолияти эҳсонкорӣ»).[119] Дар қонунгузорӣ, инчунин, маҳдудиятҳо доир ба иштироки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар баъзе уҳдадориҳо муқаррар карда шудааст. Аз ҷумла, тарафҳои шартномаи факторинг метавонанд ташкилотҳои тиҷоратие бошанд, ки барои анҷом додани чунин навъи фаъолият иҷозат дошта бошанд (м. 906 КМ ҶТ) ё тарафҳои шартномаи консессияи тиҷоратӣ ташкилотҳои тиҷоратӣ ва соҳибкорони инфиродӣ шуда метавонанд (м. 1132 КМ ҶТ). Мақсад аз муқаррар намудани чунин маҳдудиятҳо нисбати ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ аз он иборат аст, ки ба аз ҳад зиёд тиҷоратикунонии фаъолияти онҳо роҳ дода нашавад. Вале дар кул чунин маҳдудиятҳо начандон зиёданд ва ба ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ имконият медиҳанд, ки ба фаъолияти хоҷагӣ фаъолона машғул шаванд.

Ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ тибқи қонунгузорӣ метавонанд иттиҳодияҳои корпоративии худро таъсис диҳанд. Онҳо ба ассотсиатсия ва иттифоқҳо ҷудо мешаванд. Субъектҳое, ки ба ҳайати иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ

---

[119] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2003, №4, мод.148.

(ассотсиатсия, иттифоқҳо) муттаҳид мешаванд, на танҳо шахсияти ҳуқуқии худро аз даст намедиҳанд, балки мустақилият, озодӣ ва интихоби шаклҳои ташкили ҳуқуқии худро нигоҳ медоранд. Онҳо дорои ваколати шахси ҳуқуқӣ буда, дар баробари ҳамин соҳиби тавозун, суратҳисоби бонкӣ, муҳр, мақомоти идоракунӣ ва молумулки зарурӣ мебошанд. Иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ танҳо аз рӯи ухдадориҳои худ ҷавобгар буда, аз рӯи ухдадориҳои аъзоаш ҷавобгар намебошанд. Аъзои иттиҳодияҳои ғайритиҷоратӣ бошанд, ҳангоми дар қонунгузорӣ ё ҳуҷҷатҳои таъсисии он пешбинӣ гардидан, аз рӯи ухдадориҳои он метавонад ҷавобгарии иловагиро ба зимма гиранд.

Принсипи ихтиёрӣ принсипи асосиест, ки ба он такия намуда, муносибатҳои аъзои иттиҳодияҳо ба танзим дароварда мешаванд. Шакли ҳуқуқии ифодаёбии он шартномаи таъсисӣ ва оинномае ба ҳисоб меравад, ки онҳо тасдиқ намудаанд. Дар онҳо ба ғайр аз маълумотҳои хусусияти умумидошта маълумотҳо дар бораи ҳайат ва салоҳияти мақомоти идораи ассотсиатсия (иттифоқҳо) ва тартиби қарор қабул кардани онҳо, аз ҷумла доир ба масъалаҳое, ки қарор аз рӯи онҳо якдилона ё бо аксарияти кулли овози аъзои ассотсиатсия қабул карда мешавад, инчунин маълумот дар бораи тақсими молумулке, ки пас аз барҳам додани ассотсиатсия боқӣ мондааст, дарҷ карда мешавад.

Азбаски ассотсиатсия ва иттифоқҳо ташкилоти тиҷоратӣ намебошад, онҳо на барои ба даст овардани фоида таъсис дода мешаванд. Онҳо барои ҳамоҳангсозии фаъолияти соҳибкории аъзоаш, таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо, муаррифӣ кардани манфиатҳои умумии онҳо дар мақомоти гуногун, инчунин ташкилотҳои байналмилалӣ таъсис дода мешавад. Аъзои ассотсиатсия (иттифоқҳо) дорои ҳуқуқу ухдадориҳои муайян низ мебошанд. Аз ҷумла: аз хизматҳои ба ассотсиатсия расонидашаванда ба таври ройгон истифода баранд ва пас аз хатми соли молиявӣ бо хоҳиши худ аз ҳайати ассотсиатсия бароянд. Дар ин сурат ассотсиатсия аз рӯи ухдадориҳои худ дар давоми ду соли пас

аз хориҷ шуданаш барои аъзоҳаққии худ мувофиқан масъулияти иловагӣ бар дӯш дорад.

Узви ассотсиатсия метавонад бо тартиби дар ҳуҷҷатҳои таъсисии ассотсиатсия муқаррааргардида аз рӯи қарори иштирокчиёни боқимонда аз он хориҷ карда шавад. Бо ризоияти иштирокчиёни ассотсиатсия ба он метавонад узви нав шомил шавад. Иштирокчии нав ба ассотсиатсия (иттифоқ) мумкин аст вобаста ба масъулияти иловагӣ доштанаш аз рӯи уҳдадориҳои ассотсиатсия (иттифоқ), ки то ҳамроҳшавии ӯ ба миён омадаанд, шомил гардад (м. 131 КМ ҶТ). Яке аз уҳдадориҳои асосии аъзои ассотсиатсия пардохти аъзоҳаққии дохилшавӣ мебошад. Он дар оянда давра ба давра супорида мешавад. Ҳаҷми иҷрои дигар уҳдадориҳои муҳими ассотсиатсия, яъне ба зимма гирифтани ҷавобгарии иловагӣ аз рӯи уҳдадориҳои ассотсиатсия ба андозаи он вобастагӣ дорад.

# БОБИ 6. ХУСУСИЯТҲОИ ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ БАЪЗЕ КОРПОРАТСИЯҲО ДАР СОҲАИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

## §1.Ҳолати ҳуқуқии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои кредитӣ

Дар шароити иқтисоди бозорӣ нақши ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) хеле назаррас мебошад. Ҳамчун миёнарав дар азнавтақсимкунии воситаҳои пулӣ иштирок намуда, таваккали оқибати ногувори онро ба зимма мегиранд ва дар амалӣ намудани сиёсати самараноки пулию қарзии давлат таъсири муҳим мерасонанд. Маҷмӯи ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) бо роҳбарии Бонки миллӣ низоми кредитиро ташкил медиҳанд. Низоми қарзии Тоҷикистон дударақагӣ мебошад. Дараҷаи якумро Бонки миллии Тоҷикистон ишғол менамояд. Функсияи асосии он танзимнамоии бонкӣ ва назорат аз болои ташкилотҳои қарзӣ, инчунин, филиал ва намояндагиҳои бонкҳои хориҷӣ мебошад. Ба дараҷаи дуюм ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои кредитии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд), аз ҷумла, ташкилотҳои қарзӣ бо иштироки хориҷиён, филиалҳо ва намояндагиҳои бонкҳои хориҷӣ дохил мешаванд.

Тибқи Қонуни ҶТ аз 19 майи соли 2009 «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»[120] ташкилотҳои қарзӣ - шахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла, ташкилотҳои маблағгузории хурд) мебошад, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар Қонуни мазкур ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо иҷро менамоянд. Ташкилотҳои кредитӣ ба бонкӣ, ғайрибонкӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд ҷудо мешаванд. Бонк - ташкилоти қарзие мебошад, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои сармояи оинномавии барои он

[120] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №5, мод. 331; с. 2010, №7, мод. 555; с. 2011, №12, мод. 846; с. 2013, №11, мод. 786; с. 2014, №11, мод. 663.

муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкиро дорад. Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ - ташкилотҳои қарзие, ки ҳуқуқи иҷрои баъзе аз амалиёти бонкиро доранд (сархати 2, 3 ва 4 м.1).

Аз мафҳумҳои дар қонун овардашуда «ташкилоти қарзӣ» ва «бонк» ба хулоса омадан мумкин нест, ки мақсади бонк ҳамчун ташкилоти қарзӣ танҳо гирифтани фоида буда, дигар ташкилотҳои қарзӣ чунин мақсадро надошта бошанд. Ба ғайр аз «Иттифоқи қарзӣ» ва «Фонди қарзӣ», ки дар қонунгузорӣ ташкилоти ғайритиҷоратӣ эътироф карда шудаанд, дигар ташкилотҳои қарзӣ ташкилоти тиҷоратӣ мебошанд. Аз ин ҷо мақсади онҳо низ гирифтани фоида буда ва ҳатман ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд. Онҳо соҳиби молумулки худ буда, дар интихоби равиши фаъолият ва баҳои натиҷаи он мустақиланд. Ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) аз рӯи уҳдадориҳои давлат ва Бонки миллии Тоҷикистон ва давлату Бонки миллӣ аз рӯи уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ (кредитӣ) ҷавобгар намебошанд. Ҳамин тавр, мо бо асосҳои комил гуфта метавонем, ки ташкилотҳои дигари кредитии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда, яке аз намудҳои ташкилотҳои тиҷоратие мебошанд, ки дар натиҷаи анҷом додани амалиётҳои кредитӣ ва аҳдҳо фоида ба даст меоранд.

Дар фарқият аз ташкилотҳои ғайрибонкии кредитӣ бонк ҳамчун ташкилоти кредитӣ метавонад ҳамаи дувоздаҳ амалиётҳои бонкиеро, ки дар қисми 1 моддаи 3 Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» муқаррар гардидааст, ҳамзамон амалиётҳои алоҳидаи бонкиро иҷро намояд, вале бояд ҳатман на камтар аз се амалиёт (ҷалби амонат ва пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонки)-ро дар маҷмӯъ иҷро намояд. Ташкилотҳои кредитии ғайрибонкӣ бошад, ҳуқуқи иҷрои баъзе аз амалиёти бонкиро дошта, ҳаргиз дар маҷмӯъ ҳаққи иҷрои ҳар се амалиёти нишондодашударо надоранд.

Маврид ба қайд аст, ки мафҳуми амалиёти «бонкӣ» ба мафҳуми «аҳд» мутобиқат наменамояд. Амалиёт ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ аз рӯи мақсад, таркиб ва шакл мураккаб буда, ҳаракати маблағ, сармояро муайян менамояд. Аҳди ҳуқуқӣ бошад, ҳамеша мушаххас, расман ва аз лиҳози ҳуқуқӣ муайян буда, муносибати ҳуқуқиро ифода менамоянд. Як амалиёти бонкӣ метавонад, ки аз якчанд аҳди ҳуқуқӣ иборат бошад.

Алҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси ташкилотҳои кредитии ғайрибонкӣ «Ширкати кредитӣ», «Гаравхона (Ломбард)» ва «Иттифоқи қарзӣ» баромад менамоянд. Фаъолияти гаравхона тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013 «Дар бораи гаравхона (ломбард)»[121], инчунин, Низомнома «Дар бораи ломбард» таҳти №97, аз 9 феврали соли 2001, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, фаъолияти «Иттифоқҳои қарзӣ» тибқи Қонуни ҶТ аз 19 марти соли 2013 «Дар бораи Иттифоқҳои қарзӣ»[122] ба танзим даровarda мешавад. Низомнома «Дар бораи ширкати кредитӣ» таҳти №83, бошад, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 26 январи соли 1999 тасдиқ карда шудааст. Бояд зикр намоем, ки тибқи Низомномаи мазкур «Ширкати кредитӣ» дар шакли ширкати ҷавобгариаш маҳдуд ва ширкат дар шакли ҷамъияти саҳомии пӯшида (банди 3) таъсис дода мешавад. Вале Кодекси маданӣ чунин шакли ташкили ҳуқуқии ширкатҳоро пешбинӣ наменамояд. Бандҳои 2 ва 3 моддаи 69 КМ дар кадом шаклҳо таъсис додани ҷамъият ва ширкатҳои хоҷагиро бевосита пешбинӣ менамояд. Аз ин ҷо агар дар Низомнома калимаи «ширкат» истифода шуда бошад, пас талаботи шаклҳои ташкили ҳуқуқии дар Кодекси маданӣ пешбининамударо оид ба ширкатҳо бояд риоя намуд ва зарурият барои боз як бори дигар номбар намудани шакли таъсис додани онҳо намемонад.

---

[121] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №7, мод. 520; с. 2014, №11, мод. 662.

[122] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2013, №3, мод. 185.

Дар асоси қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2002, №19 Низомнома «Дар бораи ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ» тасдиқ карда шудааст. Тибқи он ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, аз ҷумла «Ломбард» ва ҳам «Ширкати кредитӣ» шахси ҳуқуқие мебошанд, ки ҳамчун банк эътироф карда нашудаанд ва дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон баъзе амалиётҳои бонкиро иҷро менамоянд. Гаравхона (ломбард) ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба додани қарзи кӯтоҳмуддат бар ивази гарави молумулки манқули шаҳрвандон, инчунин нигоҳдошти молумулки манқули шаҳрвандон машғул мебошад (м.1 Қонуни ҶТ «Дар бораи гаравхона»). Иттифоқҳои қарзӣ - ташкилотҳои ғайритиҷоратии қарзие мебошанд, ки дорои ҳуқуқҳои шахси ҳуқуқӣ буда, барои ба аъзои худ расонидани хизматҳои молиявӣ бо роҳи муттаҳид намудани воситаҳои пулии шахсии аъзояш ва қарздиҳии байниҳамдигарии онҳо таъсис дода мешаванд (м.1 Қонуни ҶТ «Дар бораи Иттифоқҳои қарзӣ»).

Ба ҳайати ташкилотҳои кредитӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ташкилотҳои маблағгузории хурд дохил мешаванд. Фаъолияти онҳо тибқи Қонуни ҶТ аз 16 апрели соли 2012 «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд»[123] ба танзим дароварда мешавад. Ташкилотҳои мазкур ба ташкилоти амонатии қарзии хурд, ташкилоти қарзии хурд ва фонди қарзии хурд ҷудо мешавад. Ташкилоти амонатии қарзии хурд - шахси ҳуқуқиест, ки мақсади он ҷалби амонату пасандоз ва пешниҳод намудани қарзҳои хурд мебошад. Ташкилоти қарзии хурд - шахси ҳуқуқиест, ки мақсади он пешниҳод намудани қарзҳои хурд мебошад. Фонди қарзии хурд - шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ буда, бо мақсади пешниҳод намудани қарзҳои хурд таъсис дода мешавад (м.1).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин фаъолияти бонкии исломӣ низ ба роҳ монда шудааст. Фаъолияти онҳо дар

---

[123] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2012, №4, мод. 266.

асоси Қонуни ҶТ аз 26 июли соли 2014 «Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ»[124] ба танзим дароварда мешавад. Фаъолияти бонкии исломӣ бошад, аз ҷониби ташкилотҳои қарзии исломӣ ба анҷом расонида мешавад. Ташкилотҳои қарзии исломӣ - шахсони ҳуқуқианд (бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, аз ҷумла «равзанаи бонкии исломӣ»), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии исломии дар Қонуни мазкур пешбинишударо иҷро менамоянд.

Тибқи Қонуни мазкур Ташкилотҳои қарзии исломӣ нуздаҳ намуди амалиёти бонкии исломиро анҷом медиҳанд. Ғайр аз он ташкилотҳои қарзии исломӣ, додани замонатро оид ба иҷрои уҳдадориҳои пулӣ дар назди шахси сеюм; иҷораи молиявӣ (лизинг); амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо; хизматрасониро ба сифати агенти молиявӣ, мушовир ё маслиҳатгари молиявӣ ва хизматрасонии иттилоотии молиявӣ ва қарзиро анҷом дода метавонанд (м. 4.).

Хусусияти фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ дар он ифода меёбад, ки онҳо ҳуқуқ надоранд дар шакли фоиз мукофотпулӣ ситонанд; баргардондани амонати сармоягузорӣ ё даромад аз рӯи онро кафолат диҳанд; маблағгузории (қарздиҳии) фаъолиятеро, ки ба истеҳсол ва (ё) савдои тамоку, маҳсулоти спиртӣ, силоҳ ва лавозимоти ҷангӣ, қиморбозӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва прекурсорҳо вобаста мебошад, инчунин, дигар намудҳои фаъолияти соҳибкориро, ки маблағгузории (қарздиҳии) он мувофиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ манъ шудааст, анҷом диҳанд (м. 5).

Бояд қайд намоем, ки масъалаи табиати ҳуқуқии ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) дар адабиёти ҳуқуқии кишварамон ба тарзи бояду шояд мавриди таҳлил қарор дода нашудааст. Дар адабиёти ҳуқуқии хориҷӣ фикру

---

[124] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2014, №7, қ. 2, мод. 405.

ақидаҳои гуногун оид ба масъалаи мазкур мавҷуд аст. Баъзе аз олимони онҳо чунин ақида доранд, ки бонк дорои қобилияти ҳуқуқдории умумӣ мебошад[125] Дигарон қайд менамоянд, ки бонк дорои қобилияти ҳуқуқдории махсус буда, қонунгузорро зарур аст, ки онҳоро аз ҳайати соҳибкорони муқаррарӣ ҷудо намояд[126]. Қайд менамоянд, ки қобилияти ҳуқуқдории бонкҳо дар аломатҳои зерини онҳо ифода меёбад:

Бонкҳо барои амалӣ намудани фаъолияти бонкӣ ҳуқуқи истисноӣ доранд. Барои дигар ташкилотҳо анҷом додани чунин фаъолият манъ аст. Ҳамзамон, бонкҳо ҳуқуқи ба фаъолияти истеҳсолӣ, савдо ва суғуртавӣ машғул шуданро надоранд. Танҳо аз лаҳзаи гирифтани иҷозатнома бонкҳо метавонанд ба фаъолияти бонкӣ машғул шуда, он амалиётҳои бонкиеро иҷро намоянд, ки дар иҷозатномаи бонкӣ ифода ёфтааст.

Барои ҳамин мавҷудияти аломатҳои якум, сеюм ва чоруми зикршуда ба баъзе аз онҳо имконият медиҳад, ки қобилияти ҳуқуқдории бонкҳоро ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ махсус эътироф намоянд[127]. Ҳамзамон, намояндагони нуқтаи назари мазкур ба сифати далел одатан асосеро меоранд, ки бонк нақши махсусро дар иқтисодиёт мебозад. Агар ба ақидаи мазкур розӣ шавем, вазъи ҳуқуқии ба худ хоси онҳоро дар алоқамандии бевосита ба чи машғул шудани ташкилотҳо, яъне аз тахассуси (махсусгардонии) он вомегузорем. Ҳол он ки далели гирифтани иҷозатнома ба характери қобилияти ҳуқуқдории ташкилотҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла қарзӣ таъсири ҷиддӣ намерасонад. Дар шароити

---

[125] Тосуниян Г. А. Викулин А. Ю. Экмалян А. М. Банковское право . - М.,2002.-С. 204.
[126] Коммерческое право. Учебник. Под. ред. В. Ф. Попондопуло.- М., 2009. -С.450- 451; Белых В. С. Правовое регулирование препринимательской деятельности в России.- М, 2013. -С. 213 -215.
[127] Филатов Ю. В. Особенности юридической личности банка : Правовое положение субъектов предприниматльской деятельности.\ Отв. Ред. В. С. Белых, Екетеренбург.- 2002.-С. 140.

иқтисоди бозорӣ намудҳои фаъолияти тахассусии зиёде (суғуртавӣ, сармоягузорӣ ва ғ.) мавҷуд аст. Дар чунин ҳолат намудҳои вазъи ҳуқуқии махсус ҳамон қадаре мешавад, ки ҳамон андоза фаъолияти тахассусӣ мавҷуд аст. Яъне, дар чунин ҳолат, зарурият ба миён меояд, ки ҳамаи шахсони ҳуқуқии дар асоси иҷозатнома амалкунандаро дорои қобилияти ҳуқуқдории махсус эътироф намоем. Ин аз нуқтаи назари амалия мантиқан ғайриимкон аст. Чи тавре ки маълум аст, Кодекси мадании шумораи маҳдуди намудҳои ташкилотҳои тиҷоратиро муқаррар менамояд ва ҳангоми таснифи онҳо танҳо аломатҳои ҳуқуқӣ ба назар гирифта шудааст, на фаъолияти тахассусии иқтисодии онҳо. Ҳамин тавр, таклиф оид ба махсус будани вазъи ташкилотҳои қарзи дар ҳақиқат ба низоми мавҷудаи мадании шаклҳои ташкили ҳуқуқии ташкилотҳои тиҷоратӣ мувофиқ намебошад. Масъалаи мазкурро метавонист қонунгузории махсуси бонкӣ муайян намояд, вале қонунгузор оид ба масъалаи мазкур мавқеи номуайяниро ишғол менамояд.

Тибқи талаботи моддаи 3 Қонуни ҶТ дар бораи фаъолияти бонкӣ ташкилотҳои қарзӣ амалиёти бонкӣ ва дигар аҳдҳоро анҷом дода метавонанд. Ба амалиёти бонкӣ дохил мешаванд: ҷалби амонат ва пасандозҳо; додани қарзҳо; кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ; хариду фурӯши воситаҳои бозории пулӣ, асъори хориҷӣ, саҳмияҳо ва дигар коғазҳои қимматноки интиқолшаванда, қарордодҳои форвардӣ, созишномаи своп, фючерс, опсион ва дигар ҳосилаҳое, ки ба асъор, саҳмияҳо, вомбаргҳо, металлу сангҳои қиматбаҳо ё қурбу меъёрҳои % фоизӣ дахл доранд; додани кафолат, баҳисобгирии уҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва эътиборномаҳо (аккредитивҳо) барои худ ва муштариён; хизматрасони фосилавии бонкӣ, клирингӣ, ҳисоббаробаркунӣ ва интиқоли марбут ба воситаҳои пулӣ, коғазҳои қимматнок, супоришномаҳои пардохт ва воситаҳои дигари пардохт (аз ҷумла; кортҳои пардохти бонкӣ, чекҳо, чекҳои сафарӣ, векселҳо ва ғайра; миёнаравӣ дар бозори пулӣ; амалиёти сейфӣ, нигаҳдорӣ ва

идоракунии дороиҳо (пул, коғазҳои қимматнок, металлҳо, ҷавоҳирот ва ғайра); хизматрасонии амалиёти ба боварӣ асосёфта; амалиёти хазинавӣ (қабул намудан, аз нав ҳисоб кардан, иваз намудан, бастан ва нигоҳ доштани пулҳои коғазӣ ва тангаҳо); қабул намудан, инкассатсия ва фиристодани пулҳои коғазӣ, тангаҳо ва ашёи қиматбаҳо. Ба ғайр аз ин ташкилотҳои қарзӣ ҳуқуқ доранд аҳдҳои зеринро низ ба амал бароранд: додани замонат, ки иҷрои уҳдадориҳои пулиро дар назди шахси сеюм пешбинӣ менамояд; иҷораи молиявӣ (лизинг); амалиёт бо металлу сангҳои қиматбаҳо; хизматрасонӣ ба сифати агенти молиявӣ; хизматрасонӣ ба сифати мушовир ё маслиҳатгари молиявӣ; хизматрасонии иттилооти молиявӣ ва қарзӣ.

Ба ду гурӯҳ ҷудо намудани аҳдҳои бонкӣ онро дар назар дорад, ки барои гузаронидани амалиётҳои бонкӣ иҷозатнома зарур аст ва онҳоро танҳо бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ анҷом дода метавонанд. Барои анҷом додани дигар аҳдҳо зарурият ба гирифтани иҷозатнома намемонад, зеро онҳоро на танҳо ташкилотҳои қарзӣ, балки дигар ташкилотҳои тиҷоратӣ анҷом дода метавонанд. Одатан бо тариқи пурра номбар намудани шумораи амалиёти бонкие, ки дар асоси иҷозатнома амалӣ карда мешавад, асос барои хулоса оид ба характери махсус доштани қобилияти ҳуқуқдории бонкҳо мегардад. Бояд қайд намоем, ки ҷараёни додани иҷозатнома аз рӯи табиаташ санади маъмурӣ буда, ва ба хислати субъекти ҳуқуқи маданӣ будани он таъсир намерасонад. Чи тавре ки дар боло қайд кардем намудҳои зиёди фаъолиятҳои иҷозатномашаванда мавҷуданд, ки ташкилотҳои тиҷоратӣ дар асоси он ба ин ё он намуди фаъолият машғул мешаванд. Агар ташкилоти тиҷоратии онро гиранда, тибқи он фавран дорои қобилияти ҳуқуқдории махсус гардад, он гоҳ ин боиси тааҷҷуб мегардид. Қоидаи мазкур ба бонкҳо низ тааллуқ дорад.

Далели дигаре, ки ҳамчун асос барои қобилияти махсус доштани ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла бонкҳо оварда мешавад, мавҷудияти манъ будани машғул шудан ба ин ё он

намуди фаъолият мебошад. Қонуни ҶТ дар бораи фаъолияти бонкӣ ба ташкилотҳои қарзи (бонкҳо) машғул шудан ба фаъолияти истеҳсолӣ, савдо ва бевосита ба фаъолияти суғуртавиро (м.3 Қонун дар бораи фаъолияти бонкӣ) раво намедонад. Манъи мазкур, инчунин, нисбати ташкилотҳои суғуртавӣ ва сармоягузорӣ низ татбиқ мешавад. Ба ақидаи мо манъкунии мазкурро набояд ба сифати асос барои эътироф намудани қобилияти махсуси ҳуқуқдорӣ донист.

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) асосан ба додани кредит машғул мебошанд. Вале мафҳуми «кредит» дар адабиёт якхела маънидод карда намешавад. Яке онро ҳамчун муносибати иқтисодӣ, дигаре, ҳамчун аҳди байни тарафҳо, ки шакли қарзро дорад ва сеюмин ҳамчун ваколатномае, ки дар байни қарздиҳанда ва қарзгиранда мавҷуд мебошад, маънидод менамояд.

Вобаста ба табиати иқтисодии кредит ба хулосаи зерин омадан мумкин аст. Аввалан, кредит шакли ҳаракати сармояи қарзӣ мебошад. Сониян, мафҳуми иқтисодии кредит ба ифодаи ҳуқуқии он мутобиқат намекунад. Зеро, ҳаракати сармояи қарзӣ на танҳо дар доираи амалиётҳои қарзӣ ҷой дорад, балки дар дигар шаклҳои шартномавию ҳуқуқӣ, аз ҷумла шартномаи хариду фурӯш, маҳсулотсупорӣ, пудрат ва ғайра мавҷуд аст. Солисан, мазмуни иқтисодии кредити ташкилотҳои бонкӣ дар ҷамъ намудани воситаҳои пулӣ дар суратҳисоби бонкӣ, додани воситаҳои пулӣ бо шартҳои музднок, муҳлатнок, бозгаштӣ ва мусоидат ба муомилоти пардохтӣ зоҳир мегардад. Баъдан, доираи ташкилотҳои кредитӣ тибқи қонунгузории бонкӣ маҳдуд буда ва шарҳи васеъро истисно менамояд.

Дар Кодекси маданӣ низ оид ба мазмуни мафҳуми «кредит» якмаъноӣ мавҷуд нест. Боби 46 КМ «Қарз ва кредит» номгузорӣ карда шудааст, вале дар он мафҳуми зикршуда вуҷуд надорад. Ҳамзамон, дар боби зикршудаи Кодекси маданӣ қоидаҳо дар бораи шартномаи қарз (моддаҳои 888-899 КМ ҶТ), дар бораи шартномаи кредит, кредити молӣ ва тиҷоратӣ (м. 900-905 КМ ҶТ) мавҷуд аст.

Муқаррароти умумӣ оид ба уҳдадориҳои кредитӣ дар боби мазкур алоҳида ҷудо карда нашудааст, вале онҳо дар намуди қоидаҳо оид ба қарз, ки нисбат ба дигар уҳдадориҳои кредитӣ татбиқ карда мешаванд, вуҷуд доранд, агар қоидаҳо оид ба шартномаи кредит, кредити молӣ ва тиҷоратӣ дигар чизро пешбинӣ накунад ё ин ки ба моҳияти чунин уҳдадориҳо мухолиф набошанд. Чи тавре ки мебинем, Кодекси маданӣ дар байни мафҳуми «кредит» ва «шартномаи кредит», «қарз» ва «шартномаи қарз» нишони баробарӣ мегузорад. Вале чунин нишони баробарӣ гувоҳи ҳаммазмун будани онҳоро надорад. Инро мутахасисони соҳаи ҳуқуқ хуб дарк менамоянд.

Маврид ба қайд аст, ки дар аксарияти қонунгузории қарзию кредитии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ дар байни истифодаи истилоҳи «қарз» ва «кредит» фарқ гузошта намешавад. Аз ҷумла, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи бонки миллӣ», «Дар бораи таърихи қарз (кредит)», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи фаъолияти бонки исломӣ», «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», «Дар бораи иттифоқҳои қарзӣ» ва ғайра. Баръакс, дар матни русии қонунгузории мазкур истилоҳи «заём» ва «кредит» аз ҳамдигар фарқ карда мешавад. Дар матни тоҷикии қонунҳои зикршуда бошад, ҳам «заём» ва ҳам «кредит» ҳамчун қарз фаҳмида мешавад. Чунин навоварӣ бе ягон тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда, аз ҷумла, матни русии онҳо боиси нофаҳмиҳо дар қонунгузории амалкунанда мегардад. Шартномаи кредит тибқи Кодекси маданӣ яке аз намудҳои шартномаи қарз буда, ва татбиқи он то дараҷае савияи баланди касбиро талаб менамояд. Чунин ҳолат дар шакл, ҳайати субъектҳо ва хислати ҳуқуқии аҳдҳои басташуда ифода меёбад. Шартномаи кредитӣ консенсуалӣ, музднок, дутарафа буда ва дар фарқият аз шартномаи қарз ба ҳайси кредитор бонк ё дигар ташкилоти қарзие (кредитие), ки иҷозатномаи Бонки миллиро оид ба анҷом додани амалиётҳои кредитӣ дорад, баромад менамояд. Предмети он маблағҳои пулӣ мебошад. Шартномаи қарзро бошад,

ҳамагуна ташкилот ва шаҳрванде, ки дорои қобилияти амаликунӣ мебошад, баста метавонанд. Предмети он на танҳо маблағҳои пулӣ, балки дигар ашёҳо низ шуда метавонанд. Шартномаи мазкур на танҳо музднок, балки бемузд низ шуда метавонад. Чунин фарқият имконият намедиҳад, ки бе такмили қонунгузории амалкунанда ҳардуи ин истилоҳро муттаҳид намоем. Зеро, нозукиҳои ҳуқуқии зикршуда метавонад боиси ихтилоф дар байни тарафҳои аҳд гардад. Ва ин дар навбати худ мумкин аст оқибатҳои номатлубро ба бор орад. Барои ҳамин ҳама вақт бояд дар хотир дошт, ки қарз ва кредит, аз ҷумла шартномаи қарз ва шартномаи кредит тибқи қонунгузории мо як чиз набуда ва аз ин хотир бе такмили қонунгузорӣ ба онҳо моҳияти ягона додан ё омехта намудани онҳо қобили қабул намебошад. Ҳамзамон, дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ғайр аз истилоҳи «кредит», инчунин, истилоҳи «кредити молӣ» ва «кредити тиҷоратӣ» истифода бурда мешавад. Проблемаи мазкурро танҳо дар сурати дар тамоми матни қонунгузории муносибатҳои кредиӣ (қарзӣ)-ро танзимкунанда иваз намудани истилоҳи «кредит», «кредити молӣ» «кредити тиҷоратӣ» ба истилоҳи «қарз» ва «қарзи бонкӣ» ҳал намудан мумкин аст.

Дар қонунгузории дигар давлатҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ба истисноӣ Қазоқистон, дар байни истилоҳҳои зикршуда вобаста ба мазмун, субъект, предмет ва ғ. ҳангоми истифодабарӣ фарқ гузошта мешавад. Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Қазоқистон, инчунин, дигар қонунгузории он ба ҷои истилоҳи кредит, калимаҳои «шартномаи қарзи бонкӣ»[128] истифода бурда мешавад. Аз ин ҷо дар тамоми қонунгузории кишвари мазкур истилоҳи «кредит» ба истилоҳи «қарз» иваз карда шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки ҳамаи ташкилотҳои кредитӣ ба истисноӣ «Бонки миллӣ», «Иттифоқҳои қарзӣ» ва «Фондҳои қарзӣ» дар шакли ҷамъияти саҳомӣ ва (ё)

---

[128] Гражданский кодекс Республики Казахстан(Особенная часть). Комментарий .- Алматы, 2006.- С. 563 -590.

ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, яъне ҷамъияти хоҷагӣ таъсис дода мешаванд. Иттифоқҳои қарзӣ» ва «Фондҳои қарзӣ» бошанд, ташкилоти ғайритиҷоратӣ мебошанд.

Фаъолияти кредитӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатнома барои анҷом додани фаъолияти кредитӣ амалӣ мегардад. Иҷозатнома аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) дар шакли хаттӣ, бемуҳлат ва бе ҳуқуқи ба шахси дигар вогузор кардани он дода мешавад. Ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) аз лаҳзаи гирифтани иҷозатнома ҳуқуқи анҷом додани фаъолиятро пайдо мекунанд. Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати то се моҳ (дар мавридҳои истисноӣ то ду моҳ тамдид карда шуданаш ҳам мумкин аст) аз рӯзи қабули дархост ба ташкилоти қарзӣ дар хусуси ба талабот ҷавобгӯ будан ё набудани ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда хулоса дода, ва дар сурати мусбат будани хулоса, Бонки миллии Тоҷикистон дар муддати як моҳ аз санаи аз қайди давлатӣ гузаштани ташкилоти қарзӣ ба вай иҷозатнома медиҳад (м. 10. Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти бонкӣ»).

Ташкилотҳои қарзӣ дорои сармояи оинномавӣ мебошанд, ки ҳадди ақалли он аз ҷониби Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо пули миллӣ муқаррар мегардад. Фонди қарзии хурд ҳангоми таъсиёбӣ бояд дорои маблағи ибтидоии на камтар аз 300 нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад.

Идоракунии ташкилоти қарзӣ аз ҷониби мақоми олии ташкилоти қарзӣ маҷлиси умумии саҳмиядорон (иштирокчиён); мақоми идора (шурои нозирон), ки аз ҷониби маҷлиси умумии саҳмиядорон (иштирокчиён) таъсис дода мешавад ва мақоми иҷроия (раёсат ё раиси (директори) ташкилоти қарзӣ), ки аз ҷониби шурои нозирон таъсис дода мешавад, амалӣ карда мешавад.

Ҳайати шурои нозирон на камтар аз панҷ нафар буда, аъзои он ба муҳлати 4 сол интихоб карда мешаванд. Инчунин, дар фонди қарзии хурди исломӣ мақоми олии идоракунии шурои парасторон ва Кумитаи хизматрасонии

маблағгузории исломӣ (шурои парасторон) фаъолият менамояд.

Роҳбарии бевоситаи фаъолияти ҷории ташкилоти қарзӣ аз ҷониби мақоми иҷроияи он - Раёсат (мақоми дастаҷамъии иҷроия) ё раиси (директори) ташкилоти қарзӣ (мақоми инфиродии иҷроия) ё Раёсат ва раиси (директори) ташкилоти қарзӣ амалӣ мегардад. Агар Раёсат ва раиси ташкилоти қарзӣ дар як вақт ҳамчун мақоми иҷроия таъсис дода шаванд, он гоҳ раиси ташкилоти қарзӣ вазифаи раиси Раёсати онро иҷро менамояд. Мақоми иҷроияи ташкилоти қарзӣ аз ҷониби шурои нозирон таъсис дода шуда, он барои иҷрои қарорҳои шурои нозирон ва идоракунии амалиёти ҳаррӯзаи ташкилоти қарзӣ масъул мебошад. Ҳайати Раёсати ташкилоти қарзӣ набояд аз се нафар кам бошад.

Маврид ба қайд аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ рушди иқтисодиёти кишвар аз самаранокона идора намудани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ (кредитӣ) вобастагии зич дорад. Чи тавре ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи 17 шурои машваратии назди Президенти ҶТ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ қайд карданд, барои беҳтар намудани фаъолияти босуботи низоми бонкӣ ва таъмини рушди устувори он дар кишвар бояд ба беҳтар кардани сифати дороиҳо, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва дохилӣ, пурзӯр намудани идоракунии хавфҳо (таваккал), зиёд намудани сармояи асосӣ, такмил додани усулҳои идоракунии корпоративӣ, сатҳи пардохтпазирӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолият диққати ҷиддӣ дода шавад[129]. Таҷрибаи начандон тӯлонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар ҳолати самаранокона ба роҳ мондани низоми қарзӣ (кредитӣ) вай ба иқтисодиёт таъсири мусбӣ расонида ва дар мавриди баръакс, метавонад боиси

[129] Эмомалӣ Раҳмон. Барои фаъолияти мусоиди соҳибкорӣ қонунгузории амалкунанда такмил ёфт \\ Боҷу хироҷ, №5(1049), 2 феврали соли 2017.

мусоидат намудан ба буҳрони иқтисодӣ гардад. Ба он омилҳои гуногун таъсир мерасонанд.

Яке аз омилҳое, ки ба рушди фаъолияти қарзию кредитӣ таъсир расонида метавонад, такмили фаъолияти идоракунии ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла бонкҳо мебошад. Зеро, дар шароити ҳозира доштани функсияҳои зиёди маъмурии идоракунӣ Бонки миллиро нисбатан ба дигар ташкилотҳои қарзӣ дар ҳолати бартарӣ қарор дода, онро на танҳо берун аз низоми қарзӣ, балки дар болои он қарор медиҳад. Дар натиҷа ҳамаи он чизе, ки нисбат ба ташкилотҳои қарз (бонкҳо)-ӣ рух медиҳад, ба он тааллуқ надошта, ба ҳолати молиявии он низ таъсир намерасонад. Натиҷаи он муфлисшавии бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ гардида, барои он Бонки миллӣ ҳеҷ гуна ҷавобгариро ба зимма намегирад. Аз ин ҷо такмилдиҳии фаъолияти он на аз ҳисоби пурзӯр намудани функсияи ҳокимиятии он (ваколатҳои фискалии он), балки бо роҳи гузаштан ба методи либералии идора ва танзимнамоии иқтисодиёт, амалӣ карда шавад, то ин ки Бонки миллӣ на мақомоти нимдавлатӣ, балки бояд бонк бошад.

Бояд қайд намоем, ки Бонки миллӣ на танҳо аксарияти қонунҳои танзимкунандаи фаъолияти кредитиро таҳия ва пешниҳод менамояд, балки меъёрҳои эҷод ва қабулнамудаи он сарчашмаи асосии танзимнамоии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ (бонкҳо) мебошад. Меъёрҳои танзимкунандаи фаъолияти бонкиро қабул намуда, Бонки миллӣ бевосита дар он муносибатҳои ҳуқуқие иштирок менамояд, ки худи он муқаррар намудааст. Чунин ҳолат ба вай имконият медиҳад, ки дар баъзе мавридҳо манфиати дигар иштирокчиёни муносибатҳои қарзиро ба назар нагирад. Хуб мебуд, ки ба зиммаи он барои идоракунӣ воситаҳои истисноии ҳуқуқӣ - мадании қарзию молиявӣ гузошта шавад. Ваколатҳои маъмурии идоракунии он, инчунин, таҳия ва пешниҳоди қонунгузории қарзии он ба мақомоти махсуси ҳокимияти давлатӣ дода шавад. Дар чунин ҳолат Бонки миллӣ ба монанди ҳамаи дигар ташкилотҳои қарзӣ маҷбур мешавад, ки ба қоидаҳои умумие,

ки барои ҳамаи ташкилотҳои қарзӣ муқаррар карда шудааст, итоат намояд ва фаъолияти худро бевосита барои идора намудани фаъолияти қарзӣ ва молиявӣ сарф намояд.

## §2.Вазъи ҳуқуқии ташкилоти суғуртавӣ

Суғуртакунони намуди мустақили фаъолияти соҳибкорӣ, буда ҳуқуқи амалӣ намудани онро ташкилотҳои махсус доранд. Онҳо ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд. Ташкилотҳои суғуртавӣ ва ҷамъиятҳои суғуртавии мутақобила. Дар асоси м. 1 Қонуни ҶТ аз 23 июли соли 2016 «Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ»[130] ташкилоти суғуртавӣ шахси ҳуқуқие мебошад, ки фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатномаи дахлдори мақоми ваколатдори давлатӣ ба роҳ мемонад. Фаъолияти суғуртавӣ фаъолияти ташкилоти суғуртавӣ оид ба бастан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ), ки дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ анҷом дода мешавад. Объекти суғурта бошад, манфиатҳои молумулкӣ ё шахсии ғайримолумулкии суғурташаванда буда, дар шартномаи суғурта пешбинӣ карда мешавад.Ташкилоти суғуртавӣ вазифаҳои арзёбии таваккалҳои суғуртавӣ, гирифтани ҳаққи суғуртавӣ, ташаккул додани захираҳои суғуртавӣ, пурра намудани дороиҳо, муайян намудани андозаи зиён ё зарар, анҷом додани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) ва дигар амалҳои вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои шартномаи суғуртаро амалӣ менамояд. Онҳо ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд. Ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар шакли ҷамъияти саҳомӣ ва ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд, ташкилоти давлатии суғуртавӣ бошад дар шакли корхонаи воҳиди давлатӣ таъсис дода мешавад(м. 8 Қонун дар бораи фаъолияти суғуртавӣ). Ҷамъияти суғуртаи мутақобила тибқи Қонуни ҶТ аз 5 августи соли 2009 «Дар

---

[130] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2016, №7, мод.627, соли 2018, №1, мод.19; соли 2019, №1, мод.20.

бораи суғуртаи мутақобила»[131] ташкилоти ғайритиҷоратие мебошад, ки суғуртаи молумулк ва манфиатҳои дигари молумулкии аъзои худро амалӣ менамояд. Аз мафҳумҳои ташкилотҳои суғуртавӣ ва ҷамъияти суғуртаи мутақобила маълум мегардад, ки фарқият дар байни онҳо мавҷуд аст. Чунин фарқият аз он иборат аст, ки ташкилоти суғуртавӣ дар асоси касбӣ ба фаъолияти суғуртавӣ машғул шуда, хизматҳои суғуртавиро ба шахсони сеюм (суғурташаванда, шахси суғурташуда) расонида, ҷамъияти мутақобила бошад суғуртаи молумулк ва манфиатҳои дигари молумулкии аъзои худро анҷом медиҳад.

Субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ иштирокчиёни бозори суғурта мебошанд. Иштирокчиёни касбии бозори суғурта ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ), брокери суғуртавӣ, ташкилотҳои актуалӣ, адҷастерӣ, сюрвейери суғуртавӣ шуда метавонанд. Фаъолияти иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар асоси иҷозатномаи мақоми ваколатдори давлатӣ амалӣ мегардад, ба истисноi фаъолияти актуарийҳо, ки аз ҷониби мақоми мазкур аттестатсия карда мешавад. Маълумот дар бораи иштирокчиёни касбии бозори суғурта бо тартиби муқарраркардаи мақоми ваколатдори давлатии назорати суғуртавӣ ба Феҳристи ягонаи давлатии иштирокчиёни касбии бозори суғурта ворид карда мешавад. Фаъолияти суғуртавӣ дар асоси шартномаи суғурта анҷом дода мешавад. Шартномаи суғурта шартномае мебошад, ки тибқи он суғурташаванда уҳдадор аст ҳаққи суғуртавиро мутобиқи шартнома пардохт намояд ва ташкилоти суғуртавӣ уҳдадор аст ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавии бо шартнома пешбинишуда ба суғурташаванда ё шахси сеюм (фоидагиранда), ки ба фоидаи ӯ шартнома баста шудааст, пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро)

[131]Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №7-8, мод. 495 ;Қонуни ҶТ аз 8.08.2015 с., № 1224.

анҷом диҳад. Ҳангоми бастани шартномаи суғурта ташкилоти суғуртавӣ намуди суғуртаро дар шакли ҳуҷҷати дахлдор таҳия намуда, ба суғурташаванда дар доираи як ё якчанд гурӯҳҳои суғурта пешниҳод менамояд.Ташкилоти суғуртавӣ ҳуқуқ дорад танҳо баъди бо мақоми ваколатдори давлатии назорати суғуртавӣ мувофиқа намудани қоидаҳои суғурта ва гирифтани иҷозатнома бо тартиби муқарраргардида, фаъолият оид ба бастани шартномаи суғуртаро дар шакли шартномаи ҳамроҳшавӣ бо додани полиси суғуртавӣ ба суғурташаванда амалӣ намояд.

Иштирокчиёни касбии бозори суғурта бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти худ, муаррифӣ ва ҳимояи манфиатҳои умумии аъзои худ метавонанд иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо ва пулҳо таъсис диҳанд (м. 9 Қонуни ҶТ дар бораи фаъолияти суғуртавӣ). Ҳамин тавр, иштирокчиёни касбии бозори суғурта дар қатори иттифоқҳо, ассотсиатсияҳо, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мебошанд, пулҳо таъсис диҳанд.Пулҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) иттиҳодияи ташкилотҳои суғуртавие (азнавсуғуртакуние) мебошанд, ки фаъолияти суғуртавиро аз рӯи намудҳои алоҳидаи суғуртавӣ ё таваккалҳои суғуртавӣ дар асоси шартномаи фаъолияти якҷоя (рафоқати оддӣ) бо мақсади таъмини устувории фаъолияти суғуртавӣ бо таври муштарак амалӣ менамоянд.Пулҳои суғуртавӣ барои таъмини устувории молиявии иштирокчиёни он, аз тарафи онҳо иҷро намудани уҳдадориҳо оид ба пардохти суғуртавӣ (пардохти ҷуброни суғуртавӣ), ки ҳаҷмашон метавонанд аз маблағҳои худии (сармояи) як ташкилоти суғуртавӣ зиёд бошанд, таъсис ёфта, дар асоси принсипҳои суғуртаи муштарак ё азнавсуғуртакунӣ амал менамоянд. Пулҳои азнавсуғуртакунӣ барои васеъ намудани имкониятҳои молиявии аъзои худ тавассути аз тарафи онҳо амалӣ намудани азнавсуғуртакунии қисми барзиёдии нигоҳдории шахсии аъзои пул аз рӯи шартномаи суғурта созмон дода мешаванд. Уҳдадориҳо оид ба пардохти суғуртавӣ (пардохти ҷуброни суғуртавӣ), ки аз маблағҳои худи (сармояви)-и аъзои пули

суғуртавӣ барзиёданд, аз номи пули суғуртавӣ барои азнавсуғуртакунӣ дода мешаванд. Иштирокчиёни пули азнавсуғуртакунӣ ташкилотҳои суғуртави (азнавсуғуртакуни)-и дорои иҷозатнома барои амалисозии азнавсуғуртакунӣ, инчунин, ташкилотҳои хориҷии азнавсуғуртакунӣ буда метавонанд. Шумораи иштирокчиёни пули суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) маҳдуд нест (м. 10 Қонуни ҶТ дар бораи фаъолияти суғуртавӣ. Тибқи қ. 1 м. 1064 КМ ҶТ объекти суғурта мумкин аст аз рӯи як шартномаи суғурта бо иштироки ду ва якчанд суғуртакунанда (суғуртаи бисёркарата) суғурта карда шавад. Агар дар чунин шартнома ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳар яке аз суғурташавандаҳо муайян карда нашуда бошад, онҳо барои пардохти ҷуброни суғуртавӣ аз рӯи шартномаи суғуртаи молумулк ё маблағи суғуртавӣ аз рӯи шартномаи суғуртаи шахсӣ ҷавобгарии муштарак доранд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ пули суғуртавӣ ҳамчун муваққатан дар асоси принсипҳои суғуртаи дубора муттаҳид шудани ширкатҳои суғуртавӣ барои якҷоя суғурта намудани таваккалҳои хатарнок, калон, номуайян ва ғайра фаҳмида мешавад. Чи тавре ки мебинем таснифи мафҳуми истилоҳи «иттиҳодия» нисбат ба мафҳуми дар Кодекси маданӣ додашуда фарқ менамояд. Дар таҷрибаи байналхалқӣ бошад, истилоҳи пули суғуртавӣ паҳнгашта мебошад. Суғуртаи таваккалӣ техногенӣ ва экологии калон, ядроӣ ва ғайра дар доираи иттиҳодияҳои суғуртаи дубора, ба монанди пулҳои суғуртавӣ бомуваффақият гузаронида мешавад[132].

Ҳамзамон, дар қонунгузории ҶТ дар моддаи 1081 КМ ҶТ ва моддаи 1 Қонуни ҶТ дар бораи фаъолияти суғуртавӣ истилоҳи азнавсуғуртакунӣ истифода бурда мешавад. Азнавсуғуртакунӣ тибқи моддаи 1 Қонуни ҶТ дар бораи фаъолияти суғуртавӣ фаъолияти як ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба ҳимояи манфиатҳои молумулкии

---

[132] Агеев Ш. Р., Васильев Н. М., Катырин С. Н. Страхование: теория, практика и зарубежный опыт. -М., 1998.- С. 274-275.

ташкилоти суғуртавии (азнавсуғурташавандаи) дигар, ки бо базиммагирии уҳдадориҳо аз тарафи охирин ҷиҳати анҷом додани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) аз рӯи шартномаи суғурта алоқаманд мебошад. Азнавсуғуртакунӣ дар асоси шартномаи байни суғурташаванда ва азнавсуғурташаванда амалӣ карда мешавад. Тибқи қ.1 м. 1081 КМ ҶТ таваккали пардохти ҷуброни суғурта ё маблағи суғурта, ки суғуртакунанда мувофиқи шартномаи суғурта ба зиммаи худ қабул кардааст, метавонад аз ҷониби ӯ пурра ё қисман дар назди дигар суғуртакунанда (суғуртакунандагон) тибқи шартномаи бо охирин басташуда аз нав суғурта карда шавад. Чи тавре ки мебинем, дар қонунҳои зикршуда мафҳумҳои гуногуни азнавсуғуртакунӣ истифода бурда мешавад, ки зарурияти якхела дар қонунгузорӣ истифода бурдани онҳоро тақозо менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҳангоми азнавсуғуртакунӣ ва суғуртаи дубора дар танзими ҳуқуқиашон як қатор умумиятҳо мавҷуд аст. Умумияти онҳо аз он иборат аст, ки онҳо ба шумораи иттиҳодияҳои шахсони ҳуқуқӣ дохил нашуда, дар асоси шартнома амал менамоянд. Ҳамзамон, доир ба фарқият аз суғуртаи дубора барои азнавсуғуртакунӣ нишонаҳои зерин хос мебошад. Аввалан, азнавсуғуртакунӣ дар маънои васеъ аз тарафи суғуртакунанда додани қисми таваккали худ ба суғуртакунанда (азнавсуғуртакунанда) мебошад. Ҳамон як таваккал мумкин аст ба якчанд азнавсуғурташаванда дода шавад.Тибқи қ. 4. м. 1081 КМ ҶТ ба таври муттасил бастани як ё якчанд шартномаи аз нав суғурта кардан иҷозат дода мешавад. Ҳамин тавр, ҳимояи партфели суғуртавӣ аз таъсири ҳодисаҳои калони суғуртавӣ таъмин карда мешавад. Зеро, пардохти маблағи ҷубронӣ суғуртавӣ дар ин ҷо дастаҷамъона аз тарафи ҳамаи иштирокчиёни азнавсуғуртакӯнӣ амалӣ карда мешавад.

Сониян, танзими маданӣ ҳуқуқии азнавсуғуртакунӣ бо таври истисноӣ дар асоси шартномаи байни ташкилоти азнавсуғуртакунӣ ва суғуртакунанда анҷом дода мешавад. Ин хусусияти азнавсуғуртакунӣ дар он ифода меёбад, ки

суғуртакунандаи бо азнавсуғуртакунанда шартнома дар бораи азнавсуғуртакунӣ баста дар назди суғуртакунанда дар ҳаҷми пурра дар доираи шартномаи суғурта ҷавобгар мемонад. Баъдан, ба сифати азнавсуғуртакунанда ташкилоти суғуртавӣ баъди гирифтани иҷозатномаи махсус ва риояи талаботи қонунгузорӣ баромад карда метавонад.

Ба назари мо хуб мебуд, ки муқаррарот оид ба суғуртаи дубора ва азнавсуғуртакунии дар Кодекси маданӣ пешбининамударо бо қоидаҳои пулҳои суғуртавӣ, ки дар қонунгузории ҶТ ва хориҷӣ бо таври васеъ истифода бурда мешавад, ба ҳам мувофиқ намоем.

Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ҳуқуқ доранд тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои фаръии худро таъсис диҳанд. Ташкилоти фаръии суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) уҳдадор аст, ки дар номи худ калимаи «фаръӣ»-ро нишон диҳад ва номи ташкилоти суғуртавии (азнавсуғуртакунии) асосиро истифода барад.

Дар бозори суғурта, инчунин, брокерҳо ва агентҳои суғуртавӣ иштирок менамоянд. Брокери суғуртавӣ шахси воқеӣ ё ҳуқуқие мобошанд, ки фаъолиятро оид ба хизматрасонии брокери суғуртавӣ барои анҷом додани амалиёти ҳуқуқӣ ва дигар амалҳо нисбати бастан, тағйир додан, қатъ намудан ва иҷрои шартномаҳои суғуртаро бо супориши шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ (суғурташавандагон) аз номи худ, вале аз ҳисоби шахсони мазкур ё иҷрои амалиёти ҳуқуқӣ, ё дигар амалҳоро нисбати бастан, тағйир додан, қатъ намудан ва иҷрои шартномаҳои суғурта (азнавсуғуртакунӣ) аз номи суғурташавандагон (азнавсуғурташавандагон) ё ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва аз ҳисоби онҳо иҷро менамояд, инчунин, фаъолияти машваратиро оид ба масъалаҳои суғуртавӣ анҷом медиҳад. Агенти суғуртавӣ бошад, шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад, ки фаъолиятро оид ба ташкили бастани шартномаҳои суғурта аз ном ва бо супориши ташкилоти суғуртавӣ анҷом медиҳад.

Ба ҳайси актуарий шахси воқеие баромад менамояд, ки фаъолиятро оид ба ҳисобҳои иқтисодию риёзӣ ба таври касбӣ тибқи шартномаи меҳнатӣ ё маданӣ амалӣ менамояд. Ташкилоти актуарӣ бошад шахси ҳуқуқие мебошад, ки дорои мутахассисони соҳиби ҳуҷҷати иҷозатдиҳандаи аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ додашуда мебошад ва фаъолият оид ба анҷомдиҳии ҳисобҳои иқтисодию риёзии ҳаҷми ӯҳдадориҳо, меъёри мукофотҳои (ҳаққи) суғуртавиро аз рӯи шартномаҳои суғурта ва азнавсуғуртакунӣ, инчунин, арзёбии фоидаоварӣ ва даромаднокии намудҳои суғурта, ки аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) гузаронида мешаванд ё ба нақша гирифта мешаванд, бо мақсади таъмин намудани сатҳи зарурии пардохтпазирӣ ва устувории молиявии ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) анҷом медиҳад.

Ба ҳайси адҷастер шахси воқеие баромад менамояд, ки бо арзёбӣ ва танзими зарарҳо машғул буда, намояндаи ваколатдори ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) мебошад. Ташкилоти адҷастерӣ шахси ҳуқуқие мебошад, ки манфиатҳои ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба танзими эродҳои аз ҷониби суғурташаванда пешниҳодшударо вобаста ба ҳодисаи суғуртавӣ намояндагӣ менамояд, инчунин, таваккалро баъди ҳодисаи суғуртавӣ арзёбӣ намуда, ӯҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ба асос гирифта, маблағи ҷуброни суғуртавиро муайян менамояд ва хулосаи экспертӣ тартиб медиҳад.

Сюрвейери суғуртавӣ фаъолияти худро мутобиқи шартномае, ки бо ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ё суғурташаванда бастааст, иҷро менамояд. Сюрвейери суғуртавӣ ҳуқуқ надорад, ки ба сифати ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) амалиёти суғуртавӣ ва азнавсуғуртакуниро анҷом диҳад, фаъолияти миёнаравиро оид ба суғуртакунӣ амалӣ намояд ва дар фондҳои оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) саҳмгузор бошад.

Қобилияти ҳуқуқдории ташкилотҳои суғуртавии хусусӣ махсус мебошад. Ташкилотҳои суғуртавии оммавӣ (фондҳои ғайрибуҷетие, ки суғуртаро амалӣ менамоянд) ва ҷамъиятҳои мутақобилаи суғуртавӣ ҳамчун ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ низ махсус мебошад.

# БОБИ 7. ҲОЛАТИ ҲУҚУҚИИ КОРХОНҲОИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ҲАМЧУН СУБЪЕКТИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРӢ

Корхонаҳои давлатӣ аз ҷумлаи ташкилотҳое мебошанд, ки молумулкашон аз рӯи саҳми иштирок тақсим намешаванд. Молумулкӣ ин корхонаҳо ягона ва умумӣ мебошад. Барои ҳамин нисбати онҳо истилоҳи на «корпоратсия», балки «корхонаи давлатӣ» истифода бурда мешавад. Корхонаи давлатӣ бо ҳамин хусусияташ аз ташкилотҳои корпоративӣ, аз ҷумла ширкату ҷамъиятҳо, ки молумулкашон аз рӯи саҳми иштирок дар он тақсим мешаванд, фарқ мекунад.

То қабули қисми аввали Кодекси гражданӣ (с.1999) корхонаҳои давлатӣ дар заминаи ҳамагуна шакли моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ, корхонаҳои ҷамъятӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ ташкил шуда метавонистанд. Вале баъди қабули Кодекси маданӣ мутобиқи м. 308-уми он корхонаи давлатӣ танҳо дар заминаи моликияти ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ ташкил шуда метавонад. Бо ҳамин ҳолати ҳуқуқии молумулки корхонаҳои давлатӣ низ муайян мешавад.

Бояд қайд намоем, ки то қабули Кодекси маданӣ дар таҳрири нав, Кодекси гражданин соли 1999 қабулкардашуда ва Қонуни ҶТ аз 28 феврали соли 2004 «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ»[133]. корхонаҳои давлатиро ба «корхонаҳои воҳиди давлатӣ» ва «корхонаи махсусӣ давлатӣ» ҷудо менамуданд. Баъди дар таҳририӣ нав қабул карда шудани Кодекси маданӣ боби 4, §10 он «Корхонаҳо воҳиди давлатӣ» номгузорӣ карда шуд. Акнун тибқи м. 121 КМ корхонаҳои воҳиди давлатӣ ба намудҳои корхонаи воҳид бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ва корхонаи махсус бо ҳуқуқи идораи оперативӣ ҷудо карда шуданд. Дар натиҷа

[133] Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2004, №2, мод. 42; соли 2008, №10, мод.807.

мухолифат дар бани кодекси маданӣ ва Қонуни ҶТ дар бораи корхонаҳои давлатӣ бавуҷуд омад. Зеро, Қонун дар фарқият ба Кодекси маданӣ корхонаҳои давлатиро ба “корхонаи воҳиди давлатӣ” ва “корхонаи махсус” ҷудо менамояд. Аз инҷо заруряят ба мутобиқ намудани онҳо ба миён меояд.

Дар асоси Кодекси маданӣ корхонаи воҳиди давлатӣ танҳо дар заминаи моликияти ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ ташкил карда шуданаш мумкин аст (м. 296). Аз ин ҷо корхонаҳои воҳиди давлатӣ ба корхонаҳои ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ ҷудо мешаванд.

Корхонаи воҳидӣ давлатӣ бо қарори соҳибмулк ташкил карда мешавад ва аз рӯи оинннома амал мекунад. Азбаски он на дорандаи ҳуқуқи умумӣ, балки қобилияти махсуси соҳибҳуқуқӣ дорад дар Оинномааш дар қатори дигар маълумотҳо бояд соҳа ва мақсади фаъолияти корхона низ нишон дода шавад. Дар ин ҳолат таъин кардани на танҳо соҳа, балки мақсади фаъолияти корхона комилан асоснок аст, зеро корхонаи воҳиди давлатӣ на танҳо барои ба даст овардани фоида, балки барои қонеъ гардонидани талаботи умумии ҷамъиятӣ ташкил шуда метавонад.

Ҳангоми фоидаовар набудани ин ё он соҳаи фаъолияти хоҷагӣ, корхонаи воҳиди давлатӣ соҳаи фаъолияти хешро дигар карда метавонад. Алалхусус, ин ба чунин намуди корхонаҳои воҳиди давлатӣ, мисли корхонаҳои махсуси давлатӣ бо ҳуқуқи оперативии идоракунӣ хос аст, ки аз ҳисоби буҷети давлат маблағгузорӣ мешаванд.

Корхонаҳои воҳиди давлатӣ соҳиби аслии молумулки худ намебошанд. Молумулки онҳо ба давлат ё воҳиди ҳудудию маъмурӣ тааллуқ дорад. Ин корхонаҳо ба молумулки ба онҳо вобасташуда ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ё ҳуқуқи идораи оперативӣ доранд. Аз ин нуқтаи назар корхонаҳои воҳиди давлатӣ ба корхонаи воҳиди дорои ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ва корхонаи давлатии дорои ҳуқуқи идораи оперативӣ ҷудо мешаванд. Пешбурди хоҷагидорӣ ҳуқуқи маҳдуди молии корхонае мебошад, ки аз давлат чун

молик молумулкро гирифтааст ва дорои ҳуқуқи соҳибӣ кардан, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани ин молумулк мебошад. Ҳуқуқи идоракунии оперативӣ ҳуқуқи маҳдуди молии корхонаи воҳидӣ давлатӣ нисбати молумулке мебошад, ки аз молик мутобиқи мақсадҳои фаъолияти худ, супоришҳои молик ва таъиноти молумулк гирифтааст ва дорои ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории ин молумулкро дорад.

Мақомоти идоракунандаи корхонаи воҳиди давлатӣ роҳбари он аст, ки аз ҷониби соҳиби моликият (мақомоти аз ҷониби ӯ ваколатдор) таъин карда мешавад. Роҳбари корхонаи воҳиди давлатӣ вобаста ба оне, ки корхона дар асоси ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ фаъолият дорад, ё корхона фаъолияти худро дар асоси ҳуқуқи идораи оперативии молумулк ба роҳ мондааст, ба мақомоти марбутаи давлатӣ ё мақомоти худидораи маҳалҳо, ки фаъолияти корхонаҳоро назорат менамояд ва ба фаъолияти онҳо бо роҳу усулҳои мухталиф таъсир мерасонад, тобеъ буда ба он ҳисобот медиҳад.

Бо вуҷуди аз ҷиҳати моликият (молумулк) то андозаи муайян мустақил будани корхонаи давлатӣ моликияти он ҷумҳуриявӣ ё коммуналӣ мебошад. Зимнан, тамоми моликияти ҳам дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда ва ҳам дар қаламрави воҳидҳои ҳудудию маъмурии он Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳрҳо воқеъбуда моликияти давлатӣ ҳисобида мешавад. Дар номи фирмавии корхонаи давлатӣ бояд нишондод ба корхонаи воҳиди давлатӣ ё корхонаи махсуси воҳиди давлатӣ ифода ёфта бошад.

Корхонаҳои воҳиди давлатӣ бо қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ ё мақомоти худидораи маҳаллӣ таъсис дода мешаванд. Корхонаҳои воҳидӣ давлатӣ дорои мустақилияти хоҷагидорӣ мебошанд. Воқеан, он бо соҳа ва мақсади фаъолияте, ки оинномаи корхона муқаррар кардааст, маҳдуд мешавад. Ва дар ҳамон ҳудуд корхона масоили фаъолияти хоҷагиро мустақилона ҳал мекунад. Мақомоти давлатӣ бояд ба фаъолияти хоҷагии онҳо дахолат накунанд.

Мустақилияти хоҷагидорӣ ва молии корхонахои воҳидӣ давлатӣ бо он таъмин мегардад, ки ҳуқуқи соҳибмулкии дар ихтиёри он корхона мавҷудбуда, бо қонун маҳдуд карда шудааст. Мутобиқи м. 281 КМ молики чунин молумулк ҳуқуқ дорад, дар бораи таъсис , markazнавташкилкунӣ, барҳам додани корхона қарор қабул намояд, соҳа ва мақсади фаъолияти корхонаро муайян намояд, қисми фоидаро бигирад, фаъолияти корхонаро назорат намояд. Корхона ба молумулки ба он вобасташуда ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардан дорад. Чунин салоҳият дар иртибот ба молу мулки ғайриманқул (асосӣ) амалӣ намешавад. Корхона бе розигии соҳибмулк ҳуқуқ надорад, ки молумулкашро фурӯшад, ба иҷора диҳад, гарав гузорад, ҳамчун саҳм (ҳисса, амонат) ба сармояи оинномавӣ ва молумулки ҷамъиятҳо гузорад. Барои содир намудани чунин ҳаракатҳо розигии Кумитаи давлатии амволро гирифтан зарур аст.

Чи тавре ки дар боло қайд намудем, яке аз намудҳои корхонаи воҳиди давлатӣ, корхонаи воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ мебошад. Мутбиқи м. 122 КМ ҶТ корхонаи воҳиди давлатӣ гуфта, ташкилоти тиҷоратиеро меноманд, ки ҳуқуқи ба молумулки вобастакардаи молик соҳиб шуданро надорад. Корхонаи воҳиди давлатӣ дар соҳаҳои тарҳрезӣ, истеҳсол ва таҳлили маҳсулот барои эхтиёҷоти давлат, барҳамдиҳӣ ва коркарди воситаҳои ҳарбию-техникии бекоршуда, тайёр кардан ва фурӯхтани доруворӣ, воситаҳои талаботӣ, таҷҳизот ва асбобҳои тиббӣ, анҷом додани фаъолияти хоҷагидорӣ дар соҳаи таъмини нерӯи барқ, об, гармӣ ва газ, дар соҳаи бонкӣ, суғуртавӣ ва дигар фаъолияти карзию молиявӣ, расонидани хизмат тавассути нақлиёти роҳи оҳан ва истифодаи умумӣ, кашонидани бор ва мусофирон ба воситаи нақлиёти ҳавоӣ, анҷом додани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи табиат, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, илм, фарҳанг, варзиш ва дигар соҳаҳое, ки қонунгузорӣ, пешбинӣ намудааст, фаъолият намоянд.

Молумулке, ки ба корхона ҳангоми таъсиси он вобаста мешавад, фонди оинномавиро ташкил медиҳад. Ҳадди

ақалли фонди оинномавии корхонаҳои воҳиди давлатии аз андозаи панҷсадкаратаи ҳадди ақалли музди меҳнат кам буда наметавонад (м.21 Қонун).

Фонди оинномавии корхонаи воҳиди давлатӣ бояд то қайди давлатӣ пурра пардохта шавад. Дар ин иртибот тартиби пардохти фонди оинномавии корхонаҳои давлатӣ аз тартиби пардохти ташкилотҳои корпоративӣ, ки дар онҳо то қайди давлатӣ пардохти танҳо нисфи сармояи оинномавӣ муқаррар шудааст, фарқ мекунад. Ин ба принсипи баробарии шакли моликият, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад, ҳеҷ мувофиқат намекунад. Зеро чунин тартиб ба он оварда мерасонад, ки корхонаҳои воҳиди давлатӣ нисбат ба ташкилотҳои бар асоси моликияти хусусӣ таъсисёфта дар ҳолати нобаробарӣ қарор мегиранд. Фонди оинномавии корхона тамоми молумулк ва даромадҳои корхонаро дарбар намегирад. Ин молумулк, ки маъмулан дороии корхона (мол, фоида) ба ҳисоб меравад, вобаста ба муваффақияти кори корхона бештар ё камтар аз фонди оинномавӣ шуда метавонад. Тафовути байни фонди оинномавӣ ва фонд на танҳо байни молумулки корхонаҳои воҳиди давлатӣ, балки корхонаҳои шакли ҳуқуқиашон дигар низ гузаронида мешавад.

Фаъолияти корхонаи воҳиди давлатӣ аз ҳисоби даромади худи он ва аз рӯи нақшаи молиявии тасдиқкардаи соҳибмулк маблағгузорӣ карда мешавад. Корхонаи воҳиди давлатӣ аз ҳисоби даромади худ фаъолияташро ба роҳ монда, ва фоидае, ки баъди пардохти андозҳо ба даст медорорад, аз ҷониби он мустақилона бо тартиби пешбининамудаи оинномааш тақсим карда мешавад.

Корхонаи воҳиди давлатӣ мумкин аст ба корхонаи махсуси давлатӣ табдил дода шавад. Чунин табдилдиҳӣ барои корхонаи ҷумҳуриявӣ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои корхонаи коммуналӣ бо санади мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ сурат мегирад. Табдили корхонаи воҳиди давлатӣ ба корхонаи махсуси давлатӣ ҳангоми истифодаи ғайримақсадноки молумулки давлатӣ ва маблағҳо аз ҷониби корхонаи воҳиди давлатӣ, инчунин,

набудани фоида аз рӯи ҷамъбасти ду соли охир мумкин мебошад (м.34 Қонуни мазкур).

Корхонаҳои воҳиди давлатӣ метавонад корхонаи фаръӣ таъсис диҳанд (м.122 КМ ҶТ). Корхонаи давлатии фаръӣ аз ҳисоби қисми моликияти корхонаи воҳиди давлатӣ таъсис дода шуда ва фаъолият менамоянд (м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи корхонаҳои давлатӣ»). Онҳо аз ҳисоби қисми молумулки корхонаи асосие, ки онҳоро ташкил кардааст, фаъолият манамоянд.

Корхонаҳои фаръӣ ба мақсади тақсимшавӣ ё ҷудошавӣ аз корхонаи асосӣ бо сабаби талаботи қонунгузории зиддиинҳисорӣ; табдили филиалҳои корхонаи асосӣ ба шахсони ҳуқуқии дорои тавозуни алоҳида; таъсиси истеҳсолоти иловагӣ ва махсус барои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти асосӣ ва озод шудани корхонаи асосӣ аз навъҳои фаъолият ва функсияҳои бо мақсаду вазифаҳояш мувофиқнабуда таъсис дода мешаванд.

Молумулке, ки ба ихтиёри корхонаи фаръӣ вогузошта шудааст, дар ҳуқуқи хоҷагидории он мебошад. Корхонаҳои воҳид аз соҳиби моликият молумулкро барои хоҷагидорӣ гирифта, сипас онро барои истифода (хоҷагидорӣ) ба корхонаи фаръӣ медиҳанд. Корхонаи фаръӣ бар асоси оинномае, ки корхонаи муассис тасдиқ кардааст, амал менамояд. Роҳбари корхонаи фаръӣ аз ҷониби корхонаи воҳиде, ки ин корхонаро ташкил додааст, таъин карда мешавад. Корхонаи воҳиди муассис нисбати корхонаи фаръӣ ҳамон салоҳиятеро дорад, ки соҳибмулк нисбати корхонае, ки молумулкашро ба идораи хоҷагӣ гирифтааст.

Корхонаи фаръие, ки дар асоси молумулки корхонаи воҳид ташкил шудааст, аз рӯи уҳдадориҳои корхонаи воҳид ва корхонаи воҳид бошад, аз рӯи уҳдадориҳои корхонаи фаръӣ ҷавобгар намебошанд. Аз тартиби номбаршуда истисно мавҷуд аст, ки қ. 3 ва 4 м. 57 КМ ҶТ дар назар дорад. Тибқи он мутобиқи уҳдадории корхонаи фаръӣ дар сурати бо айби соҳиби моликият муфлис шудани он ҳам соҳиби моликият ва ҳам корхонаи фаръӣ масъулияти баробари моддӣ бар дӯш доранд. Аз ин ҷо аз рӯи уҳдадории корхонаи

фаръӣ айнан чунин масъулиятро корхонаи воҳид ба уҳда дорад, ба шарте ки сабабгори муфлисшавии корхонаи фаръӣ дастурҳои хатмӣ ва дигар супоришҳои додаи корхонаи воҳид гардида бошад. Дар асоси қонунгузории бисёр давлатҳо, аз он ҷумла Федератсияи Руссия, корхонаҳои давлатӣ дигар ҳуқуқи таъсис додани корхонаи фаръиро надоранд.

Намуди дигари корхонаҳои давлатӣ, корхонаҳои махсуси воҳиди давлатӣ ба ҳуқуқи идоракунии оперативӣ асосёфта ба шумор меравад, ки молумулки он ба давлат тааллуқ дорад. Вале ин молумулк ба корхона на дар асоси ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ, балки ҳамчун ҳуқуқи идораи оперативӣ вогузор гардидааст. Ин нисбати ҳуқуқи идораи хоҷагии молумулк барои идораи моликият имконияти камтар фароҳам меоварад. Аз ин рӯ, мустақилияти корхонаҳои махсуси воҳиди давлатӣ бо ҳуқуқи оперативии идоракунӣ нисбат ба мустақилияти корхонаи воҳиди давлатӣ, ки бар асоси ҳуқуқи пешбурди хоҷагии молумулкӣ фаъолият мекунанд, камтар аст.

Мутобиқи м. 123 КМ ҶТ корхонаҳои махсуси давлатӣ ба ҳуқуқи идораи оперативӣ дар асоси моликияти ҷумҳуриявӣ таъсис дода мешаванд. Чунин корхонаҳо дар соҳаҳои нигоҳдорӣ ва инкишофи шабакаи роҳҳои махсус дар вазъияти фавқулода ва садамавӣ ҳифз аз сӯхтор ва дигар фалокатҳои табиӣ, анҷом додани фаъолияти истеҳсолӣ дар муассисаҳои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, истеҳсоли корҳои топографию геодезӣ ва картографӣ анҷом додани фаъолияти истеҳсолию хоҷагидорӣ дар соҳаи тандурустӣ, ҳифзи табиат, маориф, ҳифзи иҷтимоӣ, илм, фарҳанг ва варзиш таъсис дода мешаванд.

Корхонаҳои махсуси воҳиди давлатии ба ҳуқуқи оперативии идоракунӣ асосёфта танҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳукуматҳои маҳаллӣ аз нав ташкил ё барҳам дода мешаванд. Ин тартибот аз қоидаи корхонаҳои воҳид бо ҳуқуқи пешбурдӣ хоҷагӣ амалкунанда, ки танҳо бо қарори ҳукумат таъсисёфта ё барҳам дода, аз нав ташкилшавиашон аз тарафи Кумитаи давлатии амвол амалӣ

шуда метавонанд, фарқ мекунад. Ҳамин тавр, тартиби азнавташкилкунии корхонаҳои махсуси воҳиди давлатӣ нисбат ба тартиби азнавташкилкунии корхонаҳои воҳиди дар асоси ҳуқуқи пешбурди идораи хоҷагӣ амалкунанда мутамарказтар аст.

Корхонаҳои махсуси воҳиди дивлатии ба ҳуқуқи оперативии идоракунӣ асосёфта шакли навъи ҳуқуқии корхонаҳо ба шумор меравад. Моҳияти асосии чунин корхонаҳо дар он аст, ки онҳо бовуҷуди фоида наовардан ва ҳатто аз ҷиҳати иқтисодӣ зараровар буданашон хароҷоти корхонаро аз ҳисоби буҷети давлатӣ пурра карда, фаъолияти хоҷагии барои давлат ва ҷамъият заруриро анҷом медиҳанд.

Корхонаи махсуси воҳиди давлатӣ дар асоси оинномаи тасдиқкарда амал менамояд. Тартиби тасдиқи чунин оинннома нисбат ба тартиби тасдиқи оинномаи корхонаҳои воҳид, ки бар асоси ҳуқуқи идораи хоҷагии молу мулк амал мекунанд, мутамарказтар мебошад. Оинномаи онро на ҳукумат, балки вазорат ва идораи марбут тасдиқ мекунад.

Мустақилияти корхонаи махсуси воҳиди давлатии ба ҳуқуқи идораи оперативӣ асосёфта аз ҷиҳати молумулк ниҳоят маҳдуд аст. Мутобиқи м.123 КМ ҶТ корхонаи махсуси воҳиди давлатӣ ҳуқуқи идораи танзими молу мулки ба ӯ вогузоштташударо дошта, он молумулкро метавонад дар доираи қонун мувофиқи мақсаду мароми фаъолияти худ, супоришҳои соҳиби моликият ва таъиноти молумулки дар ихтиёраш буда истифода барад ва идора намояд. Зимнан, соҳиби моликият ҳуқуқ дорад, ҳангоми аз тарафи корхона суистифода гардидан ё аз рӯи мақсад истифода нашудани молу мулк онро ҳар вақт аз корхонаи давлатӣ кашида гирифта, мувофиқи хоҳиши худ идора намояд. Ҳамин тариқ, пояи моддии фаъолияти корхонаи махсуси воҳиди давлатӣ ниҳоят ноустувор аст.

Салоҳияти корхонаи махсуси воҳиди давлатӣ дар мавриди идораи молумулки ниҳоят маҳдуд аст. Аслан чунин корхонаҳо танҳо бо мувофиқаи соҳиби моликият молумулкро идора карда метавонанд. Корхонаи махсуси воҳиди давлатӣ фақат дар иртиботи як категорияи молумулк

- маҳсулоти тайёр салоҳияти бастани шартномаи хариду фурӯшро дорад (м. 338 КМ ҶТ). Вале дар ин маврид ҳам вобаста ба тартиби банақшагирии фаъолияти корхонаҳои махсуси воҳиди давлатӣ маҳдудият вуҷуд дорад.

Корхона аз ҳисоби фоидаи худ ва дар мавриди нарасидани он аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мешавад. Барои чорабиниҳое, ки аз рӯи нақшаи рушди корхона доир мегарданд, аз ҳисоби буҷет маблағ ҷудо мешавад. Маблағи буҷетие, ки корхона дар давоми сол истифода намекунад, бояд ба буҷети давлат баргардонида шавад.

Фоидае, ки корхонаи махсуси воҳиди давлатӣ аз фурӯши маҳсулоти дар натиҷаи фаъолияти мустақилона ба вай рухсатдодашуда ба даст меорад, аз рӯи меъёрҳои муқарраршуда барои чорабиниҳои накшаи фармоишот ва нақшаи рушди корхона сарф карда мешавад. Маблағи боқимондаи фоида бояд ба даромади буҷети ҷумҳуриявӣ гузаронида шавад.

Корхонаи махсуси воҳиди давлатӣ аз рӯи уҳдадориҳои худ бо тамоми молумулки ба он вобаста ҷавобгар мебошад. Мутобиқи м. 123 КМ ҶТ дар сурати камомади молумулки корхонаи махсуси воҳиди давлатӣ, давлат низ аз рӯи уҳдадориҳои чунин корхонаҳо масъулияти иловагӣ ба зимма дорад.

**Адабиёти тафсияшаванд:**

1.Абдураҳимов С. К. Муассисаи таълимӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. - Душанбе, Ирфон, 2021.

2.Карагусов Ф. С. Правовое положение коммерческих организаций по законодательству Республики Казахистан.- Алматы, 2012.

3.Корпоративное право. Учебный курс. Второе издание, переработанное и дополненное /Отв. ред. доктор юридических наук И. С. Шиткина - М., 2006.

4.Қурбонов Қ. Ш. Ҳуқуқи гражданӣ. Китоби дарсӣ. - Душанбе, 2014.

5.Ломакин Д. В. Корпоративные правоотношения: общая теория и практика ее применение в хозяйственных обществах.М.: Статут, 2008.

6.Махмадшоев Ф. А. Правовое обеспечение индивидуального предпринимтельстваа в Республике Таджикистан.-Душанбе, 2012.

7.Муртазозода Ҷ. С. Танзими ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) дар Тоҷикистон: таҳқиқоти гражданӣ-ҳуқуқӣ. - Душанбе, 2022.

8.Очилова Ф. А. Гражданско-правовая ответственность в акционерных обществах по законодательству Республики Таджикистан. Монография. –Худжант, 2022.

9.Предпринимательское право в XX1 веке: истоки и преспективы.Монография./Под ред. Проф. С. С. Занкоского и Н. И. Михайлова.- Москва, 2018.

10.Предринимательское право Российской Федерации/Отв. ред.Е. П.Губин, П. Г.Лахно.-М.: Юристь, 2005.

11.Предринимательское право: учебник/отв. ред. В. В. Кванина.-Ростов н/д:Феникс, 2018.

12.Пулатов А. С. Правовое регулирование предпринимательской деятельности иностранных хозяйствующих субъектов на территории Республики Таджикистан. -Душанбе, 2014.

13.Раҳимзода М. З. Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ. -Душанбе, 2018.

14.Раҳимзода М. З. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон. Монография. -Душанбе, 2019.

15.Раҳимзода М. З., Сангинов Д. Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе, 2021.

6.Сангинов Д. Ш. Ҳуқуқи соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Китоби дарсӣ.-Душанбе, “Эр граф”, 2019.

17.Современное препринимательское право. Монография. /Отв. ред. И. В. Ершова.-Москва, 2014 .

18.Ҳуқуқи гражданӣ. Китоби дарсӣ. Қ. 1. /Зери таҳририи профессор Усмонов О. У.-Душанбе, 2001.

19.Ҳуқуқи манзил. Васоити таълимӣ./Зери таҳририи Узви АМИТ, д-ри илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Раҳимзода М. З. ва д-ри илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Меликов У. А.-Душанбе, 2021.

20.Шарипов И. М. Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Автореферати дисс., номзадӣ илмҳои ҳуқуқшиносӣ.-Душанбе, 2020.

*Ба матбаа супорида шуд 24.08.2023*
*Барои нашр имзо шуд 28.08.2023*
*Чопи офсетӣ. Ҷузъи чопӣ 11. Андоза 60х84 $^{1}/_{16}$.*
*Адади нашр 150 нусха. Супориши №108.*

МН «Дониш»

*Муассисаи нашриявии «Дониш»-и АМИТ*
*ш.Душанбе, 734063, кӯчаи Айнӣ, 299/2.*